ИСКАНДАР МИРЗО



# ЧОНИ ОЧА

ИСКАНДАР МИРЗО

# ҶОНИ ОЧА

*ҚИССАҲО ВА ҲИКОЯҲО*

ТОШКЕНТ
“YANGI NASHR”
2015

**УЎК: 821.222.8(08)**
**84(5Тож)7**
**М 31**

**Мирзо, Искандар**
Онанг ўргилсин. / И.Мирзо. / Масъул муҳаррир: Жаъфар Муҳаммад. – Тошкент: "Yangi nashr", – 2015. 160 бет.

КБК 84(5Тож)7

ISBN-978-9943-22-189-5

***Таҳия, танзим ва таҳрири:***
**Ҷаъфар Муҳаммад**

***Тақриздиҳандагон:***
Абдулло Тоҳириён,
*нависанда, номзади улуми таърих, доцент;*
Рамазон Абдуллоев,
*номзади улуми филологӣ, доценти ДДТ;*

*Искандар Мирзо солҳост, ки дар ҷодаи сухан бо пойи қалам қадам мезанад. Шеъру ҳикояҳои ӯ дар матбуъоти даврии кишвар ба забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ ба чоп расида ва манзури ҳаводорони каломи бадеъ гардидаанд. Дар ин маҷмӯъа беҳтарин қиссаҳо, ҳикояҳо ва ҳаҷвияҳои ӯ гирд омадаанд. Умедворем, ки он мавриди писанди табъу завқи шумо, хонандагони азиз қарор мегирад.*

ISBN-978-9943-22-189-5

© «Yangi nashr», 2015

## МУСАВВИРИ ТАФАККУР ВА ТАХАЙЮЛИ РАНГИН

Агар шоир носир шавад, чӣ мешавад? Бовар кунед, бозори нависандагони ҳирфаӣ, яъне, касбиро дучори касод мекунад. Чунон ки Саъдии Шерозӣ шоири беҳамтое буд, вале бо "Гулистон"-аш машҳуртар гардид. Фридрих Нитше – файласуфи олмонӣ дар ибтидо шоир буд, аммо бо "Чунин гуфт Зардушт"-аш дар ҷаҳон маъруф шуд. Расул Ғамзатов – шоири шаҳири доғистонӣ асаре мансур навишт бо номи "Доғистони ман" ва нависандагони он даврони шӯравиро дар доғ гузошт. Ё худ Ҷек Лондон – адиби бисёр машҳури инглис корашро бо шеър шурӯъ кард, вале бо романи "Мартин Иден" ва ҳикояҳои худ аз ҷумла, "Дар талоши ҳаёт" шӯҳрати бузурге пайдо кард. Устод Садриддин Айнӣ шоири соҳибистеъдоде буд, вале вақте, ки ба насрнависӣ гузашт, боз хубтар шуд: "Марги судхӯр", "Мактаби кӯҳна" ва "Ёддоштҳо"-яш ба дурдонаҳои мансури адабиёти ҷаҳон мубаддал гардид. Ин гуна мисолҳо дар таърихи адабиёт фаровонанд, вале қиссаи Искандар Мирзо як каме фарқ мекунад. Вай аз замоне, ки қаламбадаст аст, дар дардкашиву дардбардорӣ аламбадаст аст. Яъне, дардҳое дорад, ки баъзеҳояш дар қолаби вазну қофия намегунҷанд ва дар натиҷа, аз нӯки хомаи номанигори ӯ нигоришҳое дар сурати парокандаву парешон рӯйи коғаз нузул мекунанд. Агар арзёбӣ карданӣ шавем ва гӯем, ки шеъри Искандар назар ба насраш ҷолибтар аст, пас аз хондани яке аз қиссаҳо ё ҳикояҳои ӯ мебинем, ки ниҳоят беадолатӣ кардаем. Он вақт маълум мешавад, ки доварӣ кардан кори соддае набудааст...

Вақте, ки пас аз ҳаждаҳ соли расо қиссаи "Офтоби Шаҳри Дил"-и Искандар Мирзоро бори дигар мехондам ва ҷо-ҷо қалам мерасондам, ба ёди айёми ҷавонии худ – давраи баъд аз донишҷӯӣ, фаъолият дар Телерадиокомпанияи вилояти Сурхондарё, тадрис дар Донишгоҳи

Давлатии Тирмиз, сӯҳбатҳои дилнишини дӯстони ҳамдил, мушоъираҳо ва нишастҳои маҳфили адабии “Чашмаи хуршед” афтодам. Ба ёдам расид, ки чӣ гуна дар яке аз рӯзҳои офтобӣ (агар иштибоҳ накунам, фасли баҳор буд) Искандар ако дар хонаи худ бо шавқу завқи беинтиҳо як даста мусаввадаро ба дастам доданду гуфтанд: “Устод, ина хонеду таҳрир кунеду фикратонро гӯед!” Ба он чашм давондам: сиёҳнавис аз аввалин сатрҳо маро ба худ хонд. Мавориди лозимро таҳрир ҳам кардам. Ба дасташон додаму гуфтам, ки аввал покнавис кунед. Дубора хондам. Он аввалин варианти қиссаи “Офтоби Шаҳри Дил”-и Искандар Мирзо буд, ки шӯру ҳаяҷону изтиробҳои як давраи муайяни ҷавонии мо – гурӯҳе аз дӯстонро ифода мекард...

Искандар Мирзо рӯйи ин асар солҳо гаштаву баргашта кор кард, онро сайқал дод ва ниҳоят, варианти комили онро ба ман тақдим намуд. Асар, мисли асари дигари Искандар – “Ҷони Оча”, ки асаре дорои колорити миллист, дар ҳоле буд, ки ба дӯши худ бемалол унвони “повест” (қисса)-ро мебардошт. Повести “Офтоби Шаҳри Дил” як достони мансури links мармуз аст: ҳадафи иҷтимоъии нависанда бо рамзу розҳои махуф, вале ниҳоят рангину дилнишин матраҳ мешавад. Мехонеду бидуни ихтиёр, ба ёди қиссаи “Ҳай ибни Яқзон”-и Сино ва маснавии “Мантиқ ут-тайр”-и Аттор меафтед ва мегӯед: Мешудааст! Нависед, мешудааст!

Равишҳои адабиву ҳунарӣ мисли символизм ва сюрреализм, ки имрӯз Аврупо худбоварона гумон мекунад, аз ихтироъоти ӯст, дар адабиёти форсизабони Машриқзамин аз мутуни бостонӣ чун “Авесто”, “Дарахти Ассурик”, аз достонҳои номбаршудаи Абӯалӣ Синову Шайх Аттор шурӯъ мешаванд, бо осори манзуму мансури Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ ва Бедили Абулмаъонӣ ба авҷ мерасанд, пас аз сукути чандасра бо шеърҳои Сӯҳроби Сипеҳрӣ ва қиссаву ҳикояҳои Баҳманёр дубора зинда мешаванд ва чуноне ки мебинем, бо асори

манзуму мансури адибони муъосир, аз ҷумла, бо қиссаи “Офтоби Шаҳри Дил”-и Искандар Мирзо идома пайдо мекунанд.

Искандар Мирзо дар ин қисса гуфтаниҳои ниҳоят зиёде дорад, қаҳрамонҳо ва персонажҳояш низ бисёранд, он қадар бисёранд, ки хонанда саргум мешавад. Вале дар асл, ин ҳама қаҳрамонҳову персонажҳо ҷуз “Ман”-у “манак”-ҳои се-чор нафар беш нестанд. Ва агар боз ҳам амиқтар, андешамандонатар нигоҳ кунем, боварӣ ҳосил мекунем, ки ин ҳама қаҳрамонҳо ва персонажҳо – Дил, Ақл, Андеша, Эҳсос, Виҷдон, Иймон, Сабаб, Оқибат, Шараф, Ғурур, Таскин, Таваккул, Сарнавишт, Орзу, Ормон, Орият; Гуноҳ, Малулӣ, Ҳасрат, Интиқом, Фитна, Ғазаб, Нафрат, Адоват, Хиёнат, Ҳасад, Ғурбат, Касофат, Таъна, Ситойиш, Фалокат, Ҳалокат... дар асл ламаъоте аз “мавҷудот”-и мутазодди олами ботинӣ – хӯю хислатҳои ҳамида(сутуда) ва замима (накӯҳида), эҳсосу андешаҳои нозуку тунди ҳамон як Инсони воҳиданд, ки бо тобишҳои рангоранг ҷилванамоӣ мекунанд ва дар вуҷуди як Инсон ҳамеша, то охири умр бо ҳамдигар дар талошу набарданд. Яъне, мубоеризаҳои мудовом ва шадиди байни Аҳуромаздо ва Аҳриман, набардҳои байни Нур ва Зулмат, Хайр ва Шарр, Некӣ ва Бадӣ, ки дар аввалкитоби мо – “Авесто” табйин гардидааст, дарунмояи аслии асари мазкурро ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, повести “Офтоби Шаҳри Дил” як асари маҷозӣ-фалсафии дорои рӯҳияи лирикӣ ва таҳлилҳои психологӣ мебошад. Муаллиф тавассути ин асар худро ба унвони як мусаввири тасовири тахайюлӣ ва тасаввурӣ муъаррифӣ мекунад. Забон ва шеваи нигориши ин повест шоирона аст: тақрибан дар ҳар як ҷумла таъбире ба истиқболи шумо меояд ва агар баъзе аз ин гуна таъбирот чун *“Шаҳри Дил”, “Дарёи Дил”, “Соҳили Дил”*... ба гӯши шумо ошно бошанд, қисмати бештари ин гуна таъбироти шоирона аз қабили: *“Сипаҳбуди Хаёл”, “Хонаи Сабаб”, “Лашкари Андеша”,*

*“Лашкари Хоб”, “Мардуми Таскин”, “Мардуми Шараф ва Ғурур”, “Мардуми Орзу”, “Мардуми Виҷдону Иймон”, “Ҳарами Андеша”, “Забони Дил”, “Бодпойи Вақт”, “Каргаси Марг”, “Дарахти Дил”, “Шохборони Ноком̄ӣ”, “Занбӯрҳои Хомӯшӣ”, “Ғуборҳои Алам”, “Тарозуи Имкон”, “Киштиҳои Андеша”, “Уқёнуси Эҳсос”, “Селобҳои Изтироб”, “Асабҳои Нафрат”, “Тӯфонҳои Гуноҳ”, “Сиёҳабрҳои Адоват”, “Ҷароҳати Таъна”, “Осмони Ормон”, “Абрҳои Малулӣ”, “Мурғони Таваккул”*... ё комилан, ё қисман тару тозаанд ва аз ин ҷо мебинем, ки образофаринӣ ва тасвирсозиҳои муаллиф тавъам бо ҳисомезии латифи шоирона аст.

Искандар Мирзо чӣ дар повестҳояш ва чӣ дар ҳикояҳояш аз воситаҳои адабӣ чун диалог ва монолог ниҳоят фаровон истифода мебарад. Хусусан, диалогҳое, ки ӯ дар повести “Ҷони Оча” ва дар баъзе аз ҳикояҳояш истифода бурдааст, ҳам барои тасвири портрети қаҳрамони адабӣ (ё персонаж), ҳам барои кушода додани характери он хидмат мекунанд. Повести “Ҷони Оча”-и ӯ асарест, ки бар асоси диалогҳо ё гуфтугӯҳои ду қаҳрамони асосӣ – Оча (Модар) ва Ҷони Оча (Писар) офарида шудааст. Хонанда дар ин асар тавассути диалогҳои Модару Писар шоҳиди ҳунар ва маҳорати баланди нависанда дар чеҳранигорӣ (портретофарӣ) ва офариниши характери қаҳрамонҳои асосӣ мегардад ва зина ба зина, аз суоле то ҷавобе, аз сӯҳбате то сӯҳбати дигари қаҳрамонҳои аслӣ, ба тадриҷ чеҳраи Модар, олами ботинии ӯ, меҳру муҳаббати беназири ӯро ба фарзандон (хусусан, ба Ҷони Оча – Писари маҳбуб), ба шавҳари худ, ба пайвандон, ба хоки бобоӣ, яъне, Дарбанд, ба ҳамдеҳагон, ҳамшаҳриён ва ҳамватанон, ҳамчунон, муҳаббати мутақобилаи сарқаҳрамони асар – Ҷони Очаро ба Модару Падар, хешону пайвандон, хоку дару боми бобоӣ ва ҳамватанон кашф мекунад. Бояд ёдоварӣ кард, ки чунон, ки аз номи маҷмӯъа низ бармеояд, қиссаи “Ҷони Оча” асари марказии ин силсила маҳсуб мешавад. Мун-

сифона бояд гуфт, ки повести “Ҷони Оча” чӣ аз лиҳози ҳаҷм ва чӣ аз лиҳози мазмуну мундариҷа, калонтарин ва арзишмандтарин асари Искандар Мирзост, ки дарбаргирандаи як силсила масоили иҷтимоӣ, ахлоқӣ, таърихӣ ва миллӣ мебошад. Нависанда дар ин асар аз ду методи адабӣ – реализм ва романтизм моҳирона истифода мебарад, вале ҷанбаи реалистии онро бештар тақвият мебахшад. Динамикаи тақвияти ҷанбаи реалистии асар то ҳадде  густариш меёбад, ки муаллиф дар баъзе аз мавридҳо ва ҳолатҳо бархе аз қисматҳои асарро (шояд дониста!) ба публитсистика (очерк) ва ҳатто дар баъзе ҳолатҳо ба як мақолаи оддӣ табдил медиҳад. Нависанда бо ин усул, яъне, бо ба ҳам омезиш додани услубҳои бадеъиву публитсистӣ мехоҳад, ки ҷанбаи ҳаётӣ, таърихӣ ва автобиографии асарро қавитар кунад. Ба хотири ҳамин, чунон ки дар қисматҳои охирии асар худаш ҳам таъкид мекунад, ҳамонанди “Доғистони ман”-и Расул Ғамзатов номи шахсҳо ва мавзеъҳои ҷуғрофиро тағйир намедиҳад, воқеъаҳоро низ бидуни дахолати тахайюл,ончунон, ки воқеъ шудаанд, баён менамояд. Воқеъаҳое, ки аз забони қаҳрамонони аслӣ ҳикоят карда мешаванд, номураттабанд: он чӣ ки рӯҳияи ҳамонлаҳзаинаи қаҳрамонҳои асар тақозо мекунад, ҳамон нақл карда мешавад.  Прототипҳои ин асар, чӣ ду қаҳрамони асосӣ ва чӣ даҳҳо персонажи ширкаткунанда дар хатти сюжети асар, ҳама воқеъӣ, яъне, шахсони таърихӣ ва ҳаётӣ мебошанд. Аз ҷумла, прототипи қаҳрамонҳои аслии асар – Оча – модари нависанда (Хадичабону), Ҷони Оча – худи нависанда (Искандар)  мебошанд. Вале, набояд фаромӯш кард, ки қисса жанри адабиёт, аммо очерк жанри журналистика аст. Пас, ҳар кадоме аз ин жанрҳо, ба ҷуз аз умумиятҳое, ки дар навъи наср ва ҷинси эпика дида мешаванд, қонуниятҳои хоси худро низ доранд. Аммо нависанда ин нуктаро фаромӯш мекунад ва дониста ё надониста, ба ихтилоти жанрҳои очерку қисса роҳ медиҳад.  Дуруст аст, ки баъзе аз нависанда-

гони мо очерки худро аз нав кор карда ба ҳадди повест расонидаанд, аммо бахше аз повести худро аз очеркҳои пароканда гирдоварӣ накардаанд. Дар натиҷаи ин амал бадеъияти қисматҳое аз повести "Ҷони Оча" то андозаи чашмрас коҳиш мехурад ва нависанда аз мақсад ва ҳадафи аслие, ки дар назди худ гузоштааст – тасвири ҳунарӣ ё бадеъии симо ва характери миллии Модар ҳамроҳ бо колорити хоси милливу қавмии тоҷикони водии Сурхондарё, хусусан, дарбандиён – як миқдор мунҳариф мегардад. Нависанда дар баъзе аз мавориде тасалсули тафаккур ва тахайюлро низ аз даст медиҳад ва дар натиҷаи он ба якпорчагии сюжет ё сохтори асар осеби қобили таваҷҷӯҳ мерасонад. Дар ҳар ду қисса ва ҳатто ҳикояҳои ин маҷмӯъа иҷтимоъиёт мавқеъи марказиро ташкил медиҳад. Яъне, нависанда дар ҳар як асари худ паёми хосе – гуфтаниеро ба аҳли ҷомеъа арза медорад ва дар аксар мавридҳо муваффақ ҳам мегардад. Масалан, паёми иҷтимоъии повести "Офтоби Шаҳри Дил" муборизаи беамони байни қувваҳои аҳриманӣ ва аҳурамаздоӣ, набардҳои мутазодди рӯҳии як инсон ва охируламр, пирӯзии зебоӣ бар зиштӣ, нур бар зулмат, некӣ бар бадиро дар бар бигирад, паёми иҷтимоъии нависанда дар повести "Ҷони Оча", ки дар як нигоҳ гӯё аз сӯҳбатҳои парокандаи Модару Писар дар атрофи "майда-чуйда"ҳои ҳаёти рӯзмарра иборат аст, як силсилаи гусастанопазирро ташкил медиҳад. Ин силсилаи ба ҳам муртабит аз пайванди занҷираи се замон – дирӯз, имрӯз ва оянда, аз посдошти хотираи поки гузаштагон, ҳифзи арзишҳои миллӣ, гум накардани меҳру оқибати инсонӣ, аз таъкиди муқаддасии оила, Ватан, дину иймон ва аз таъкиди гум шуда нарафтан, гум накардани ҳамдигар ва аз даст надодани ҳуввияти миллӣ дар панҷаи тундбоди беамони даврони глобализм иборат мебошад.

Забон ва шеваи баёни повести "Ҷони Оча" нисбат ба повести "Офтоби Шаҳри Дил", ки арз шуд ба сабке шо-

ирона ва то ҳадде мармузона нигориш ёфтааст, суннатитару содатар мебошад. Нависанда бо ин содабаёнии худ хостааст, фазои воқеъии замон ва макони хосро бо арзишҳои умумиинсониву миллӣ ва бо марказияти симои миллии як Модари мушфиқи дарбандӣ ба доираи тасвир бикашад. Сӯҳбатҳои хаёлӣ ва рӯъёии Ҷони Оча бо рӯҳи Оча бар сари қабр, таскин ёфтан ва дар баробари он боз ҳам пазмонтару ташнатар ба дидори Модар шудан, имдод талабидан аз рӯҳи азизон то ҳадде колорити миллии асарро таъмин намудааст. Агар нависанда дар повести аввалӣ аз усули "номанигорӣ"-и қаҳрамонҳо ва персонажҳо бештар истифода бурда бошад, дар повести "Ҷони Оча" ва дар баъзе аз ҳикояҳояш ҳам аз усули номанигорӣ ва ҳам аз унсурҳои усули ҳикоят андар ҳикоят дар ҳадди лозим истифода мебарад. Номаҳое, ки аз забони қаҳрамонҳо нигошта мешаванд, барои иктишофи олами ботинӣ, ҳолати рӯҳии онҳо, барои тасвири характери онҳо хидмат мекунанд. Дар номаҳо низ колорити миллӣ ба таври равшан эҳсос мегардад. Вале муаллиф ин ҳадро, яъне ҳифзи рангу бӯ ва таъму намаки фазои хоси миллиро аз оғоз то анҷоми асар натавонистааст ба таври муназзам ва мураттаб нигоҳ дорад. Камбудиҳое аз қабили қатъ шудани иртибот байни шахсҳо, воқеъаҳо ва ашёҳо, ҷаҳишҳои ногаҳонӣ аз баёни бадеъӣ ба баёни публитсистӣ як миқдор ба ваҳдати сохтор ва устухонбандии асарҳо латма зада бошанд, камтар истифода шудани ибора ва таъбирҳои хоси маҳаллӣ дар забони қаҳрамонҳо ва персонажҳо боиси як андоза камтар дамида шудани рӯҳи колорити миллӣ гардидаанд. Вале бо вуҷуди ин, дар повести "Ҷони Оча" лаҳзаҳо, саҳнаҳо ва гуфтугӯҳои мутаассир он қадар ҳам кам нестанд: хонанда дар ҷараёни мутолиъаи он гоҳо бидуни ихтиёр ба риққат меояд, дар чашмонаш об ҳалқа мезанад ва пас аз ба итмом расонидани он рӯҳан таскин меёбад.

Ҳикояҳои Искандари Мирзо ниҳоят кӯтоҳ, вале пурмӯҳтавоянд. Метавон гуфт, ки ҳикояҳои ӯ бештар ба

“новелла”, ки дар асл яке аз анвоъи жанри ҳикоя аст, шабоҳат доранд. Воқеъаҳое, ки дар ҳикояҳои ӯ ба риштаи тасвир кашида мешаванд, бо масъалаҳои иҷтимоъиву ахлоқӣ гиреҳ мехуранд, қаҳрамонҳо низ дар доираи ҷомеъаи воқеъӣ ҳаракат мекунанд. Масоили иҷтимоъиву ахлоқӣ дар баъзе аз ҳикояҳои ӯ аз қабили “Дарахтникоҳ” ва “Шишаи номус”, ки новеллагунаанд, бо тасвири манзараҳо ва лаҳзаҳои ҳузнангезу дарднок, бо қабзу басти рӯҳии қаҳрамонҳо, дар баъзе аз ҳикояҳои ӯ чун “Ҳақиқати афсона”, “Алвидоъ, Таъриф!”, “Дар сӯҳбати Дурӯғ” ва “Бозгашт ба асл” бо танзу мутойиботи сабук ва гиреҳкушоии содда матраҳ мешаванд.  Танзу мутойибаи нависанда, бо он ҳама сабукӣ ва латифӣ, бори сангини иҷтимоъиву ахлоқиро бар дӯш мекашад ва паёми муаллифро бекаму кост ба зеҳну ҳуши хонанда мунтақил мекунад. Дар ҳикояи “Ҳақиқати афсона” хонанда аз нигоҳи оптимистона, биниши ҳаётдӯстонаи нависанда ба завқ меояд ва хусусан, агар бо кори сангини рӯзноманигорӣ ошно бошад, паёми орзӯвораи нависанда – “Эй кош, ҳамин тавр мебуд!” ё “Метавонист ин тавр бошад” – ро ба таври амиқ дарк мекунад. Воқеъаҳои ин ҳикояи кӯчак бо суръат ривоҷ меёбанд, хабаре дунболи хабаре, воқеъае дунболи воқеъае рух медиҳад, ҳолатҳо ва манзараҳо дар маҳдудаи замони ниҳоят кӯтоҳ наву тоза мешаванд...

Гуфтаниҳо дар мавриди асарҳои маҷмӯъаи “Ҷони Оча” ниҳоят зиёданд, вале ман ин ҷо феълан бо ҳамин чанд нукта иктифо мекунам ва мегӯям: бемуҳобот, повестҳо ва ҳикояҳои ин маҷмӯъа аз шоҳкорҳои адиби ҳамакор Искандар Мирзо ба шумор меравanд ва умедворам, ба унвони моли хуби адабиёт дар сафҳаи рӯзгор мондагор гарданд.

**Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ (Холмӯъминов),**
*номзади улуми фалсафа, доценти ДДЗҶӮ,*
*профессори Академияи Улуми байналхалқии*
*Antyqe World.*

# РАНГИ ХАЁЛ

**Қиссаҳо**



# ОФТОБИ ШАҲРИ ДИЛ

*Ба ёди бародари зинданомам Абдусаттори Ҳасан*

## I

Сипаҳбуди[1] Хаёли бесарунӯгам инқилоб мебардошт: *“ – Ту мардӣ! Ишқи ҳақиқии худро пайдо кун, дар ҷустуҷӯ бош, эй Марди ишқҷӯ!”*

Хонаи Сабабро Лашкари Андеша забт намуда ва Таваккул пешаам шуда буд. Ман Туро меҷустам...

Хоб Хонаи Чашмонро тарк намуда, душмани ҷонии Пайкар шуда буд. Сарбозмижагон кишвари дидаамро аз Лашкари Хоб муҳофизат мекарданд. Аз қаламрави он танҳо анордонаҳои ашк берун мебаромад.

Қавми Орзу Осойишро намеписандид. Дар Шаҳри Дил Мардуми Таскинро ба қайд намегирифтанд. Тамоми мансабҳои болоии Шаҳри Дилро мардуми Оли Шараф ва Қавми Ғурур ишғол карда буданд. Гарчи шаҳараки Дил обод буд, маҳаллаҳо ва хиёбонҳои он харобаҳое низ дошт. Вале дар гӯшаи хаёли касе намеомад, ки рӯзе пайи таъмиру тармими ин вайронаҳо... Ман... хоҳам омад...

*Ва Ман пайваста Туро меҷустам... Туро... Туро...*

Селобҳои Изтиробу Ҳаяҷон бо Ғуборҳои Алам омехта мешуд ва ба шохобчаҳои Дарёи Дил мерехт. Соҳили Дил лаппиш мехӯрд, Девораҳои Дил дарз мерафт аз Тӯфонҳои Гуноҳ, Ҷавонӣ ва Шохборони Нокомӣ.

Осмони Ормонро Сиёҳабрҳои Адоват пурра фаро гирифта буданд. Девонагиҳои мардуми Оли Хирад Асабҳои Қабилаи Нафратро тангу таранг мекард. Нафрат

[1] Сипаҳбуд /сипаҳбад – сарлашкар.

муштҳояшро гиреҳ карда буд, чашмонаш ҷангҷӯёна барқ мезад...

Худро пирӯз пиндоштани Оли[2] Ормон ба ҳамияти Мардуми Орзу мерасид. Ҳаракатҳои мардуми Оли Виҷдон ва Оли Иймон барҷо буд. Тамоми машваратҳо дар Ҳарами Андеша мегузашт. Мардуми Виҷдону Иймон аз сухангӯйиҳои Оли Хирад мутаассир буданду ба фаҳму фаросати ӯ қоил. Ӯ ба ҳалли муаммо намешитофт. Ҳама чизро дар Тарозуи Имкон бармекашид. Аз Имкониятҳои Вақт истифода мебурд...

***...Аммо Ман ҳамвора Туро меҷустам, Яктои Ман, Туро меҷустам, Ҳаввои Ман...***

## II

...Соатҳо дар канори Дарёи Дил бо хурӯши мавҷҳо гуфтугӯ мекардам. Онҳо аз девонагии Шаҳри Дили Ман завқ мебурданд. Мавҷҳои ошӯбгар сӯйи бандаргоҳи бузурги Дарёи Дил ҳаракат мекарданд. Онҳо бошиддат дар лаби Соҳили Дил лаппиш хӯрда, деворҳои бандаргоҳи Шаҳри Дилро мелесиданд.

Аз нокуҷоҳо садое расид: *“ – Раҳсипо-о-р бо-ш-ш, эй-й-й Мар-ди иш-қ-ҷӯ-ӯ-ӯ!”* Садои ҳотиф[3] бо лаппишу ларзиши занҷирадори мавҷҳо дуру наздик, пасту баланд мешуд...

Нигоҳам ба сатҳи дарё бархӯрд. Мавҷҳо туғён бардоштанд. Ҳар як кӯҳаи мавҷ ба Девораҳои Дил бошиддат бармехӯрду нолиш мекард, нолиш мекард. Ҷастану ақиб баргаштани мавҷҳо низ ҳавлнок ва links мармуз буд... Аз дуриҳои дур, пушти дарёи бепоёни ҳастӣ ҷазирае ҳамонанди як нуқта ба чашм мерасид. Вале касе на-

[2] Ол – сулола, хонадон, оила.

[3] Садои ҳотиф – садои ғайб.

медонист, ки он чӣ ҷазираест ва дар он чӣ рамзу розе пинҳон аст...

***...Вале Ман ҳамеша Туро меҷустам, Лайлои Ман, Туро меҷустам, Зулайхои Ман...***

## III

...Киштиҳои Андеша дар Уқёнуси Эҳсос ба навбат ғарқ мешуданд. Ин кори роҳзанҳои дарёгарди мардуми хашмгини Интиқом буд. Онҳо аз ягон чиз рӯ наметофтанд. То ҷое, ки метавонистанд, даст ба ғорату тороҷгарӣ мезаданд. Зеро таънаву маломати Хатоҳои Ҷавонӣ ба Шаҳри Падардил моддаи таркандае афганда буд. Ва сокинони он шаҳр, чӣ шоҳу чӣ гадо, чӣ пиру чӣ барно, ҳама маҷруҳу захмӣ гашта буданд ва ёрои муқовамату истодгариро надоштанд. Сокинони шаҳр ниҳоят хаста ва дилшикаста шуда буданд. Аз ёди онҳо ҳанӯз, ки ҳанӯз аст, хотираҳои мудҳиш ва захмгини Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ нарафта буд...

Аз шиддати Дарди Таъна Хунобҳои Падардил худро ба ҳар тараф мезаданд. Он ҷароҳатҳоро на фарзандони Сулолаи Сарнавишт марҳам шуда метавонистанд ва на дорую дармони Зиндагии Ҳаётбахш. Дар шаҳри Падардил Ҷароҳати Таъна оҳиста-оҳиста шифо меёфт, вале он ҷароҳат асорат ва захмҳои кории худро гузошта буд...

***...Аммо Ман ҳамвора Туро меҷустам, Танҳои Ман, Туро меҷустам, Ҷаҳонорои Ман...***

## IV

...Ҳамон рӯз Мардуми Орзу дар Шаҳри Падардил базм оростанд. Парастандагони Орзу шароби савганд хӯрданд. Осмони Ормонро Абрҳои Малулӣ фаро ги-

рифтанд. Абрӯвони Малулӣ сахт гиреҳ баста буд. Аз ҳамон рӯз Лашкари Интиқом ба набард омодагӣ медид.

Дар ҳамон рӯзҳои тира буд, ки гузаргоҳи байни Шаҳри Дил ва Ормон оташ гирифт ва дуру дароз сӯхту дуд кард, дуд кард, дуд кард...

Осудагӣ тарки дунё карда буд ва дар кӯчаҳои хазонрехтаи Шаҳри Падардил қаландарвор “Ё, Ҳу!” мезад. Сокинони шаҳр ба ӯ чун ба гадо ё дарвеш нигоҳ мекарданд. Бачаҳо дар кӯчаҳо ба ӯ чун ба девона сангу кулӯх меандохтанд. Аммо ӯ сари мӯе парвои сарзинишҳои мардумро надошт, дарбадаргардӣ ва кӯчагардии худро ҳамчунон идома медод. Девонавор, қаландарвор...

Ожангҳои надомат чеҳраҳои заъфаронии аҳли Қабилаи Ҳасратро мисли мӯру малах забт намуда буд. Ҳасрати Заъфарон маҷоли лабкушоӣ надошт. Бо охирин рамақе, ки дар ҷон дошт, васиятворае бо номи “Ҳасрат дар ҳабс” навишт:

*“...Тақдиру пешонаи мани Ҳасрат хушк шавад. Дар ҳаёт ба ягон чиз ноил нашуда дар маҳбасам. Дилу гурдаамро чанголу дандонҳои хунхори Гурги Тӯҳмат тала кард. Пайкарам ба бемории сил гирифтор шуд. Айбам чӣ? Чашми сармоназари Тӯҳмат танҳо маро мебинад, маро таъқиб мекунад. Аз ман интиқом мегирад. Ман ягон бор бо касе рӯ ба рӯ гап назадаам. Ҳамеша ҷои ман дар маҳбаси Дил. Гоҳе ба Сарзамини Забон меоям. Агар дар Сарзамини Забон обу ҳавои мусоид бошад, ба чор тараф хуб назар карда пас арзи дил мекунам. Ҳамеша бо мардуми Ғам, Андеша орзуҳоямро бо ҳам мебинем.*

*Охир дар як ҷой зиндагӣ кардан ҳам кори осон нест. Дигар қавмҳоро бинед: ҳамеша кӯч баста мегарданд. Қавми Найрангро намегӯед? Ҳар дақиқа ҳазор бор аз як ҷой ба ҷойи дигар мекӯчад. Ҷое, ки меравад, дарҳол заминҳои ҳосилхези Диёри Дил, обҳои равони Уқёнуси*

*Дил, киштзорҳои Орзуро тани худ мегардонад. Хайр, илоҳо сари Тоқат аз санг шавад. Ӯ доимо маро тасаллӣ медиҳад:“Ин рӯзҳо ҳам мегузаранд. Рӯзе ту ҳам озод мешавӣ. Ҳамзабононат ба қадри хидматҳои шоёни ту мерасанд. Дарди дилатро озод мегӯӣ. Қонунгуфтаҳои туро ҳам ба инобат мегиранд. Ту ҳамчун узви фаъоли ҷомеаи Дил ба ҳаққу ҳуқуқи худ соҳиб мешавӣ”- ва ҳоказо... Кай мерасад он рӯзҳо? Ман ҳам дар кунҷу канор пинҳон намегаштам. Бо забони софи модарӣ ба ҳамзабонон дарди дил мегуфтам. Онҳо ин қадар маро хору зор карда дар кунҷе намепарвариданд. Онҳо аз ҳайбати қавми Тарс дарақ-дарақ меларзанд. Қавми Эҳтиётро мепарастанд. Шумо бо ақлаки оҷизи худ гумон мекунед, ки дар хонадонҳои сармоядорони навбой Ман дар озодиям? Ҳаргиз! Ҳамоно дар маҳбасам. Дар хонадонҳои мардуми оддӣ ба якта-нимта ҳамсояҳои девордармиён чун Ҷигар, Шуш ва Меъда сӯҳбатҳо мекунем. Сад дареғ, дар хонадони сармоядорон рӯйи замини Забонро надида мегузарам. Аммо шумо гумон накунед, ки дар он ҷойҳо ман нестам. Дар он ҷойҳо тартибот сахт аст. Дидаву дониста ба мардуми Ҳақ хиёнат мекунанд. Ҳалолкорӣ ва покҷониро намеписанданд. Ҳаёти Зани маккора Пора дар он ҷо ободу фаровон аст. Гапи Зани маккора Пора гап аст дар он хонадонҳо. Кош, касе пишаки Пораи Маккорaро “пишт!” гуфта метавонист! Аммо ҳастанд дар байнашон мардумоне, ки аз ҷаври гуноҳҳояшон тарсида ба қавми Тавба саҷда мекунанд. Аммо афсӯс, ки аз дасти Тавба коре намеояд. Ҳамоно ман боз дар манзили дили онҳо боқӣ мемонам. Аз ман ҷудо шуда наметавонанд, бечораҳо! Ман сарбаландам, ки қавми ман дар ҳама ҷо вуҷуд дорад. Як сафар мардуми қавми Тарс хост маро фурӯ барад. Шердил шуда гапро бо мардуми Интиқом пазондам. Ҳатто бовар кунед, дар дили ҷаллодони қавми Интиқом низ хешу таборони ман будаанд. Ҳеҷ кор карда натавонистанд.*

*Ана, ҳамин тавр зиндагии ман идома дорад. Маро ҳеҷ кас намеписандаду аммо илоҷе ҳам надорад. Дар кунҷи дили ҳамаи қавм Ман манзил дорам.*

*Хайр, дӯстон. Гуфтаниҳоям тамом намешаванд. Чӣ кунам, ки умрам кам мондааст... Шояд ин охирин сӯҳбати ман бо шумо бошад...”*

***...Вале Ман ҳамчунон Туро меҷустам, Ноошнои Ман, Туро меҷустам, Нопайдои Ман...***

## V

...Занбӯрҳои Хомӯшӣ ба Забони Дил ҳай неш мезаданду неш мезаданд. Киштиҳои Ғурур шинокунон ба Шаҳри Дил наздик мешуданд. Тӯфонҳои бемаҳали Дарёи Дил қоикҳои тунуки онҳоро ҳар сӯ алвонҷ медоданд. Азроилҳои Ҳалокат ба чашми Ғурур танаффуровар буд.

Қавми Фалокат худро канор мегирифт. Марг дар сафар буд. Мурғони Таваккул болои Дарёи Дил  парвоз доштанд. Ҳар гоҳ, ки селаи мурғон поин мефаромаданд, нӯле мезаданд ба оби дарё. Гуё як қатра оби Дарёи Дил ташнагии ҷовидонаи онҳоро мешикаст. Мурғони Таваккул кайҳо  дар шохаҳои парешони Дарахти Дил лона монда буданд. Хонаи Уммед ҳанӯз сояравшане дошт. Фол мекушод аз тақдири ояндаи худ. Бибимушкилкушо мекард, кушоиши кор мехост.

Дар шигифт афтодам: рӯзи равшан буд, вале дар Осмони Ормон ягон-ягон ситорагон хира-хира милт-милт мекарданд, аз Офтоб ному нишоне набуд. Ормон пир шуда буд: гунаҳои гулгунааш ожанг баста ва чашмони дурбинаш хира шудаву чӯкида, лабонаш парсинг баста ба дуриҳои номаълум ва нопайдо бо ҳасрат нигоҳ мекард...

Шаҳри Дилро ҳанӯз Хатоҳои Ҷавонӣ тарк накарда буд. Бо касофати гуноҳҳои дар рӯшноӣ, бар асари торикии хатоҳои Ҷавонӣ содиршуда дар Шаҳри Дил на гул месабзиду на гиёҳ. Беҳарорат, бенафосат, бетароват буд Шаҳри Дил. Мардуми Орзу маҷрӯҳ ва маълул гашта буданд. Бо вуҷуди ин кӯраи Оташи Андеша тафсон буд. Ӯ ҳарорати худро аз Шаҳри Дил дареғ намедошт.

Беофтобии Шаҳри Дилро тамоми Зодагони Ғайбат медонистанд. Дар гӯшаву канор мазоҳ мекарданд ӯро. Зеро дар хонаи ӯ танҳо Маликаи Моҳ буду халос. Дарахтонаш заъфаронбарг буд Шаҳри Дилро. Гарчанде Маликаи Маҳтоб нури худро аз Мардуми Шаҳри Дил дареғ намедошт, сокинони шаҳр аз ӯ айб меҷустанд. Маликаи Маҳтоб гоҳе қаҳр мекард. Рӯзҳое мешуд, ки ба чашми онҳо намоён намешуд. Азбаски як умр Шаҳри Дилро ихтиёр намуда буд, боз пайдо мегашт. Боз мардум хирагии нури ӯро баҳона мекарданд. Ӯ беорому беқарор мегашт. Аз ОФАРИДГОР[4] мадад меҷуст...

***...Аммо Ман... ҳамчунон Туро меҷустам, Дунёи Ман, Туро меҷустам, Дарёи Ман...***

## VI

...Гоҳе ҳам Нури Ақл аз қаламрави худ берун мерафт ва сабзаҳои зери барфии уммеди Шаҳри Дилро нашъунамое мебахшид. Мардуми Орзу мегуфтанд: *“ – Рӯзе Шаҳри Дилро Офтобе дурахшон хоҳад кард!”*

Ман Офтоб меҷустам, Офтоб. На офтобе, ки аз субҳ тулӯъ карда, шом ғуруб мекунад. На офтобе, ки аз номардиҳои фасли дай мераваду дар паси чакмони сиёҳи абрҳо пинҳон мешавад. На офтобе, ки меояду ҳамин тур, номаълумакак моро, оламиёнро тарк мекунад. На офтобе, ки ба қалбе гармие, фурӯғе намебахшад. На офтобе, ки...

[4] Офаридгор – Парвардигор, Худованд.

О ваҳ! Насими шӯхе бархост аз ҷайби Дарёи Дил. Боз Уқёнуси Эҳсос ба ҷунбиш ва лаппиш омад. Боз мавҷҳо ба деворҳои лаби Соҳили Дил шӯрангезона таҳдид намуданд. Дубора садои ҳотиф гӯшҳоямро навозиш дод: *“– Бар-дам бо-ш-ш, эй Марди Иш-қ-ҷӯ-ӯ-ӯ! Наси-и-бат наси-и-ми Иш-қ бо-до-о-о!!!”*

***...Вале Ман ҳамчунон Туро меҷустам, Фардои Ман, Туро меҷустам, Яктои Ман...***

## VII

...Рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳҳо, солҳо гузаштанд. Шаҳри Дил ҳанӯз бо нури Маликаи Моҳтоб зинда буд. Маҳзун буд шуъоҳои Маликаи Моҳтоб. Ҷилое надошт... Сафое надошт... Шуъое надошт...

Хиранурҳо шитобзадагиро намеписандиданд. Садри Сулолаи Сарнавишт[5] роҳбалади ӯ буд. Аз узвҳои Пайкар чанде дар Зиндони Яъс[6] бемор, чанде дар Кулбаи Ғам шалпару лоғар афтода буданд...

Машаққат маро комилан таҳти тасарруфи худ гирифта буд. Насиҳатҳои Оли Орият оромам намегузошт. Кӯрдилон дар ҳама ҷо ба Оли Орият бо тамасхур нигоҳ мекарданд. Оли Орият дар Шаҳри ғарибии Дил сарбаланд набуд. Сарнагун буд. Ӯ, ки дарди бузургеро дар ниҳоди худ пинҳон намуда буд, асарҳои калонҳаҷме меофарид. Тамоми ҳаёти пурмашшаққати худро дар ин асарҳо ифода мекард. Ӯ се қиссаи бузург офарид. Қиссаи аввалини худро “Морбоз”, дуввуминро “Найрангбоз”, севвуминро “Чорбарӯ” номид.

[5] Сарнавишт – қисмат, тақдир.

[6] Яъс – ноумедӣ.

*Порчаҳо аз ин се асар*

## “Морбоз”

*...Ту дар Шаҳри Дил аслан аз куҷо пайдо шудӣ? Маълум нест, аз куҷо пайдо шудӣ. Пайдо шудӣ ва худро аз Қабилаи Олинасабон нишон додӣ. Ҳама ба ҳарфи хушки ту бовар карданд. Вале намедонистанд, ки ту пайи таъмири вайронаҳо наёмадаӣ. Намедонистанд, ки чӣ дасисабозе ҳастӣ. Ту ҳатто ба нурҳои хираи Маҳтоб бо чашми Ҳасад менигаристӣ.*

*Ту бо Қабилаҳои Фиреб, Фитна ва Хиёнат гапро дар як ҷой гузошта, аз нақшаҳои муборизаи мо бохабар гардидӣ ва онро ба Касифон гузориш додӣ. Бар ивазаш зиндагии хубе барпо карданро хостӣ. Бехабар аз он будӣ, ки рӯзе дар Шаҳри Дил Офтоб ташриф мефармояд. Он гоҳ ҳамаи кирдукорҳои морбозонаи ту фош мегардад...*

## “Найрангбоз”

*Туи сохтакор, сохтаҳарф, сохтарафтор дар Шаҳри Дил бо мардуми Қабилаҳои Фиреб, Фитна ва Хиёнат гапро дар як ҷой гузоштӣ. Худатро ба тамоми Мардуми Оли Некандеш сохтагуфторона нағзу дилкаш нишон додӣ. Мардуми Тӯдаи Тӯҳмат шабу рӯз дар хидмати ту буданд. Ҳай дареғ, туро дарди мансаб, дарди шӯҳратончунон дар гирдоби худ кашида буд, ки аз ягон нопокӣ рӯ наметофтӣ. Дар куҷое набошад бо сохтахандӣ, бо сохтанармӣ ва сохтарӯӣ дили ҳамаро ба даст овардан мехостӣ. Мардуми Гумон дар Ҳарами Боварӣ машварат мероост. Қавми Андеша дар сукут буд.*

*Туи зудамал дар як мижа ба ҳам задан маҳфили адабии “Ихтироъгар”- ро барҳам задӣ ва ба ҷойи он*

*маҳфили “Каззобон”- ро ташкил намудӣ. Рӯзномаи “Шабоҳанг”-ро хӯрдӣ, нашрияи “Занбӯр”-ро таъсис додӣ. Ҳам ба ин, ҳам ба он худат сарвар гардидӣ. Ту худро дар назари мардуми Оли Хирад чунон вонамуд сохтӣ, ки гӯё дар Шаҳри Дил Офтоб меоварӣ. Сад дареғ, сарвари мардуми Оли Шараф ба доми ту афтод. Туро ёвару мададгор гардид. Аспи найрангбози ту дар Майдони Ҳалолӣ ҳақ ҷудо мекард. Мардуми Қабилаи Гумон сахт ба таҳлука афтода буд. Сохтанағмаҳои ту мардуми Оли Обрӯро низ ба ваҷд меовард. Мардуми Боварӣ низ ба ту такя кардан мехост. Аммо мардуми Оли Шараф якбора ба киву чӣ будани ту сарфаҳм рафт магар, ба Қозии Адолат мактуб фиристод. О, Қозии Адолат! Кош, дасти ту кӯтоҳ намебуд!*

*Ҳарчанд мардуми Қабилаи Хиёнат ба по хестанд, ҳарчанд онҳо бар зидди мардуми Оли Шараф мубориза бурданд, коре натавонистанд кунанд. Хайрият, Мардуми Оли Ҳикмат ва Оли Хирад дар Шаҳри Дил интихобот эълон намуданд. Номзадҳои муносибро аз Оли Хирад, Оли Боварӣ, Оли Андеша, Оли Орият Оли Ормон ва Оли Шараф ба қайд мегирифтанд. Дар ҳизби Истибдод ва Зулм номзадҳои мардуми Фиреб, Фитна, Хиёнат, Ғурбат ва Касофат низ ба қайд гирифта мешуд. Ҳама хуб медонистанд, ки ин номзадҳо танҳо барои мансаб ва шӯҳрат мубориза мебаранд, на барои шаъшаъаи Офтоби Шаҳри Дил.*

*Оре, агарчӣ дар Шаҳри Дил мардум нури гарми Офтоб, рӯйи гарми онро интизор доштанд, онро мепарастиданд, қавмҳое низ вуҷуд доштанд, ки дар Шаҳри Дил пайдо гардидани Офтоби оламороро намехостанд. Мардуми Оли Ҳақиқат рӯзе пирӯз гардидани худро ба мардуми Қабилаи Эҳсос бо завқу шавқ нақл мекард: “Офтоб рӯзе қадами мубораки худро дар Ҳарами Ҷони мо хоҳад гузошт!*

## VIII

...Дар назди Шаҳри Дил мардуми Оли Виҷдон ва Оли Иймон кохи[7] бошукӯҳе бунёд карда буданд. Қавми Тааҷҷуб бо Мардуми Орзу саргарми баҳсу мунозира буданд. Дар кошонаи бошукӯҳ ва муҷаллали[8] Оли Андеша яке нотавонӣ ва бечорагии Садри Оли Хирадро наҳ мезад,[9] дигаре боломанишиҳои Мардуми Ғурурро, севвумӣ кӯтоҳандешии Садри Оли Виҷдонро таъна медод. Ҳама ба таври худ авлиё, ҳама ба таври худ аллома буданд...

Андешаи бечора худро сарзаниш мекард, пушаймон шуда буд. Садри Оли Ҳиммат марди ниҳоят дасткушоде буд. Ҳеҷ чизро аз ҳеҷ кас дареғ намедошт. Ҳатто агар Каргаси Марг меомад ва мегуфт, ки ҷони ту ба ман ниҳоят маъқул шуд, ба ман бидеҳ, медод... Нури Оли Иймон пайваста Салтанати Сулолаи Сарнавиштро рӯшан месохт. Дар ин ҷо бо қозигии Хирад машваратҳо тӯл мекашид.

Гуноҳро занҷирбанд карда буданд. Қасам аз роҳи интихобнамудааш барнамегашт. Тасаллӣ медод худро ва мегуфт: "Рӯзе ба мурođу мақсади худ хоҳам расид!"

Ҳама узвҳои Пайкар дар Шаҳри Дил назди Кохи Ҳақиқат ҷамъ омада буданд. Онҳо аз пушти Мардуми Орзу ба Қозии Хиради Қозиёти Адолат шикоят навиштанд:

*"Сутуда бодо КИРДУГОР! [10]*

*...Фарои дуруду дуъо ба он азизи дидаҳо, расида бодо,*

[7] Кох – қаср, сарой.

[8] Муҷаллал – пурҷалол, бузург, боҳашамат, бошукуҳ.

[9] Наҳ задан – ғайбат кардан.

[10] Яъне: Ҳамду сано бод ба Парвардигор.

*ки мо аз ҷустани ёри муносиб барои Марди ишқҷӯ ҳама бечораву нотавон шудаем. Хоҳишмандем, расонида шавад: Аз роҳат баргард, эй Марди ишқҷӯ!"*

*"Туро меҷӯям, нопайдои Ман. Туро мехоҳам, гурезаи Ман. Боре пайдо шав. Боре ҳувайдо шав! Меҳрубоно, Мардуми Орзуро ноумед ва дилшикаста магардон!"* Магар илтиҷоямро Оли Иҷобат қабул кард, ки дар Шаҳри Дил насими фараҳбахше вазид. Сояҳои дарахти Шаҳри Дил гӯё навозишам мекарданд. Садбаргҳои сари роҳ ба якдигаро суруд мехонданд. Сифатҳои нозуки Туро месутуданд. Бо шунидани номи азизи Ту оби софи ҷӯйборони Шаҳри Дил ба ракс медаромаданд. Шаббодаҳои Шаҳри Дил гӯё боэҳтиёт мевазиданд, то ба зулфу гесувони парешонат осебе нарасонанд. Тирамоҳ зудтар аз Ту канор меҷуст... Нури Дидагонам якҷоя бо нури Оли Хирад дар маркази Шаҳри Дил дар Кохи Виҷдону Иймон ҷашн оростанд. Мардуми Орзу Кохи Андешаро тарк карда буд. Ҳама ба айвони Кохи Оли Виҷдону Оли Иймон меомаданд. Дидбонони Нигоҳ Туро зери назорат гирифта буданд. Намехостанд дар Кохи Виҷдону Иймон аз авранги чашмонам фуруд оӣ. Мардуми Орзу лаҷоми Аспи Ситойишро маҳкам дошта буданд. Ҳусни Ту якбора Шаҳри Дpraламро, ки солҳо аз нури Моҳ баҳра дошт, ба нуристони бепоёне табдил дод. Сабзаҳои пажмурдаи Шаҳри Дил дубора зинда гаштанд. Тамоми дарахтони рақсони Шаҳри Дилро Кабӯтараконии Уммед фаро гирифтанд. Дар тамоми мавҷудоти умре карахту гунги Шаҳри Дил забон ато шуд. Дар байни шоирони Шаҳри Дил мунозира ва мушоъира ба амал омад. Шоҳи Шаҳри Дил барои беҳтарин шеъре, ки дар васфи Офтоби Шаҳри Дил иншо мегардад, ҷоиза эълон кард. Ҷоиза як Шутур Шодмонӣ буд. Худи ӯ низ маҳлиёи Офтоби Шаҳри Дил гашт...

***...Вале Ман Туро меҷустам, Дилорои Ман, Туро меҷустам, Яктои Ман...***

## IX

...Ҳама дар Кохи Сулолаи Сарнавишт ҷамъ меомаданд. Хаймаҳои баҳсу мунозираи Қабилаҳои Кину Адоват гарм шуда буд. Мардуми Оли Хирад аз беадолатиҳои рӯзгор девонагиро ихтиёр намуда буданд. Оли Боварӣ ба худкушӣ розӣ буд. Ғуруриён сари роҳи ӯро мегирифтанд. Оли Андеша сару калобаи худро гум карда буд. Намояндагони Қабилаи Низоъ дар хонаи Оли Андеша меҳмони гиромиқадр гардида буданд. Намегузоштанд ӯ ба як қарори қатъӣ биёяд. Барои мақсадҳои ғаразолуди худ мардуми шитобзада ва асабонии Қасамро қурбонӣ мекарданд. Мавҷудоти зиндае намонда буд, ки гӯяд: *“Офтобро ҳимоят кун, вай ба мо нур мебахшад”.* Мардуми Оқибат бетараф буданд. Бодпои Вақт доварӣ мекард... Аммо довариҳояш хеле тӯл мекашид. Натиҷа маълум набуд... Ҳасодат Лашкари Зулмро фаро хонд. Ҷиноят дар Паҳндашти Офтоб хаймаҳои сиёҳи афросиёбии сипоҳиёни худро зада буд. Парчами ӯ низ ҳамонанди парчами Афросиёб сип-сиёҳ буд... Зиндонҳои басо жарф кофта буданд кулоҳбардорони Ҷиноят. Дар атрофи Шаҳри Дил қароргоҳҳои боҳашамат барпо карданд. Мехостанд, ҳар чӣ зудтар дар Қаламрави Дил беназмӣ ва беинтизомӣ ба вуҷуд ояд ва онҳо аз ин вазъият хуб истифода баранд. Ба ин нияти қабеҳ мардуми як умр гунгу лолро ба доми худ афкананд. Узвҳои аз муҳаббату ишқ саршорро пир созанд. Мардуми иттифоқи Ҳушро зиндонбанд намоянд...

***...Аммо Ман ҳамвора Туро меҷустам, Ноошнои Ман, Туро меҷустам, Бевафои Ман...***

## X

...Узвҳои Пайкар таҳти таъсири дасисабозиҳои[11] Қабилаи Фитна ба шўр меомаданд. Қабилаи Фитна ба гўши онҳо пичир-пичир карда буд:

“ – Бовар кунед, шумоён бемадору лоғар шудаед. Худо накарда дар Шаҳри Дил Офтоб тулўъ кунад, вой бар ҳоли шумо хоҳад шуд! Бўзинаҳо бар ҳоли танги шумо гиря хоҳанд кард! Пеш аз он ки фалокате бар саратон ояд, ба Оқибат мурочиъат кунед!” Ин буд, ки Узвҳо аз қисмати талхи худ норизо буданд ва ҳамеша худро ҳақ мешумурданд. Мардуми Оли Хирадро сарзаниш мекарданд ва мегуфтанд:

“ – Ба ҳамаи ин нобаробариҳо магар мо гунаҳкорем?!”

Узвҳои Пайкар ҳучраи бойгонии Хатоҳои Ҷавониро ишғол карданд. Ҳар қадар, ки тавонистанд, ўро зада мачрўҳу маълул гардонданд. Ҷоеро солим нагузоштанд. Хатоҳои Ҷавонӣ он қадар абгор шуда буд, ки ҳатто роҳ гашта наметавонист. Узвҳои Пайкар ба шўр меомаданд ва мегуфтанд: “ – Сол аз сарҳади панҷоҳ убур мекунад. Пайдо кардаат ҷавон аст, нозанин аст. Шояд замоне расад, ки ба ту хиёнат кунад. Дар айни камолоти ў мо пир мегардем ва ба ҳеҷ корат намеоем. Дар натиҷа шармандаву шармсор хоҳем шуд. Беҳуда ба мо зулм макун! Аз ин роҳ баргард!” Онҳо бо шўру ғирев ба Кохи Адолат рафтанд. Шикоят карданд аз ҳоли харобашон. Мактубе навиштанд ба номи Қозии Хиради Қозиёти Адолат. Дар он навишта шуда буд:

[11] Дасисабозӣ – фитнагарӣ.

*“Ба номи Ҳастӣ ва СОЗАНДАИ [12] он!*

*Паёму саломи бепоён ба Ҳазрати олинишон!*

*Бад-ин васила расида бодо: Мо ҷаллодони Зулмем. Якҷоя бо Лашкари Интиқом ва бо доварии Оқибат Кохи Виҷдону Иймонро оташ хоҳем зад. Он Ҳазрат ба чоҳи шармандагӣ хоҳанд уфтод. Ҷаноби Олӣ амр бидиҳанд, то аз ин харобкориҳо даст кашида шавад!”*

Садри Оли Шараф сарбаланд буд. Дар кӯчаҳои валангори Шаҳри Дил солорона қадам мезад. Гулу гиёҳҳои солиммондаи канори кӯчаҳо ва хиёбонҳои Шаҳри Дил ба ӯ дуруд мефиристоданд.

Каргаси Марг гӯё ҳамаро тасаллӣ медод ва бо садои гӯшхарошу тарсноки худ қоғ-қоғ мезад: “Зи-ё-д-д из-тир-ро-б-б на-а-ка-а-ше-д-д, ҳа-ма-и шу-мо мир-ран-да-е-д-д! Я-к рӯ-з не, я-к рӯ-з ме-мир-ре-д-д! Фа-қат Мар-рг, яъ-ъ-не, Ма-н-н ме-та-во-на-м-м шу-мо-ро аз ин а-зи-ят-ҳо ва из-з-тир-роб-ҳо-и Зин-да-гӣ на-ҷо-т би-ди-ҳам! Па-с-с, ба-р Ман ду-ру-д би-фир-рис-те-д! Ма-ро би-си-то-е-д-д!”

Ҳаяҷон дар пироҳани худ намегунҷид. Маъюсӣ аз дору мадорҳо ва маҳзуниҳои рӯзгор ниҳоят хаста шуда буд. Пешонияшро арақ зер мекард. Даст меафшонд аз бечораанолиҳои Зиндагӣ...

Дар чашмони Садри Оли Шараф шӯълаҳои хурсандӣ медурахшид. Вай ҳамчунон қавирӯҳ ва боматонат буд.

Сарбозони Каргаси Марг низ ба аскарони Интиқом ҳамроҳ мешуданд. Қавми Фитна низ лашкарони Интиқомро ҷонибдорӣ мекард. Миёнаравони Ҳасад низ ҳаракатҳои Фитнаро мепазируфтанд. Худбиниҳои Такаббур ғаши Садри Оли Шарафро меовард. Дурӯягиҳои

[12] Созандаи ҳастӣ – Парвардигор.

Ғайбат ба асаби Таҳсин мерасид. Фитна аз имконият бештар истифода мебурд. Ҷаллодон ва ифротгароёни Зулм кайҳо худро ғолиб мепиндоштанд. Лашкарони Найранг низ ба сипоҳиёни Интиқом ҳамроҳ шуда буданд. Онҳо ба муҳорибаи Шаҳри Дил омодагии ниҳоят қавӣ медиданд. Шамшерҳои дудама, найзаҳои ҷонситон, тиру камонҳои заҳролуди паррон, ханҷарҳои хуношом, сипарҳои пӯлодин, гурзҳои ғадар-будури гарон, аспҳои тозиасл, пилҳои ҳиндунажод, сагони бӯгири олмонӣ... О, чиҳоро омодаи ин ҷанг накарда буданд!

Пойҳои Гумони Ҳарзагӯ дараѓ-дараѓ меларзид. Ӯ намедонист, аз кӣ қасд бигирад. Бино бар ин, аз сарзаниши ин муҳориба ба таҳлука меафтод. Намедонист, аз кӣ гила кунад, сарашро ба куҷо, ба кадом остонаи умед занад? Хеле фикр кард ва ниҳоят, ба Қозии Хирад мактубе бад-ин мазмун ирсол намуд:

*“Сутуда бодо ПАРВАРДИГОР!*

*Дуруд ва дуъо ба Ҳазрати Олӣ!*

*Бад-ин васила расида бодо, ки магар ба ҳамаи ин беназмиҳо Офтоби Шаҳри Дил айбдор нест? Мардуми Қасам аз раъйи худ намегашта бошанд? Кӣ ба Офтоб раҳ нишон дода бошад? Сабаб чист, ки Офтоб якбора дар Шаҳри Дил пайдо гашт? Аз ин кӣ манфиатдор буд? Ҳамоне, ки як умр худро содиқтарин шаҳрванди Шаҳри Дил медонист ва эҳтимолан, душмантарин сокини ин шаҳр буд? Ҳар чӣ бошаду набошад, Миёнарави Офтобро бояд пайдо кард...”*

Кирдукорҳои Риё аз ҳадду сарҳад мегузашт. Вай пайи ҳам Хиёнатро ба Хонаи Мақсад мефиристод. Мақсад роҳи интихобнамудаи худро ягона мепиндошт ва бо исрор мегуфт: “Барои ман роҳи дигаре вуҷуд надорад”.

Хиёнат худро ба ӯ дӯсти ҷонӣ нишон медод, то метавонист бо ҳадяҳо ва савғотиҳо остонаи Мақсадро охурча мекард. Аммо Мақсад, ки аз ҳеҷ чиз  наметарсид, нафси худро дошта  метавонист. Вале ин ҳама дасисаҳо кор доданд ва оқибат Мақсад бо мардуми Хиёнат ошноӣ кард. Ҳарчӣ метавонист, ба Офтоб зарбазаниро ба нақша мегирифт. Ситойиш мекард Хиёнатро.  Ҳиммат мондагиро ҳис мекард.  Дӯстони наздикаш Қаттъият, Ирода, Меҳр бо ӯ қаҳрӣ шуда буданд.

Дар ҳамин рӯзҳо буд, ки Хирад ба дарди қалб дучор шуд. Асабҳояш ба ӯ итоат намекарданд. Ӯро аввал ба бемористони бемориҳои қалб бурданд, пас аз муъойина ва муъоличаҳои дуру дароз, дар бемористони бемориҳои рӯҳӣ хобониданд. Ӯ баҷову беҷо бисёр механдид. Боварӣ ба аёдат ояд,  ӯро меронд. Изтироб кайҳо ба навиштани Китоби Қисмат машғул буд.

Ниҳоят, девонагиҳои Оли Хирад рафъ гардид. Мардуми он дар Ҳарами Изтироб якҷоя тавба мекарданду рӯзаи нафл медоштанд...

***...Вале Ман ҳамвора Туро меҷустам, Мушкмӯи Ман, Туро меҷустам, Атрбӯи Ман...***

## XI

...Эй Офтоби Шаҳри Дилам! Хостам, ба Ту наздик бишавам. Вале ҳарорати ҷонсӯзат намегузошт ба Ту наздик шавам. Забонаи нурҳоят вуҷудсӯз буданд. Ту гиря мекардӣ. Аммо дилат механдид. Ё дилат гиря мекарду худат механдидӣ. Ақли беақли Ман бо худбоварӣ ва итминони[13] комил мегуфт:

*“ – Дар бешаи анбӯҳу сарзабз ва пур аз сабзазори қалбат аввалин Мард Ман будам. Дар ғорҳои тору торики хаёлҳои дуродурат нахустин Мард Ман будам”.*

[13] Итминон – бoварӣ.

Хаёл маро тамоман тарк гуфта буд. Шодмонӣ пеш-пеши Ман рақскунон мерафт. Мардуми Ғазаб дар роҳи равони Ман хандақҳои амиқ мекофтанд, то ба он афтаму сарнагун гардам. Аммо Ман ҳамеша ба пеш – ба назди Ту раҳсипор будам. Ана, аз дуриҳо симои барҷаставу пурнури Ту намудор гашт.

*“ – Ту кистӣ?”* – пурсидамат. *“ – Ту кистӣ?”* – суоламро бо суол ҷавоб додӣ ва гуфтӣ:

*“ – Баҳри ғорати хушиҳоям пайдо шудаӣ?”* Гуфтам: *“ – На,на, баҳри пойдории хушиҳоят!”*

*“– Ту танҳоӣ?”* – пурсидамат. Посухам додӣ: *“– Оре, танҳоям! Танҳо барои Шаҳри Дили ту офарида шудаам...”*

Ман лаб ба сухан накушуда абрҳои сип-сиёҳи Кину Адоват ва Ғубори Нафрат чеҳраи дурахшони Туро якбора пӯшонд...

Ман лаҳзае ба Зардушт мубаддал шудам ва рӯй ба Осмон кардам:

*“ – Эй роҳзанҳои Офтоби Дили Ман!*

*Эй интизориҳои тӯлонӣ!*

*Эй мардуми дурандеши Оқибат, ҷаллодони Интиқом!*

*Эй нохалафони Ишқ, чаро барҳам задед Офтоби Шаҳри Дилро?!*

*Эй Оли Хирад, эй Мардуми Орзуву Ҳасрат, наоед сари бистари бемориям! Куҷоед, такягоҳам Мардуми Сабру Таҳаммул?*

*Донистам, шумо бо Мардуми Гумон дилу забон як кардаед!*

*Куҷоӣ, Қиблагоҳ? Орзу карда будӣ то дар осмони Шаҳри Дили Ман Офтоб дурахшон бошад. Орзуҳоят иншооллоҳ, амалӣ хоҳанд гардид. Қиблагоҳ, аз куҷо до-*

*нам, ки чеҳраи мушаъъаши*[14] *Офтоби Шаҳри Диламро якбора абрҳои сиёҳи Интиқому Зулм фаро мегиранд...”*

***...Вале Ман Туро меҷустам, Камонабрӯи Ман, Туро меҷустам, Зарringесӯи Ман...***

## XII

Дар Шаҳри Дил шамими фароғатбахши Насими Уммед мевазид, вале шиддати вазиши он чунон заъиф буд, ки наметавонист абрҳои саргардони Интиқомро парешон кунад.

Наберагони Бод – Шаббодаҳои гесӯафшон маҳви тамошо буданд. Гӯё дар гулӯяшон устухоне дармонда буд, ҳангоми вазиш садо намедоданд. Ғавғо намекарданд. Бо ин ки ниҳоят навҷавону дилкаш буданд, овозашон пиронсоли гулӯяш бодхӯрдаро мемонд. Дар хиёбонҳои Шаҳри Дил Фариштаи Осойиш дигар мисли пешина сайру гашт намекард...

Боронҳои пай дар пайи Малулӣ ғизо мебахшид ба долу дарахт, гиёҳу сабзаи пажмурдаи Шаҳри Дил.Тамоми мавҷудоти некандеши Шаҳри Дил ба шӯру шар меомад. Баҳра меҷуст аз Офтоби зери абр. Акнун Маҳтоб тамоман нопадид шуда буд дар Шаҳри Дил. Гӯё қаҳр карда буд. Фарзандони Маликаи Маҳтоб – ахтаракон милт-милт дар гирди ӯ парвона буданд. Намехостанд Офтоб бо онҳо бошад. Шайтонҳои Гуноҳ бо мардуми Ғурур сафари Шаҳри Дил мекарданд. Худро чунон вонамуд месохтанд, ки гӯё хайрхоҳи Шаҳри Дил ҳастанд. Ба ин манзур дар биноҳои бошукӯҳи Шаҳри Дил ҳар гуна шиъорҳоро меовехтанд, дар деворҳо мечаспонданд:

[14] Мушаъъаш – шуъодор, пурнур.

*“Ишқ дар Маҳбас[15] афтод!”*
*“Гармии Дидор тўл накашид!”*
*“Нокомӣ ба Марг мебарад!”*
*“Ба ҳимояти Ишқ шитобед!”*
*“Шаҳри Дилро ҳимоят кунед!”*
*“Мо бо Шаҳри Дил ҳастем!”*
*“Шаҳри Дил хароб мешавад!” ...*

Вале дар ҳақиқат ин тавр набуд... Асли масъала, моҳияти кор чизи дигар буд... Оҳ, дасисабозони аҳриманнажод! Қоил! Нӯшатон неши каждум бод!

Бо вуҷуди ин роҳзанҳои беҳтарини Шаҳри Дилро подош медоданд. Ҳайрат гиребони худро медошт: *“– Аҷабо, чаро қаҳрамонҳоро ҷазо медиҳанду ҷинояткоронро ҳадоё?!”[16]*

Мунофиқон мардуми бегуноҳи Оли Хирадро ба ҳабс гирифта буданд. Дар Шаҳри Дил Сокинони Хиёбони Хурсандиро сабти ном намекарданд. Дарвеши Азоб саргардон буд. Ў ба ҳама ҳамроҳӣ мекард. Хирад гарчанде дар маҳбас буд, саросемагиро намеписандид. Ба таҳлука намеафтод. Ба хотири Озодӣ розҳоро дар маҳбаси дил пинҳон медошт. Ба бузургии худ ва муқаддасии Иймон боварӣ дошт...

***...Вале Ман Туро меҷустам, Орзуи Ман, Туро меҷустам, Оҳуи Ман...***

## XIII

...Узвҳои бо пирӣ аҳду паймонбастаи Пайкар аз ногаҳон пинҳон гаштани Офтоби Шаҳри Дил хурсандӣ мекарданд. Мардуми ҳавобаланди Низоъ ва Қаҳр дар

[15] Маҳбас – зиндон.
[16] Ҳадоё – ҳадаҳо.

ҳуҷраи Интиқом базм оростанд. Мулоҳиза Тамкинро аз даст намедод. Онҳо нақшаи зудтар аз Шаҳри Дил гум кардани Офтобро мекашиданд. Риёиён ва мунофиқон низ дар базм ҳозир буданд. Нақшаҳои ҷанговаронаи онҳо ба ҷаллодони Зулм маъқул намеафтод. Онҳо дар Шаҳри Дил ҳукумати Маликаи Маҳтобро низ сарнагун сохтанӣ буданд. Мехостанд Гулҳои хушбӯйи Орзуро аз беху бун решакан кунанд. Дар охир Интиқом ба ин қарор омад: *“Лашкарони Андӯҳро сарнагун сохта, Макони Ҳушро бояд оташ зад”*. Садри Қабилаи Хиёнат онҳоро раҳбалад буд. Мардуми қабилаҳои Фитнаву Зулм ба мардуми Қабилаи Хиёнат мегуфтанд:

“ – Хайрият, ки ту ҳастӣ, вагарна дар Шаҳри Дил Мардуми Орзу пирӯз мегашт. Он вақт як умр Шаҳри Дилро Офтоби ҷоннавоз нурпошӣ мекарду Дил ҳаргиз пир намешуд”.

Асабҳои Матонат ба дод омада буд. Ҳар гоҳ рафта Хирадро дар маҳбас хабар мегирифт. Мақсад ҳамон рафтори девонагии худро бас намекард. Ҳарчанд ӯро Матонат таскин медод.

Ҳангоме ки хабаркашҳои Риё нақшаҳои ҷанговаронаи Низоъ ва Зулмро паҳн намуданд, Ҳайрат низ сахт бемор шуд. Ӯро ба бемористон бурданд. Мардуми Ғафлат дар кӯчаю хиёбонҳо ҳаракати ғайриоддӣ дошт. Хиёнат ба кадом хонаводае ворид шавад, Офтобро сияҳном мекард. Хунукиҳои худашро намедид. Морбозиҳои Каргаси Марг ба Лашкари Интиқом қувват мебахшид. Садри Қавми Интиқом аз Садри Оли Андеша маслиҳат пурсид: “ – Оё Каргаси Марг ба ман дурӯягӣ намекунад?”

Осойиш аз Шаҳри Дил кӯч баста буд. Ҳамаи узвҳои Пайкар куҳансол гардида буданд, вале Дил онҳоро маҷбур мекард дар ҳаракат бошанд. Узвҳо тарафдори

зудтар сар задани воқеъоти хунин буданд...

***...Вале ман ҳамеша Туро меҷустам, Зарринболи ман, Туро меҷустам, Ғизоли ман...***

## XIV

...Силоҳбадастони Лашкари Хаёл Макони Ҳушро посбонӣ мекарданд. Намегузоштанд, ки дар Макони Ҳуш Шайтонҳои Гуноҳ меҳмон шуда ӯро бероҳа созанд. Қарор беқарор шуда буд. Ба як роҳи мушаххас равона намегардид. Намедонист, аз кадом қабила мадад ҷӯяд. Мардуми Фитна аллакай дар байни қабилаҳо иғво андохта буданд. Олами Хаёл барои худ роҳи халосӣ меҷуст. Мехост зудтар Садри Оли Хирадро аз маҳбас озод кунад. Ҳуши бечора тамоман нороҳат шуда буд. Танҳо ӯ буд, ки Офтобро мехост. Хоинони хабаркаши Шаҳри Дил кам набуданд. Мисли занҳои ғайбатзани хурдагап гапи хонаро ба кӯча мебурданд. Мақсад девонагиҳои худро бас намекард. Ҳайрат оҳиста-оҳиста ба худ меомад. Хешу таборони Мақсад – Хоҳиш ва Ният сахт ба шӯр омада буданд. Фитна, Зулм, Интиқомро чашми дидан надоштанд. Норозиёна ба Қозии Хиради Қозиёти Адолат шикоят навиштанд. Мактуби шиквоӣ ба ин мазмун буд:

*“Сипос[17] мар ХУДОВАНДИ Замину Осмон ва Моҳу Хуршедро!*

*Салому паёми бепоён Садри маснади қазоват ва адолатро!*

*Бад-ин васила ба иттилоъоти Ҷаноби Олӣ расида бодо, ки Ҷон дар қолаби худ осуда нест. Ҳар чӣ зудтар дар Шаҳри Дил вазъиятро барқарор бисозед. Кулоҳбар-*

[17] Сипос – шукр.

*дорони[18] Фитна фитнагарӣ ва ғоратгариро бас намекунанд. Гӯё Озодӣ ва Озодагӣ реҳлат[19] кардаанд. Мақсад ҳалок мешавад, вале аз роҳи худ барнамегардад. Фавран Хирадро бояд аз маҳбас озод кард".*

Тамошобинони Қавми Парво бештар ба Мардуми Ҳуш эътироз доштанд:

" – То ба кай Хирад дар маҳбасу ту худро эҳтиёт мекунӣ? Мон, ки дар ин дунёи дурӯза ҳама аспи нишоти худро тозад".

Мардуми Нафрати беандеша дар рухсораҳои Ман абрҳои Кину Адоват парешон шуданашро намехостанд. Бо вуҷуди ин мардуми Қабилаи Нафрат бо Қавми Парво дӯстиро мустаҳакам гардонд. Гӯё худро аз ҳама чиз бепарво мепиндошт. Онҳо мехостанд дар Шаҳри Дили Ман танҳо Маликаи Маҳтоб бошад. На Офтобу на нур! Вале Ман дар иштиёқи Ту, дар орзуйи Ту, пайи раҳоии Ту будам, Офтоби Шаҳри Дили Ман! Туро ҷустам, Туро ёфтам. Туро дидам, Туро шунидам, аё Офтоби ягонаи Шаҳри Дили Ман. Гарчанде зери абрҳои нотавонбинонӣ, кабӯтараконии Меҳру Шафқат Туро нигаҳбонанд. Абрҳои Кину Адоватро парешон хоҳам кард.Танҳо худат дар Шаҳри Дили Ман як умр нур хоҳӣ пошид. Танҳо худат маро аз шарри шайтони Фитна хоҳӣ раҳонд. Танҳо худат сазовори ишқу муҳаббате, ки Қиблагоҳ як умр орзу мекарду онро ба хок бурд, мебошӣ. Аё Хуршед, аё шамси тобони Дили Ман. Ҳушёр бош. Пайдо шудани Ту дар Шаҳри Дили Ман дар байни мардуми заҳролуди он шӯру ҳаяҷон ва нотавонбиниҳои азимро овард. Ҳама ба ҳусну ҷамоли беназири Ту мафтунанд. Хусусан, Садри Қабилаи Ҳасад обу адо гаштааст. Ҳар чӣ аз дасташ

[18] Кулоҳбардорон – хушомадгӯён, лаганбардорон.

[19] Реҳлат кардан – рафтан, вафот кардан.

ояд, ҳамонро мекунад. Ҳар рӯз ба сад ҳилаву найранг кабӯтаракони Меҳру Вафоро дон медиҳад. Ҳамроҳи онҳо парида назди Ту рафтан, ба Ту наздик шуданро мехоҳад. Дирӯз ба Қасам гуфтааст: “ – Агар боре аз рухсораи Офтоб набӯсам, тарки ин дунё хоҳам кард...”

***... Вале Ман Туро меҷустам, Ширини Ман, Туро меҷустам, Таскини Ман...***

## XV

...Обу ҳавои номусоиди Шаҳри Дил ба Салтанати Офтоб низ таъсири манфии худро расонида буд. Дигаргуниҳои табиат ба амал омадан гирифт. Нурҳои пурҷило бисёр мехостанд диёрашон зери абрҳои тундмизоҷ набошад. Нурафкан бошад бар сари Шаҳри Дил. Нурҳои пурҷило ва шукӯҳманд дар пайкари заррини Офтоб намегунҷид. Дили абрҳои сияҳро шикоф намуда берун меҷаҳид. Борикбинони Шаҳри Дил ба нурҳои пурҷилои ӯ бо таваҷҷӯҳи дигар менигаристанд. Андоза гирифтанӣ мешуданд аз ваъзи Салтанати Офтоб. Хешу таборони Маликаи Маҳтоб, ахтаракони бешумори Шаҳри Дил дар ҳайрат буданд. Фол мекушоёнданд, то бидонанд боз чӣ воқеъаҳое рух медиҳад дар Шаҳри Дил: “ – Сабабгорон киҳоянд? Сабаби аслӣ чист? Чаро дар Мулки Маликаи Маҳтоб ободӣ намонд?”

Яхбандии Шаҳри Дил дар осмони муҳаббати дерин Маликаи Маҳтобро мушавваш[20] месохт. Ҳодисае, ки чандин соли пеш, ҳангоми қаробат ва хилвати Дил дар Мулки Маликаи Маҳтоб рух дода буд, дубора хотиррасон мегашт. Вай умед дошт як умр дар Шаҳри Дил мемонад. Агарчанде ӯ як насли пурқувват офарид, вале дар баробари муҳаббати Дил ба як тори нури Офтоб

[20] Мушавваш – парешон, хаёлпарешон; ташвишнок.

арзиш надошт. Вале ҳукми Сулолаи Сарнавишт қатъӣ буд. Маликаи Маҳтоб ба ҳарфи хешовандон эътиборе надода тақдири худро ба Шаҳри Дил пайваст. Қиблагоҳи Шаҳри Дил дилмонда шуд. Намози пешинро дар як хонаи яхдони Маликаи Маҳтоби моҳваш хонд. Пушаймонгунаҳояшро ашки ҳасрат шуст. Қасамёд кард ва ба пушти камараш гуфт: " – Иштибоҳ кардӣ, Ҷигарбандам, иштибоҳ кардӣ". Садри Оли Андеша ва Садри Оли Умед Қиблагоҳро таскин медоданд. Бо вуҷуди ин Қиблагоҳ аз кори Маликаи Маҳтоб ба изтироб меомад. Ин изтироб дар лаҳзаҳои вопасини ҳаёт ҳам ӯро тарк накард. Қиблагоҳ дар Аспи Андеша хуб сайру гашт кард. Ба Айвони Қарор омад. Рӯйи Кӯрпачаи Маслиҳат нишаст. Ба тамоми хешу ақрабо эълон намуд, ки рӯзе дар Шаҳри Дил Офтоб тулӯъ хоҳад кард. Ва ин Офтоб то охири умр Шаҳри Дилро нуристон хоҳад намуд. Фарзандони онон низ офтобӣ тавлллуд хоҳанд шуд. Дил намедонист пайдоиши Офтоб дар шаҳри ӯ аз тоату ибодати Қиблагоҳ буд ё дигар... Ҳамин тавр, Дил Маҳтобро ба шаҳри худ расман ба қайд дароварда буд, намедонист рӯзе...

***...Вале ман Туро меҷустам, Дилозори ман, Туро меҷустам, Сазовори ман...***

## XVI

...Нафас худро аз ҳама беадолатиҳо муҳофизат мекард. Аҳди худро бо Шаҳри Дил наканд. Гарчанде қавми Ғайбат ба димоғи ӯ бӯйҳои бад меоварданд, Нафас онро то Дил бурда намерасонд. Дар роҳи гулӯ Нафасро сахт ба назорат гирифта буданд. Ӯ аз ҳамаи дидгоҳҳои роҳи гулӯ бемалол мегузашт ва ба Шаҳри Дил мерасид. Ғизо мебахшид наҳру ҷӯйбор, майдонҳои фарох, боғу

токзорҳои бепоёни Дилро. Ҳама мавҷудот ва набототи Дил ӯро мепарастиданд...

Обу ҳавои Шаҳри Дил якбора тағйир ёфт. Яхбандӣ фаро гирифт ҳама ҷоро. Шамоли сард мевазид дар хиёбонҳои Дил. Шоҳидон ба таври худ ҳар гуна қазоват мекарданд:

“ – Шаҳри Дил ба ғазаби ХУДОВАНД гирифтор шуд” - гуфт Фитнаи Фаттона.

“ – Рӯзе бешаҳои урён, кошонаҳои фарсуда, хаймаҳои пӯсидаро Офтоб низ тарк месозад” - гуфт Гумони Ҳарзагӯ...

“ – Дар Дил на орзуйи Офтоб мемонад, на орзуйи Маликаи Маҳтоб” - афзуд Андешаи Беинтиҳо.

Хирси сап-сафеди Ҳирс ғизо меҷуст дар бешаҳои ях фарогирифтаи Дил.Тамоми мавҷудот, наботот[21] дар зери ях буд. Мотами сафед медошт. Рӯйи пурнури Офтобро абрҳои сип-сиёҳи Кину Адоват тарк намекард. Мардуми Орзу бо умед ба само менигаристанд. То бо чашмони худ бубинанд Офтоб, Маҳтоб ва ахтаракон чӣ сон ҳаётро тарк месозанд. Дил гуноҳҳои худро бо Мезони Оли Хирад бармекашид. Гарчанде дар орзуйи Офтоб куҳансол гашт, боре ба рӯйи Моҳ бо кина нанигарист. Ахтаракони офаридаи Маликаи Маҳтобро аз дилу ҷон дӯст дошт. Вале чаро Шаҳри Дили ӯро якбора яхбандӣ фаро гирифт? Кош, дилу гурдаи мардуми Фитна, Ғайбат ва Адоватро сармо мезад. Кош, шуши онҳо аз сармо сӯрох-сӯрох мешуд.

Шайтонҳои Гуноҳ хирсҳои Ҳирсро мепазируфтанд. Хирсҳои Ҳирс лабу лунҷи Эҳтиросро бесаброна мелесиданд. Шайтонҳои Гуноҳ онҳоро маҷбур мекарданд дар Шаҳри Дил корҳои шаҳвонии худро ҳар чӣ зудтар иҷро кунанд. Бечора Хирси Ҳирс фикру андешаҳояшро дар як ҷой ҷамъ карда наметавонист. Аз Андешаи Беин-

[21] Наботот― олами гиёҳон, растаниҳо.

тиҳо мадад меҷуст. Тавоф мекард Кохи Орзуро.

Тахминҳои Гумони Ҳарзагӯ рост баромад. Ӯ ба Оқибат гуфта буд: “ – Ҳоло мебинӣ, рӯзе нурҳои Офтоб аз қаламрави худ берун ҷаҳида бо Хирси Ҳирс бозӣ хоҳанд кард.” Маскунони вилояти Оқибат бо пораҳои нӯгтези яхи Дил ба сари Хирси Ҳирс мезаданд ва мегуфтанд: “– Магар ту Офтоби Шаҳри Дилро фурӯ бурдӣ?” “– На, – мегуфт ӯ бо нолиши ҳазин. – Ҳангоме, ки пайкари Дил Офтобро дид, нурҳои он оғӯши маро хост. Ман танҳо бо нурҳои он бозӣ кардам”. Хирси Ҳирс болои пиряхе баромаду уллос кашид. Гӯё мегуфт: “ – Гуноҳи ман чист? Ман дар маконҳои аз чашм ниҳон мезистам. Бо нури Офтоб рӯбарӯ шуданро намехостам. Вале нури он маро таъқиб кард. Бедор кард. Бо роҳҳои ноҳамвор аз рагу решаҳои касногузар гузашта тавассути узвҳои Шаҳри Дил бо нишондоди онон ба Салтанати Офтоб расидам. Аз нури он, оре, танҳо аз нури он баҳра бурдан хостам. Худи нури он дар оғӯши ман омад. Маро бӯйид, бӯсид, навозиш кард. Ва ниҳоят, Хирси Ҳирс ҳам ба ҷунбиш омад. Ба ваҷд омад танаҳои сап-сафедам. Нурҳои онро ба тани яхбастаам молидам. Бӯ кашидам. Тани яхбастаам аз гармии нурҳои он об шуду бо он омехтам. Нурҳои он ҳузур мекард. Офтоб ҳам мегуфт: “ – Эй кош, на танҳо нурҳоям, тамоми вуҷудам дар оғӯши Ту бошад!” Вай аз Шаҳри Дил ҷудоиро намехост. Ман худро ба даст мегирифтам. Узвҳои Пайкарро намегузоштам шайтонпарастӣ кунанд...

Ман ба Маликаи Маҳтоби моҳваш боре хиёнат накарда будам. Аммо узвҳои Пайкари Шаҳри Дил ҳама омодаи оғӯши Офтоб гардиданд. Онҳо худро дар бешаҳои сап-сафеди яхбастаи Дил ба кор омода месохтанд. Хаёл бозиҳои гуногуни худро ба Асаб мефаҳмонд. Асаб маро маҷбур мекард то қувват дорам Офтобро ба Шаҳри Дил оварам ва ӯро оғӯш гирам. Нурҳои пурҷило, нурҳои ҳурлиқо дар оғӯши Хирси Ҳирс бо баданҳои

сап-сафедашон ўро ба оғўш гирифта ба панҷаҳои сўзони худ мемолиданд. Нурҳои сўзон ба пайкарам мегуфт: “Биёед, шуморо Хирси Ҳирс ба оғўш мегирад. Оғўши ў пур аз ҳарорат, пур аз нафосат аст. Тамоми ғаму андўҳи Зиндагиро фаромўш хоҳед кард. Пайкар, биё, ман туро ба Шаҳри Офтоб бубарам!”

Асалҳоеро, ки ҳангоми зимистони яхбандӣ ҳамчун ғизо дар кулбаҳои узвҳо захира карда будам, нурҳо бо аъзоҳояшон мемолиданд. Нури Офтоб шармро фаромўш карда буд. Қатраҳои асалро дар батни хеш ҷой кардан мехост...

Гумони Ҳарзагў Ҳайратро хабар мегирифт. Дар мавридҳое аз ў маслиҳат мепурсид:

“ – Чаро куҳансолии Шаҳри Дилро дидаву дониста Офтоб дар Шаҳри Дили ў пайдо гашт? Офтоб худро ба Шаҳри Дил як умр мебахшида бошад?”

“ – Нокарда гунаҳ дар ин ҷаҳон кист бигў, гуфтаанд. Магар Офтоб бегуноҳ, пок аз ҳар гуна айбу нуқсон аст? Агар ин тавр бошад, бозии нурҳояш бо Хирси Ҳирс чӣ маънӣ дорад? Ё дороии Шаҳри Дил ўро ба ваҷд овардааст?” Онҳо наметавонистанд ба як қарор биёянд. Мақсад девонагиҳои худро бас намекард. Ҳасрат дар Шаҳри Дил дарвеши дарбадар буд.

Садри Оли Хирадро авф карданд ва аз Зиндони Маҳрумият озод намуданд. Вай озод шуд ва ибодатро ихтиёр намуд. Қавми Қасам аз раъйи худ намегашт. Агар аз қасами худ баргардад, мисли ин ки ОФАРИДГОР айби ўро намебахшид...

Мардуми Оли Шараф ва Қавми Ғурур дар Ҳарами Ҳақиқат нақшаҳои оқилонаро таҳияву танзим менамуданд...

Қаҳр Фитнаи Фаттонаро фаро хонд. Асабонӣ ба ў фармуд: “ – Зуд бирав, байни Офтоб ва Ҳиссиёт Ғубори

Хусуматро биандоз. Бас кунанд бозии худро. Мардум ҳама ба тарафи онҳо мегузаранд”. Фитнаи Фаттона чолокона аз ҷой ҷаст. Ба Кулбаи Ҳиссиёт омаду ҳайрон шуд. На танҳо нури Офтоб, ҳатто худи Офтоб ба гӯшту пӯсти Хирси Ҳирс ҷойгир шуданист. Ӯро ҷудо кардан кори соддае нест. Ҳарчанд абрҳои Кину Адоват дар атрофи Офтоб таҳлукаомез сайру гашт доштанд, Офтоб ба онҳо эътиборе намедод. Бо тамоми қувва, бо сурхиву гармии худ сӯйи Шаҳри Дил дар ҳаракат буд. Ба воҳима афтод. Хост дидаҳояшро ба мардуми Қаҳр ва Интиқом расонад. Дар кучаое Посдорони Оли Орият пеши роҳи Қабилаи Фитнаи Фаттонаро гирифтанд. Ҷанги шадиде дар байни ду қабила рух дод... Ҷанг бо забардастии посдорони Оли Орият ба поён расид.

Садри Оли Орият ба сарвари Фитна гуфт: *“ – Эй беобрӯ! Бас кун ин ҳама бадандеширо! Ҳама ҷӯён ва пазмони нурҳои Офтоб ҳастанд. Тамоми Ҳастӣ Офтоб мехоҳад. Дар байни Офтоб ва Шаҳри Дил муҳаббате бепоён, ишқе беназир пайдост. Бигзор, ба туфайли онҳо Шаҳри Дил обод гардад. Ва мо ҳам аз ҳарорати Шаҳри Дил баҳра бардорем. Осуда, бо саъодат зиндагӣ кунем!”*

Ва як порча аз асари ба ном “Чорбарӯ”- яшро назди сарвари Қабилаи Фитна партофт...

## “Чорбарӯ”

*...Эй қавмҳои бадандеш, бадгӯ ва бадкирдори Фиреб, Фитна, Хиёнат, Ғазаб, Нафрат ва Интиқом! Бисёр кӯшиш намудед дар Шаҳри Дил ҳоким бошед, тамоми мансабҳои болоии Дилро ишғол намоед. Ба ҳар касе,ки рӯбарӯ омадед, ӯро аз раҳи росташ бероҳа намудед.*

*Хостед, ҳастии офтобии Шаҳри Дилро, ишқу муҳаббати мусаффо ва беолойиши ӯро барҳам бизанед. Аммо натавонистед.*

*Як фосилаи рӯзгор мардуми соддадил дар нағораи шумо бозӣ карданд. Забонашонро гум карданд, гунгу лол шуданд. Дар ҳаққи мардуми Меҳру  Оқибат хиёнати азим кардед. Вале мардуми вафодори Оли Хирад ва Оли Андеша зуд фаҳмиданд, ки роҳи интихобнамудаи шумо бисёр кӯтоҳ хоҳад буд. Шумо фақат баҳри амалӣ гардонидани ҳадафҳои худ ҳаракат кардед. Қавмҳои шумо танҳо машҳуриро меписандид. Гумон кардед, ки тамоми ҳастӣ  фармонбардори шумост. На, хато кардед! Бечораҳо! Ба ҳован об кӯбидед! Соя аз девор тарошидед! Аз мурғ шир хостед! Зеро, то замоне, ки мардуми Оли Орият ва Оли Шараф зиндаанд,  шумо ҳаргиз ва ҳаргиз пирӯз нахоҳед шуд... Пирӯзӣ бо Ҳақ ва Аҳли Ҳақиқат аст, на бо шумо!*

*...Шунидед ё на, эй бехабарон? ОҚИБАТ ДАР ШАҲРИ ДИЛИ МАН ОФТОБ ТУЛӮЪ КАРД! ҶОВИДОНА, БЕКАРОНА...*

*ДУРУД БАР ТУ, ЭЙ ОФТОБИ ШАҲРИ ДИЛ!*

## ҶОНИ ОЧА...

*Ба ёди модари покҷонам Хадичабибӣ Рустамова*

### I

– Салом, Очаҷон!

“Салом, Ҷони Оча![22] Боз омадӣ?”

– Боз омадам, Очаҷон. Маро бубахшед. Кор бисёр буд. Ҳамроҳи рафиқон дар чанд деҳоти дурдасти вилоят ба сафар баромада будем. Кай омадӣ, мегӯед? Ҳа, шаб ҳамроҳи акаам омада будам. То поси шаб бо бародарон сӯҳбат кардем. Модарҷон, ба сурататон лаҳзае нигаристам. Хуб арзи дил кардам. Ана, боз бар сари қабратон ҳамсӯҳбатем...

Модарҷон! Афсӯс, ки дар тобистон бародарони хурдӣ ҳамон танӯри нонпазии худатон сохтаро кӯҳна шуд, гуфта вайрон кардаанд. Хоку хокистарашро бо дастонам рӯфтам. Дар хотиратон ҳаст, онро ҳамроҳ сохта будем. Ҳа, гарчӣ саломатиатон хуб набуд, баробарам кор мекардед. Хоку хокистардони онро бӯ кашидам. Зеро ҳар гоҳ аз остинчаю рафидаатон, камзӯли нончаспониатон бӯйи хуши нону хок меомад. На, на, нақши дастонатонро дар лахча-лахчаҳои танӯри вайроншуда пайдо карда натавонистам... Кенҷаи ман чӣ кора аст, мегӯед? Ҳа, аслан дунболи ташвишҳои ҳамон омадем. Имсол хидмати муқобили кенҷа ба поён мерасад. Аз вай калониро хонадор карданием. Акнун, Модарҷон, васияти Падар дар дил. Ҳангоми фавт “Ҳафт сол бо тағоят қаҳрӣ гаштем, муроде ҳосил нашуд, як аз пеши тағоятон гузаретон”, гуфта буданд. Ҳозир барои ҳамин камтар саросемаам. Ҳатман бо тағоям вомехурам...

[22] Ҷони Оча – Ҷони Модар.

Эй, монед, Модарҷон, рангу рӯям дар ҷояш. Ҳамеша рангу рӯят кандагӣ, мегӯед. Ҳамин ду-се моҳи охир таку дави кор зиёд шуд...

Очаҷон, апаамро мепурсед? Не, не, ин сафар апаам ҳамроҳ наомаданд. Як ҳафта пеш писарашон Ҷӯрабекҷон, ки дар Тошканд хидмати ҳарбиашро мегузаронд, омада рафт. Ҳа, бисёр кайфияташ хуб, хидматаш аъло мегузарад. Одамча шуда мондааст гӯед, набераи аз ҳама калонии Шумо...

Модарҷон! Шумо мабодо бо Падарам вонахӯрдед? Чӣ буд, мегӯед? Ёд доред, Падарам соати дастиро бисёр дӯст медоштанд. Онро хуб эҳтиёт мекарданд. Ҳамон соати “Парвоз”-ро, ки қариб бист сол банди дасташонро оро медод, пеш аз маргашон гум карда наёфта буданд. Шаб бордони ҳуҷҷатҳояшонро дида баромада ёфтам: дар таги тагчарми он афтида будааст он соат. Ба даст гирифта хуб гиристам...

Не, не, Очаҷон, ҳозир дарди зонуям тамоман гум шуда рафт. Бовар кунед, дард намекунад. Худатон дар чӣ аҳволу то ҳол дарди зонуи маро фикр мекунед-а, Модарҷон!... Ҳа, воқеан, ташвиши акаам ҳам имсол зиёд. Замин гирифт. Хона сохтанист. Не, ҷояш дур нест. Ба хонаи апаам наздик...

Эҳ, фаромӯш кардам, Модарҷон! Хешовандон маслиҳат доданд, то ба сари қабри Шумову Падарам санги ёдгорӣ гузорем...

“Эҳҳе, ҳоло ин гапҳо ҳам ҳаст, гӯй, Ҷони Оча! Ёдгорӣ ин худи туӣ. Ҳар як бори ба зиёрати сари қабри ман омаданат, ҳар як дуои фотиҳа хонданат аз садҳо ин гуна ёдгориҳои беҷон, ки фарзандон мегузоранду солҳои сол хабар намегиранд, арзандатар аст. Рав, писарам. Ба ин гапҳо гӯш накун. Ёдгории ман шумоёнед. Ҳар як навиштаат барои ман ёдгорист. Ба фарзандонат

эътибор деҳ. Онҳоро азиз дор. Ба зани додарат таъин кун. Шодрӯз дирӯз рост то лаби дарёи калон рафтааст. Болои ҷар бозӣ дошт. Гӯй, эҳтиёт шавад, бачааш ҳоло кӯдак аст!”

– Мегӯям, Очаҷон...

“Акнун хона баргард, Ҷони Оча, ҳаво хунук шуд. Тирамоҳ бошад ҳам бӯйи барф меояд...”

## II

“Эҳ, ришсафедҷони ман! Боз омадӣ? Илоҳо, кам нашавӣ, рӯҳамро шод кардӣ... Дар фотиҳахониҳоят ҷонам садқа!”

– Ҳа, омадам, Очаҷон! Як сари қадам хабар гирам, гуфтам. Ҳозир дар роҳ ҳамсояамон момои Ҷамолро вохӯрдам. Хуб пурсиданд. Хотираҳои давраи ҷавониро нақл карданд. Гуфтанд, ки аз ҳама ҳамсояи беҳтаринам Хадичабибӣ буд. Шуморо ёд карданд. Бечора моморо ғами фарзандаш хеле пир кардааст... Парерӯз омада будам, Оча. Ҳамдеҳагони фавтидаро дуои фотиҳа кардем. Аллакай ҳамсолони падарам як-як, ду-ду вафот карда истодаанд. Лекин, Модарҷон, аз марги нобаҳангоми апаи Муҳаббат сахт ғамгин шудам. Занаки ниҳоят меҳрубон буданд худораҳматӣ. Ҳар доим мегуфтанд, ки модарат Хадичабону аҷаб зани ҳалиму хоксор буданд. Рӯзҳои марги Падарам ҳам омада маро дилбардорӣ мекарданд. Сад дареғ, ҳангоми таваллуди кӯдак... Оре, дуруст гуфтед. Акнун оҳу вовайло кардан фоидае надорад...

Модарҷон! Ҳар гоҳ мегуфтед, ки: “Ҷони Оча, чашмонам аллакай дурро намебинад”, бовар намекардам. Ҳоло мебинед, ки худам ба синни панҷоҳ нарасида чашмонам хира гаштааст... Як хабари хуш, Модарҷон!

Номи амакамро ба мактабе, ки бо як олам орзу ташаббус нишон дода барпо карданду аммо дер кор накарда буданд, гузоштанианд. Сари ин масъала ба шӯъбаи маорифи ноҳия  рафта будам. Агар амакам зинда мебуданд, имрӯз ба сини муборакӣ ҳафтод медаромаданд…

“Писарам, гӯш кун. Амакат марди одамшаванда буд. Дар Самарқанд таҳсил кард. Ҳангоме ки акаат Ҳайдар таваллуд шуд, худаш пои пиёда аз Бойсун гаҳвораи хеле базеб харида оварда буд. Дар ҳамон гаҳвора ҳашт нафари шумо калон шудед. Чанд набераам низ аз ҳамон гаҳвора гардон шуданд. Гаҳвора бафайз баромад.  Бин, ҳатто ҳамон гаҳвораи чӯбин бар пой ҳасту мо дар қайди ҳаёт нестем...”

–  Очаҷон! Хоҳарам ҳам баъди се духтар писардор шуд. Медонам, хеле азоб кашид. Болои ин шавҳараш ҳам як марди бепарво баромад.

“Бачем, акнун фарзандони апаат каппа-калон шудаанд. Шумоён хоҳаратонро хабар гиред. Фарзанди заиф меҳрубон мешавад”.

– Барфи гарм меборад, Оча! Як воқеъа ба ёдам расид: мисли имрӯз, яке аз рӯзҳои зимистон буд. Падарам барои хоҳарам як ҷӯра калӯш харида оварданд. Хоҳарам ҳамон рӯз бо кӯдакони ҳамсоя бозӣ карда як тоқаи калӯшро ба ҷӯйбор гум кардааст. Шумо он бегоҳ ба оби хунук даромада кофтед. Пойҳоятон аз таъсири оби хунук каб-кабуд шуда буданд...

 “Ҳа, ту он вақтҳо мактабхон будӣ.  Додета ҷаҳлашон тез буд. Охир, он вақт маоши муаллимӣ ночиз буд. Ҳашт сари шуморо бо як маоши омӯзгорӣ мехӯронду мепӯшонд. Вале писарам, бо вуҷуди ин қадру манзалати омӯзгорӣ баланд буд”.

– Модарҷон! Дар хотиратон ҳаст, Падарам аз дарс баргаштан ҳамоно хоҳарчаам хабаркашӣ кард:  – Дада, калӯши нав гум шуд!

Падарам Шуморо танбеҳ доданд. Баъди чанде тоқаи калӯшро аз таги кӯпрукча, аз даруни сияҳлой ёфтем.

“Ҳа, ҳамон воқеаҳо аз хотират фаромӯш нашуда будааст-дия, бачем. Мӯйҳоят рехтааст-а, Ҷони Оча! Охир чаро ин қадар китобхонӣ, навис-навис мекунӣ? Саломатӣ ҳам даркор. Эҳ, бачем, ҳамин муаллимӣ ҳам кори душвор будааст. Падарат чилу ду сол дар синфҳои ибтидоӣ дарс гуфтанд. Вақтҳои охири ҳаёт тез-тез монда мешуданд”. Агар ба нафақа бароям, як рӯз ҳам кор намекунам”, мегуфтанд. Аҳдашонро нашикастанд”.

– Очаҷон! Дирӯз як ҳикояи журналист Нуралӣ Раҷабро хонда хуб гиря кардам. Он “То баҳорони дигар” ном дошта муаллиф дар оғоз чунин овардааст:

“Барои модари армониам, ки боре дари хонаи маро накӯфт.”

“Бале, Ҷони Оча. Худат нағз медонӣ модари Нуралиро. Онҳо дар он сӯйи Дарбанддарё зиндагӣ мекарданд. Ҳар гоҳ обхезӣ шавад, сел кӯпрукро гирифта мебурд. Он замон сокинони ин деҳаяки кӯчак пойи луч аз дарё мегузаштанд. Ман бо модари Нуралӣ бисёр вомехӯрдем. Ҳар гоҳ модари Нуралӣ: “Писаракам дар ҷанги Афғонистон. Кош, боре дари хонаашро накӯбам, аммо ӯ зиндаву саломат баргардад”, мегуфтанд. Дар хотирам ҳаст, рӯзи дафни модараш ҳам Нуралӣ набуд...”

– Ҳа, Модарҷон, ӯ аз ҷанг зиндаву саломат баргашт. Дар бораи модараш ҳикояҳои дилангез, дар бораи ҷанги бемаънои Афгонистон хотираҳои ҷонгудоз навишт. Китобаш ҳам омодаи чоп аст, аммо дасткӯтоҳӣ имкон намедиҳад, ки чоп кунад. Медонед, Оча, боре акои Нуралӣ чунин гуфт: “Эҳ, додар, зиндагӣ пур аз дард будааст. Гумон мекунам, ки сар то по гиряаам. Кадом як дардамро ба Шумо гӯям? Модари бечораам мехост бо ман зиндагӣ кунад. Сад дареғ...” Ҳа, Оча, дар зин-

дагӣ одамони бодард хеле зиёданд. Ман инро баъди марги Шумову Падарам эҳсос кардам. Медонед, як чиз ба хотирам расид. Худатон нағз медонед, ҳамин ки аз шаҳр ба деҳа омадам, сараввал ҳардуямон хуб сӯҳбат мекардем. Сонӣ, Шумо дарҳол ба угробурӣ сар мекардед. Оши угрои Шумо пухтаро нағз медидам. Онро бо иштиҳои тамом мехӯрдам. Ростӣ, келинҳоятон ягонтааш ҳам мисли худатон таом пухта наметавонад. Лекин, бовар кунед, апаам вақте ки оши палав мепазад, маззааш чун таомҳои пухтаи Шумост...

“Писарам, боз ба келинҳои ман мечаспӣ-а? Ҳамааш пазандаи хуб. Ҳама хӯроки хуб аз маҳсулоти хуб тайёр мешавад. Медонӣ, ман бо Падарат сиву панҷ сол хонадорӣ карда, ягон маротиба бозор нарафтаам. Ҳамаашро худашон харид карда меоварданд. “Кам бошад ҳам ғизодору босифат бошад”, мегуфтанд... Хай, сӯҳбат ҳам кардем, Ҷони Оча. Бин, ҳама ҷо аз барф сап-сафед шудааст, боз сармо нахурӣ, бачаҷон. Бе телпак нагард...”

## III

“Эй, Ҷони Оча, кадом шамоли хуштолеъ туро ин ҷо овард? Биё, биё, бишин, меҳрубонаки ман, дуохонаки ман...”

– Оча, Очаҷон, агар каме дер карда бошам, бубахшед. Як нафас бошад ҳам ташнаи сӯҳбати дилпазири Шумоям, Модарҷон!

“... Ҳа, Ҷони Оча, медонам, шаб зодрӯзат буд. Баъди гусели меҳмонҳо ба хонаи алоҳида даромада хуб гиря кардӣ. Камтар кайфат ҳам буд. Илоҷаш бошад, ҳамун арақа нахӯр, бачаҷон! Арақ марда як рӯз не, як рӯз беобрӯ мекунад... Эҳ, бачем, дар ғафлат мабош. Он ҳазлу шӯхиҳо, дидори ёрони ҷонӣ ғаниматанд. Дӯстон, ра-

фиқон, додаронат дар канорат. Ба кенҷаам нигоҳубин карданат ба ман хеле маъқул. Аз шумоён розиям, Ҷони Оча...”

– Оча, ҳар гоҳ: “Шаби сешанбейи моҳи изғирини феврал таваллуд шудӣ. Дар деҳа барф меборид. Ҳамон шаб низ ҳаво хеле сард буд”, мегуфтед. Очаҷон, инак панҷоҳсолагиам низ ба шаби сешанбе рост омад. Зодрӯз гузаронидам. Бовар кунед, Очаҷон, як бех бодоми дари ҳавлиам гул кушодааст. Ёру дӯстон, ҳамсояву наздикон омада табрик гуфтанд. Зодрӯз хуб гузашт. Аммо баъди гусели меҳмонон якбора чашмам ба сурати Шумо афтоду... Очаҷон, ҳамин умр, зиндагӣ аҷиб будааст. Фикр мекунам, дар ҳаёт зинда будан низ қаҳрамонист.

“Эҳ, Ҷони Оча, ҳама чизро фикр карда мегардӣ-дия. Биё, мон аз худат гап зан. Чӣ корай, чӣ борай... Хеле ошуфтаҳол менамоӣ?”

– Не, не, Очаҷон. Ҳама корам хуб. Аз ин ҷиҳат хотирҷамъ бошед. Фақат...

“Чӣ фақат?!”

– Дирӯз сӯҳбати як ҳамсояамон Дилбарбонуро шунидаму то ҳол ба худ намеоям. Асрори мурду зист чист? Чаро омадем? Чаро меравем? Чаро яке тавоно, дигаре нотавон? Чаро аз пайи ханда гиря меояд? Решаи ғаму андӯҳ, шодиву хурсандӣ дар куҷост?

“Ҳай, ҳай, шуд, файласуфаки ман... Ин қадар дар ҳаяҷонӣ, ку, гап зан, чӣ шуд?”

– Майлаш, мегӯям. Агар мабодо Падарамро дида монед, ба он кас низ нақл карда диҳед... Медонед, Модарҷон, ҳамон ҳамсояамон аслан аз қавми дегрези Бойсун будааст. Як накли андӯҳгин кард. Онҳо дар оила ҳафт нафар духтар будаанд. Баъди духтари панҷум модар писарчае таваллуд мекунад. Ба ӯ Шаҳзод ном мегузоранд. Корманди милиса – падари Шаҳзод хеле шайдои табиат

буда дар хонааш намудҳои гуногуни паррандаҳои зеборо парвариш мекардааст. Баъди таваллуди писар падари Шаҳзод хеле шод мешавад. Боз як паррандаи зеборо харид карда меорад. Онро ба Шаҳзод ҳадя мекунад. Хабари хушро рафиқи чӯпони падараш низ дар кӯҳ шунида ба шодиёна тойчае тӯҳфа медиҳад. Сад дареғ, ки баъди шаш моҳ писарча ба бемории сахте гирифтор мегардад. Ягон дорую дармон ба ӯ нафъе намерасонад. Ҳолати нафасгирии Шаҳзод чӣ қадар вазнин шавад, гунҷишкаки зебои дар қафас буда низ ҳамон қадар беқарор мегардад. Беқарории гунҷишкаки ба Шаҳзод ҳадягардидаро дида падараш онро аз қафас озод мекунад. Саҳарӣ Шаҳзод ҷон медиҳад. Ҷасадро ба гӯр монда ҳини бозгашт мебинанд, ки ҳамон гунҷишкаки зебо дар сари қабри Шаҳзод беҷон хобидааст. Пагоҳии дигар рафиқи чӯпони ӯ хабар мерасонад, ки тойчаи ба Шаҳзод тӯҳфашуда низ дар ҳамон рӯзи марги ӯ аз зов парида...

"Ҳа, Ҷони Оча. Ин гуна ҳодисаҳо ҳам рух медиҳанд. Азизам, фарорасии марг нишонаҳои зиёд дорад. Ба шахси марг фарорасида ин нишонаҳо маълум мегардад, вале гуфта наметавонад. Ҳамаи ин сирру асрор бо хости Оллоҳ Таъолост. Вале, бачаҷон, ҳамеша ба ҳаққи худ қонеъ ва дар роҳи рост бош. Ҳама кору ҳама чиз бояд бо андозааш бошад. Дар зиндагӣ қасрҳои боҳашамат, сандуқҳои пур аз лаълу ҷавоҳир, ба ҳафт пуштат басанда молу матоъ гузошта натавонӣ ҳам, бояд аз ту номи нек боқӣ монад. Ба қадри навиштаҳоят рас, Ҷони Оча. Ман мафтуни навиштаҳои туям. Онҳоро азиз медонам. Мисли ин ки худам навиштаам... Асар навиштан кори бошараф ва бузург аст. Хайр, ҳоло гуфтаниҳоям зиёданд. Боз чӣ гапҳо дар дунёи равшан, Ҷони Очеш?"

– Ҳа, Модарҷон, дуруст гуфтед, ки китоб хазинаи бузургест. Китоб гуфтеду хабаре ба ёдам расид. Кито-

би ҳамдеҳаамон Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ чоп шудааст. Медонед, Оча, ӯ бист сол инҷониб дар бораи ҳаёт ва фаъолияти нависандаи бузург Саттор Турсун, ки зодаи деҳаи Пасисурхист, мавод ҷамъ меовардааст. Ду китоб навиштанӣ буд, аммо дасти марг имкон надод, ки нависанда ба мақсади олиаш расад.  Имрӯз низ Аҳмадшоҳ дар паҳлӯи Шумо хобидааст. Инак, баъд аз марг орзуи нависанда ҷомаи амал пӯшид. Китоби ӯ дар шакли мукаммал  ҳаволаи мухлисонаш гардид.

"Ин кори бузург аст, Ҷони Оча. Афсӯс, ки падари Аҳмадшоҳ айни пиронсолӣ камтар ранҷ кашиданд. Хайрият, ки фарзандони он кас низ хеле баодоб баромаданд. Ту медонӣ, бо онҳо шумоён амак мешаветон..."

– Медонам, Очаҷон... Очаҷон, медонед, Дилбарбону боз як нақле кард, ки худаш ҳам зор-зор гирист, ман ҳам...

"Эй воҳимачии ман, дар бачагӣ ҳам каме бо воҳима гап мезадӣ. Канӣ, канӣ, нақл кун, боз чӣ гап шуд?"

– Эҳ, Модарҷон-е! Аз тақдир ҷойи гурез нест мегӯянд. Дилбарбону дар кадом ҷанозае дидааст, ки писар тамоми вуболу савоби оила, қарзу қаволаи марҳумро ба гардан мегирифтааст, барои ҳамин ҳам аз фарзанди мардина надоштани падараш зор-зор гирист, ки...

"Эҳ, Ҷони Оча. Илоҳо сари ин духтари бофаросат аз санг гардад. Ба Дилбарбону гӯй, ки ин чизҳои беҳударо фикр карда нагардад. Офаридгор ҳама чизро бо ҳикмате офаридааст. Ҳисобу китобро худаш медонад. Ӯ бахшандаи ҳар ду олам аст... Хайр, соҳиби мурдаам, хоҳараконатро ҳам хабар гирифта истодаӣ-мӣ?"

– Албатта... Аммо ин ду моҳи охир хабар нагирифта будам...

"Хайр, хоҳарат чиҳо гуфт? Нагуфтӣ, ки ҳар вақт маро ба ёд оварда ин қадар ашк нарезад. Охир ӯ ҳоло ҷавон. Саломатиашро дар ҷавонӣ нигоҳ дорад".

– Ҳамаашро гуфтам, Очаҷон. Писарчааш хеле сабзидааст. Рӯзгораш осуда. Ҳамин духтаратон гӯед, камтар якравӣ дорад. Насиҳат кардам, духтарчаи калониаш шабу рӯз дар хонаи момеш. Момаашро ҳамин қадар дӯст медоштааст, ки...

“Ҳа, бачем, момаҳо ба наберагон хеле меҳрубон мешаванд. Медонӣ, замоне буд, ки падаратро барои муаллимӣ ба деҳаи Мачай фиристоданд. Апаат Ҳилола, ки дар синфи якум мехонд, ҳамроҳи момаат Офтобхон дар деҳа монд. Апаат нақл мекард, ки момаат ҳатто дар нимашабҳо апаатро бедор карда ба ӯ хӯрок медодаанд. Ҳамеша дар кисаи камзӯлашон пораи қанд, набот, мағзу мавиз буд. Дар кучҷое набошад бо хӯрду хӯроки ӯ машғул мегаштанд. Ҳа, бачем, момаат хеле далер, тавоно, ба тӯю маросимҳои деҳа ҳозиру нозир буданд. Ҳангоме ки он кас дар мотамхонаҳо бо гиря ба гӯяндагӣ медаромадаанд, ҳама ором мешуд. Сифатҳои марҳумро гуфта дили ҳамаро об мекардаанд...

Гуфтам-ку, ҳамааш хости Оллоҳ. Насиб кунад, домод ҳам фарзанд аст. Агар ҳамсояаат Дилбарбону ба хонаат ояд, ҳаминҳоро гуфта дилбардорӣ кун ӯро. Холаатро бин, як Худойбердиҷон ба пешонааш нагунҷид. Хидмати ҳарбӣ баҳона, ҳалок гардид. Азизам, барои ҳамин Падарат шумоёнро дӯст медоштанд. Пораи ноне ёбанд, ба хона меоварданд. Эҳ, паҳлавончаи ман. Ту шабҳое, ки Падарат ба меҳмонӣ мерафтанд, то омаданашон хоб намерафтӣ. Падарат ҳам аз чойҳон муроотшудаашон қанду мавизҳои ширинро ба кисаашон андохта меоварданд. Ту ҳаққи худатро гирифта мехӯрдиву сонӣ хоб мекардӣ. Боқимондаро саҳар ба додаронат тақсим карда диҳанд, боз гиря карда дубора ҳиссаатро мегирифтӣ. Аз чӣ бошад майлат ба ширинӣ зиёд буд, ширинаки ман...”

– Очаҷон, ҳоло ҳам шириниро нағз мебинам. Аз набераҳоятон писари Эралӣ – Шодрӯз худди худам. Ба як дона ширинии хуб як олам гапи дунёро гуфта медиҳад. Писари Самандар – Эраҷро намегӯед...

“Эраҷ гуфти-мӣ, ин номи хушрӯйиро аз куҷо ёфта мондааст?”

– Бозёфти худам...

“Хайр, худатро таъриф накун, Ҷони Оча. Ҳоло ба сари қабрамояд, аз худаш мепурсам”.

– Не, не, мебахшед, Очаҷон. Фаромӯш кардаам. Ман номи духтари хушрӯякаш Сабринаро гузошта будам.

“Ба деҳа ҳам кам меомадагӣ шудӣ, Ҷони Оча?”

– Кору бори зиндагӣ ҳамин будааст-дия, Оча. Мардумамон чӣ хеле, ки бегонапараст шудаанд. Баъзе воқеа, ҳодисаҳоро дида дилам хиҷил мешавад. Бархе ба қадри забон, зебоӣ, Ватани азиз намерасанд. Дирӯз бо як рафиқи нағзам бо номи Мулло Шароф ба аёдати беморе рафтем...

“Барака ёб, Ҷони Оча, соҳиби мурдаам ту, илоҳо сиҳату саломат бош. Ҳама вақт аз ҳоли беморон, хешу таборон хабар гир. Ҳамин рафторат ба ман хеле маъқул. Кош, ҳамон бою давлатмандон низ ҳар сари вақт аз ҳоли ночорон хабар мегирифтанд. Ба аёдати беморон рафтан хислати наҷиб аст. Саховатпешагӣ, олиҳимматӣ, дасткушодӣ ободии ду дунёст. Побарҷоии меҳру оқибат дар зиндагӣ дар дасти марди саховатманд аст...”

– Баъд гӯед, Очаҷон, ҳамроҳи ин бемор як бемори дигар ҳам хоб карда будааст. Ҳангоме ки мо ба хона даромадем, ҳамон бемор хуррак кашида хоб мерафт. Бемори мо бошад бо забони ҳамон марди бегона пурсу пос кардан гирифт. Шарофро қаҳраш омад: “Ҳӯй, ҳамон махлуқ-ку хоб аст, ҳатто шунида истодаӣ, ки хуррак ме-

кашад, ҳеҷ набошад, ҳамин вақт бо забони модариат гап зан", гӯяд он бемор "тиш-ш" гуфта панҷаашро ба лабаш гузошт. "Э муре, пагоҳ мурӣ ҳам ба ҷои "воҳ, Очаҷон" гуфтан агар ҳамин барин ягон кас наздат нишаста бошад, бо забони ӯ "воҳ, Модарҷон", гуфта мемурӣ", гӯён дод зада дашном дода баромада рафт Шароф. Ана барои ҳамин Модарҷон, ба забони модарӣ муносибати ҳамзабонон хеле сард аст. Ҳурмати ҳамин забону миллат ҳам аз одаму одамгарии мо дарак медиҳад. Мақоле ҳаст, ки "то дар мулки дигар шоҳ будан, дар мулки худ гадо будан беҳтар аст". Ман намедонам, ки ба мо чӣ шуд?! Аз куҷо ин ҳама таъсироти манфӣ?!

"Хайр, шуд, шуд, Ҷони Оча, ин қадар асабонӣ нашав. Рӯзе мерасад, ки ин ҳама вазнинихову тангдастиҳо мегузаранд, ҳама маърифатнок мешаванд. Ҳа, фарзанди азиз! Касе, ки забони модариашро ҳурмат намекунад, худаш ҳам беҳурмат мегардад. Ҳар гоҳ ба сари қабрам ойӣ, ҳампаҳлӯҳоям суханҳои шунаво, талаффузҳои ширини туро бо меҳр мешунаванд. Ҳатто, бархе афсӯс мехуранд, ки дар зиндагӣ ба қадри саломатӣ, зебоиҳои табиат, забону миллат нарасидаанд. Аммо чуноне ки гуфтаанд: "Пушаймонӣ надорад оқибат суд". Эҳ, бачаҷонам, ҳатто ҳастанд ҳамқабристониҳое, ки дар зиндагиашон ба қадри сарвати ҷамъкардаашон нарасидаанд. Роҳҳои дурусти сарфи сармояро надонистаанд. Аммо имрӯз рӯҳан азоб мекашанд, ки он рӯзҳо дар зиндагӣ барояшон чӣ қадар имкониятҳои фарох мавҷуд буд барои ривоҷу равнақи забону фарҳанги миллат ва Ватан. Метавонистанд бисёр корҳои бузург кунанд. Бечуну чаро номашонро дар ҳаёт ҷовид гардонида метавонистанд. Онҳо дар зиндагӣ барои корҳои хайрро ба сомон нарасониданашон хеле азият мекашанд. Акнун барояшон дер шуд. Ҳама чиз аллакай сарҳисоб шуда...

Эҳ, Ҷони Оча, барои ҳамин ҳам ҳар як лаҳзаро ғанимат дон. Ҳар лаҳзаи зиндагӣ пур аз дуо, пур аз хайру эҳсон, пур аз саховат бояд бошад. Дареғ, ки баъзе одамҳо ин лаҳзаҳои бебозгаштро сарфи корҳои беҳуда мекунанд. Фикр мекунанд, ки зиндагӣ барои онҳо абадист. Гӯё сарвату давлаташон онҳоро аз ҳама чиз, ҳатто аз марг наҷот медиҳад, дареғ, сад дареғ... Хайр, бачем. Хеле аз дил сӯҳбат кардем. Дер намон, бачем. Айни намозгаҳ танҳо нагард".

– Хайр, Очаҷон... Э, Модарҷон, бубахшед, қариб, ки фаромӯш кардаам. Аз байни китобу дафтарҳои Падарам номаеро пайдо кардам. Гӯш кунед, хонда медиҳам.

"Майлаш, бихон, Ҷони Оча. Ку, шунавем, Падарат чӣ навиштаанд?".

*"Маро бубахш, фарзанди азиз! Ҷони Падар, гоҳо давраи зиндагиро сарҳисоб карда хотираҳоро дар ҳошияҳои дафтари корӣ навишта мемонам. Оё ба қадри зиндагону зиндагонӣ расидам?! Оё дар ҳаёт номи нек боқӣ гузошта тавонистам? Ба фарзандон қарзи падариро адо кардам ё на? Эҳ-ҳе, ин гуна саволҳо, гумонҳо, андешаҳо маро ором намегузоранд. Оре, Худованди яккаю ягона дар дунёи равшан ҳама чизро беолоиш офарида будааст. Инсон ҳамеша ҳаракат ба чизе дораду худ намедонад. Агар ҳаракат ба покӣ намояд, қувваҳои атроф намегузоштаанд, ки ӯ ҳаёти осоишта, беолоиши худро давом диҳад...*

*Фарзанди азиз! Гарчанде ки сарватмандона умр ба сар набурдаам, вале аз зиндагии оддӣ ҳеҷ гоҳ нанолидаам. Ҳатто як палторо то дувоздаҳ сол пӯшидам. Тӯю тантанаҳои дабдабадор нагузарондам, аммо, фарзандонам, шуморо бо луқмаи ҳалоли муаллимӣ парваридам. Имрӯз мавқеъи барҷойи шумо дар ҳаёти равшан тасқини дили ман аст.*

*Ҷони Падар! Гоҳе худро дар назди ту гунаҳкор меҳисобам. Ҳангоме ки Модарат ҳаётро падруд гуфт, зиндагии ман ва додарат Умарҷон дар ҳавлии калон мушкил гашт. Ҳамсарат Холида ба деҳа омад. Се сол баробари кори хона дар мактаби деҳа муаллимӣ кард. Заҳмат кашид. Илоҳо, ӯро Парвардигор нигаҳбон бошад. Духтарчаи панҷсолаат Соҳибаро ҳамроҳаш гирифта ба мактаб мебурд. Писарчаат Маъруф ҳамроҳи ман мемонд. Маъруфи хурдакак гиря мекард, ман ҳам ҳамраҳи ӯ то бегоҳ гиря мекардам. Ӯро дар рӯи сабзазорҳои назди ҳавлӣ мегузоштам. Қанду мавизҳо медодам. Бардошта мегаштам. Тасаллӣ намеёфт. Зеро дар назди меҳри модар ҳама чиз ҳеҷ будааст.*

*Ҳа, азизам, мард, ки пир шуд, аз бонуяш ҷудо нашавад будааст. Ҳеҷ як фарзанд, набера ё келин таскини дили ӯ шуда наметавонад. Аз ҳамин сабаб аз ту хоҳиш мекунам, ки оилаатро пос дор. Ба оилаи дигарон ҳаргиз тухми низоъ макор. Ба оилаҳои додаронат ҳам гапи бад мазан. Онҳоро азиз дор. Ба қадри зан-модар бирас...*

*Фарзанди Ҷон! Ҳар гоҳ, ки вақти холӣ пайдо шавад, бо ҳамкору ҳамнишинони ман сӯҳбат кун. Аз ҳама муҳим асареро, ки навиштанӣ ҳастиву аллакай оғоз кардӣ, ба охир расон. Китоб хазинаи бузург будааст. Кӯш, то китобат рӯйи чопро бинад. Муносибати самимона бо дӯстони ҷонӣ ҳеҷ гоҳ туро тарк насозанд.*

*Дилбандам! Рӯзе ҳамдеҳагон барои тармими кӯпруки боло, ки онро сел гирифта бурда буд, пул ҷамъ намуданд. Ҳамон солҳо маъоши муаллимӣ ночиз буд. Ман аз он маъош ба туву бародаронат барои зимистон ду палто харидаму пул тамом шуд. Ҳамон рӯз маҷбур шуда аз ҳамсояамон 200 сӯм қарз гирифта ба таъмири кӯпрук додам. Ҳоло фикр мекунам, ки ман ҳамон пулро*

*дар вақташ баргардонидам ё на? Ҳаминро аз бобои Нуртоҷиат бипурс.*

*Ҷони Падар! Ман туро хеле интизорӣ кашидам. Наомадӣ. Дареғ, то омадани ту ҷон дар қолаб мемонда бошад? Аз даргоҳи Худованди мутаъол умед дорам, ки ба дидорат бирасонад. Охир, дар дил гуфтаниҳои зиёде дорам. Хайр, фарзанди азизам, Парвардигор туро ҳамеша дар паноҳи худ нигоҳ дорад!"*

"Дидӣ, Ҷони Оча, Падарат туро чӣ қадар дӯст медошт! Барои рӯҳи Падарат ҳам дуои фотиҳа хонда ист!"

– Ҳатман, Очаҷон, ҳар ҳафта як бор дар хона бо келинатону набераҳотон нишаста ба Шумову Падарам бахшида тиловат мекунем... Аз мо розӣ бошетон...

"Албатта розием, ҳазорон бор розием, Ҷони Оча!"

## IV

– Очаҷон, гулҳои садбарги сари қабратон сафеду сурх, ниҳоят зебо шукуфтааст, гӯё бӯйи Шуморо медиҳад...

"Шуд, шуд, Ҷони Оча, худата ба даст гир..."

– Медонед, Очаҷон, моҳи майро ниҳоят дӯст медорам. Чунки дар ин моҳ Шумо таваллуд шудаед. Имрӯз зодрӯзатон буд... Як сари қадам хабар гирам, гуфтам. Дина бозорӣ кардам. Бароятон як даста гул овардам. Онро болои саратон мегузорам.

"Раҳмат, бачем, ҳамин, ки як даҳан дуои фотиҳа кардӣ, барои ман аз сад гулу райҳон авлотар шуд... Наздиктар биё, Ҷони Оча! Бароям аз ҳама беш ту месӯзӣ, менолӣ. Ҳарчанд аз шаҳр то ба деҳ роҳ 150 фарсах дур буд, дар вақти зиндагиям ҳам ҳар ҳафтае хабар мегирифтӣ. Чӣ чизи хубу хушрӯ ба дастат афтад, бароям тӯҳфа меовардӣ... Медонӣ, бачем, ҳамон як куртавор ма-

тои хушсифате, ки бароям дар рӯзи иди Модарон савғо карда будӣ, дар кунҷи сандуқ партофта будам. Нияти ба тӯйи кенҷа бурдан доштам. Афсӯс, аз бепарвоии зани додарат мушҳо чанд ҷояшро сӯрох кардааст. Ҷон бачем, ҳамон матои овардаат хеле хушрӯ ва асил буд. Ҳамонро ҳамчун нишона аз модари маҳрумат ҳатман аз номи ман ба тӯйи кенҷаам ҳамроҳ кун... Дирӯз тӯҳфаи идонаатро шунидам ва ба ҷон пазируфтам. Марсияи дар рӯзи иди Модарон барои ман бахшидаатро як духтараки ношинос ба сари қабри модараш нишаста хонду хуб гиря кард. Ман ҳам пурра шунида аз ёд кардам. Биё, наздиктар, сари қабрам нишин, Ҷони Оча. Агар хоҳӣ, он марсияро пурра аз ёд хонда медиҳамат...”

– Ҳа, Очаҷон! Ин марсия, тӯҳфаи идонаи ман барои Шумост. Дар ин рӯзи ид ман ҳам ғамгинаму ҳам шод. Ғамгин аз онам, ки дар ин рӯзи ид Шумо дар канорам нестед. Шодам аз он, ки тӯҳфаи идонаи ман ба Шумо маъкул афтодааст. Мехоҳам онро бо забони худ қироат кунам:

Модаро, дар кунҷи хона зор мондам, гир хабар,
Ман кунун бечора, беғамхор мондам, гир хабар,
Дар миёни неку бад абгор мондам, гир хабар,
Аз фазилатҳои некат зор мондам, гир хабар,
Аз ғамат дилпораю афгор мондам, гир хабар...

“Э, ташаккур-э, Ҷони Оча! Хайр, шуд, гиряро бас кун. Дар ин дунёи бебақо ҳама меҳмонанд. Фақат ҳамин шеър, китоб, адабиёт бешак номи касро зинда нигоҳ медорад. Дар кадом вазъият, ки набошад, шеъру шоириро напарто. Ба чизҳои хуб навиштан одат кун. Эҳсос мекунам, баъди фавти ман номаҳои ғамангез, пурдарду дареғ бисёр навиштаӣ. Ҷони Оча, худата эҳтиёт кун.

Ҳар чӣ ки менависӣ, дар бойгониат нигаҳ дор. Деҳаи пуршукӯҳам таърихи нодир дорад, дар васфи он бештар бинавис!”

– Оча, аз ман пештар кӣ сари қабратон омада буд, ки даста гули тару тоза гузоштааст. Ягон додарам омада буд магар?

“Не, не, бачем, додарат наомадааст. Агар вақтат бошад, шин. Ҷомаатро ба рӯйи сабза гузор. Замин ҳоло нам дорад. Як воқеаро нақл карданиам. Падарат маъошро гирифта баъди сарфу харҷ боқимондаашро ба ман медоданд. Онро ба сандуқ мегузоштам. Рӯзе Падарат гӯсфанд хариданӣ шуданду пулро пурсиданд. Аз рӯи ҳисоб нисфаш набуд. Баҳсу мунозира сар шуд. Пулро наёфтем. Медонӣ, акаат Иброҳим дар ҷавонӣ ниҳоят шӯх буд. Ману Падарат низ фарзанди аввал гуфта ӯро бештар дӯст медоштем. Ӯ бошад, ҳар гоҳ бо қайчӣ сандуқчаро кушода мағзу мавизи барои меҳмонҳо нигаҳдоштаамро медуздидааст. Рӯзе пул зарур мешаваду ноилоҷ аз ҳамон пули ҷамъкардаам чор-панҷ сӯм гирифтааст. Ҳозир акаат омада фотиҳа карду ин воқеаро ба хотир оварда ҳой-ҳой гирист... Чанд рӯз инҷониб хешу таборон бисёр омада мераванд. Ту ҳам хеле гиря кардӣ, монда шудӣ. Болои ин роҳ ҳам дур аст. Барвақттар роҳӣ шав. Эҳ, писарҷон, ҳа қариб, ки фаромӯш кардаам. Акаатро ҳам ташвишҳояш зиёд. Ба ӯ нагуфтам. Додари кенҷаатро дар бачагӣ чашмаш дард мекард. Ҳамонро ба духтур бурда табобат кун, ӯ ҷавон аст, бепарво мегардад. Гоҳҳо бо янгаҳо мунозира кунад, насиҳат кун. Медонӣ, ӯ маро ниҳоят дӯст медошт... Хайр, бачем. Гушна мондӣ, акнун рав. Ҳаворо бин, шамоли хунук мевазад. Борон наборида рав. Дирӯз аз борони сахт кӯпруки қабристонро об бурд. То аз пули сари роҳи калон тоб хӯрда гузашта меравӣ, торик мешавад. Баҳор

омад, гуфта ба сарат ҳам чизе напӯшидаӣ. Аз наму хунукӣ эҳтиёт шав. Қариб, ки фаромӯш кунам. Агар ин сафар ойӣ, ҳатман холаатро хабар гир. Ӯ дардманд аст".

## V

"Биё, хуш омадӣ,Ҷони Оча! Дар ин ҳавои тафсони Тирмиз азоб накашида гаштаӣ?"

– Очаҷон, аз ҳамон ҳавои гарми шаҳр гурехта омадам...

"Хай, худат сиҳату саломатӣ? Бачаҳоят нағзанд? Эҳ, Ҷони Оча-е! Хеле хавотир шудам-а. Лекин ҳамун рӯзи дилтанг аз деҳа баромаданат дар гирди сарат парвона будам. Қариб буд, ки бар ту фалокате рух диҳад. Хайрият, Худо худаш туро нигаҳбон шуд. Канӣ, бишин, чорта сӯҳбат кунем. Бисёр пазмон шудамат..."

– Очаҷон, ман ҳам Шуморо ёд кардам. Вақтҳои охир аз серкорӣ ба деҳа омада натавонистам. Имрӯз хонаи додаронам нарафта, рост сари қабратон омадам. То як даме аз ҳавои болои қабристон нафас гирам. Бо санги қабратон роз гуфта, хору хасҳои пушти онро тоза намоям. Овози форами Шуморо, ки аз қабр мебарояд, шунавам.

"Медонам, Ҷони Оча, имрӯз ту хурсандӣ, ман ҳам мисли ту аз ҳад зиёд  хушнудам. Охир, кенҷаи ман ба донишгоҳ қабул шуд. Медонӣ, аз хурсандӣ қариб, ки вуҷудам аз қабр дамида барояд. Эҳ, Ҷони Оча, ӯ барои туро огоҳ сохтан аз худи донишгоҳ то хонаат давида рафт. Ту дар хона набудӣ. Дертар ин хабарро шунида рост ба донишгоҳ шитофтӣ. Ӯро ба огӯш гирифта хуб гиря кардӣ. Ҳатто чандин маротиба: "Эҳ, кош, Очаҷон, зинда мебудед!", гӯён саратро боло бардошта ба Худо нола кардӣ. Бачем, хушиву хурсандӣ хуб, лекин эҳти-

ёткорӣ аз ҳама хубтар. Медонӣ, ҳамон рӯзи бозгашт аз зодгоҳи шоир Солеҳ[23] – Зархона[24] қариб буд, ки тӯъмаи наҳангмоҳиҳои Тӯпаланг[25] гардӣ! Хайрият, Оллоҳ худаш наҷот дод. Ту ҳам, Ҷони Оча, ҳамон рӯзи боронӣ аз якравиат намондӣ. Илтимоси мизбононро рад кардӣ. Бубин, дар раҳ чӣ фалокат рух дод. Хайрият, ронанда хушёрӣ карду мошинро як сӯ тоб дод. Ҷони Оча, ба чунин варта афтоданатро дидаму воқеае ба ёдам расид. Ҳоло он воқеаро ба ту нақл мекунам, то ки аз он ибрат бигирӣ.

...Агар хато накунам, соли 1968 буд. Мо ба деҳи Мачай[26] кӯчида рафтем. Моро ба ҳавлии Қурбон-бобо ҷойгир карданд. Рӯзе бобо ҳамроҳи Падарат барои ҳезум ба кӯҳ мебароянд. Эҳ, кӯҳҳои Мачай ҳамин қадар арчазорҳои зебо дошт, ки аз тамошояш кас сер намешуд. Он рӯз ҳардуяшон ду хар ҳезум мегиранд. Бобо Падаратро огоҳ мекунад, ки роҳҳо душворгузар, ҳезумро камтар бор кунад. Аммо Падарат якравӣ карда ҳезуми зиёдеро ба хар бор мекунад. Бозгашт аз лаби тобаи калон гузашта истода хари Падарат меафтаду бо ҳезум якҷоя ба поён меғелад. Ин ҳангом бобои Қурбон ба поён давида ҷисми ҳузарби худро зери бор мегузоранд. Дарҳол бандҳои ҳезумро кушода харро наҷот медиҳанд. “Бубин, ҳушёрӣ намекардем, чӣ воқеае рӯй медод, Мирзо” - хандида мегӯяд бобои Қурбон. Аз ин ҳодиса китфи он кас каме осеб диду баъд нағз шуда рафт. Лекин бобо ҳар гоҳ таъкид менамуд, ки Худо нокарда ҳамон рӯз хару ҳезум ба зов мепарид, ба мардум чӣ мегуфтам. Охир шумоён мусофир ҳастед, бар зимми ин ба фарзандона-

[23] Солеҳи Муҳаммадҷон – журналист ва нависанда.

[24] Зархона / Зоғхона – номи деҳае дар ноҳияи Сариосиё.

[25] Тӯпаланг – номи рӯдхона ва обанбор, ки дар ноҳияи Сариосиё воқеъ аст.

[26] Мачай – номи деҳае дар кӯҳистони Бойсун.

мон илм меомӯзед. Хайрият, Худо худаш раҳм кард”- гӯён меҳру садоқати бепоёни худашро изҳор мекард мӯйсафед. Ана ҳаминро фаромӯш накун, бачем...”

– Хайр, Очаҷон, дилтанг нашавед. Худо чӣ қадар умр дода бошад, ҳамон қадар зиндагӣ мекунем. Очаҷон, ҳамон рӯз ҳам Шуморо ёд кардам. Ҳар гоҳ хумори дидани Шумо мегирад маро. Дар шаҳр ҳамсолонамро мебинам, ки бо зану фарзанд ва падару модаронашон ҳама шоду мамнун гузашта мераванд. Ҳавас мекунам. Агар Шумо ҳам бо Падарам зинда мебудед... Эҳ, Очаҷон-е, чаро новақт сафар кардед?

“Ҳа,Ҷони Оча, новақт сафар кардам. Ҳамон шаб то саҳарӣ хоб накардам. Чанд шаби аввал хобҳои бесару нӯг маро ором намегузошт. Медонӣ, каме пештар, аниқтараш ду моҳ қабл хобе дидам. Ҳамин Падари раҳматиат бо ҳамсояамон бобои Чош гӯштин мегирифт. Чӣ шуду пойи Падарат лағжиду афтид. Бобо гардани Падаратро тоб дода дар зери худ дошта меистоданд. Падарат ҳарчанд мехостанд, ки хезанд, наметавонистанд. Ҳайрон шудам. Саҳарӣ хеста, хобро ба оби дарё гуфтам. Вале баъди чанде амакат дар роҳ бо мошин ба садама дучор шуда вафот карданд. Болу пари Падарат шикаст. Ана ҳамин чиз дар дили Падарат кӯҳи армон шуд. Ҳамон шаби пеш аз марг ҳам хеле вақт хобам набурд. Ҳамин ки чашм мепӯшидам, хобҳои даҳшатнок маро ба гирдоби худ мекашид. Саҳарӣ вазнин аз ҷой хестам. Як-як ба хонаҳо даромада баромадам. Як муддат ба сари додари кенҷаат рафта нишастам. Ӯ бароҳат хоб мекард. Чизе гуфтанӣ мешудам, аммо забон гуфта наметавонист. Гӯё ҳаворо аз ман дареғ медоштанд. Базӯр нафас мекашидам. Дурудароз ба суратҳои шумоён нигаристам. Бисёр мехостам шумоён дар наздам бошед. Чанд бор берун баромада сӯи Тирмиз нигаристам. Дил

кардам, ки ту биёӣ... Дар ҷойе қарор гирифта наметавонистам. Хостам рафта модагови сияҳро дӯшам. Рафта челаки ширро гирифтанӣ шудам. Мадорам нарасид. Қуввати пойҳоям рафта буд. Боз ҳамаатон як-як аз пеши назарам гузаштед. Челакро бо як азоб гирифта ба замин гузоштам. Афсӯс хӯрдам, ки ин лаҳзаҳо шумоён дар наздам нестед. Пештар фарзанди калониам Иброҳимро ёд кардам. Ин дам чизе то гулӯям буғӣ карда омад. Дигар рост истода натавонистам. Гӯё, ки девор ҷон бошад, такя ба девор кардам. Дар зери поям замин гӯё набуд. Дар ҳаво муаллақ будам. Боз ким-чиҳо ба ёдам расид: бечора Падарат бе ман танҳо мемонад. Ҳоло дарду доғи бародарашро фаромӯш накарда боз сафари новақти ман ба ӯ гаронӣ карданашро ҳис кардам. Аҳволаш чӣ мешуда бошад? Сад дареғ, ки апаат Ҳилола ҳам дар вақти ҷонсупорӣ дар наздам набуд. Сад дареғ, хешу таборон бехабар монданд. Ҳа, акнун нафаскашиам лаҳза ба лаҳза душвортар мешуд. Гӯё он аз ман мегурехт. Дар назарам роҳи онро чизе, пардае гирифта буд. Гузаштан намемонд. Дастонамро боло ёзондам. Ниҳоят, тамоми қувваҳои охиринро ҷамъ карда донистам, ки Падарат ба сари ман давида омад. Боз донистам, ки хоҳарат рӯю мӯйканон навҳа кашид. Ҳамсояамон ҳам аз ҷӯйи калон ҷаҳида тозон болои сарам омад. Охир худам пай бурдам, ки дигар ман аз ҷой хеста наметавонам... Ниҳоят, нури чашмонам низ батамом маро тарк гуфт. Кабӯтарҳои хаёлам, ки болшикаста шуда буданд, дигар парвоз намекарданд. Аллакай худро дар дунёи тамоман дигар ҳис мекардам. Ҳазор афсӯс, ки дар вопасин лаҳзаи ҳаётам... шумоён – азизонам дар канорам набудед. Ин охирин армони ман буд, ки бо худ мебурдам. Аммо ёди шумоён, хеле ҷавон будани додари кенҷаат маро як лаҳза ҳам тарк намекард. Дилам аз шумоён пур буд.

Зеро оби худро худ гирифта менӯшидед. Лекин такдири додари кенҷаат бароям торик буд. Афсӯс хӯрдам, ки чор-панҷ соли дигар ҳузуру ҳаловати шумоёнро надидам. Афсӯс кардам, ки шумоёнро хеле тез партофта меравам. Ин сафари новақти ман дилҳои навҷавони шуморо ҳам аз ғам обод мекунад. Вале чи илоҷ? Дигар илоҷи зинда мондан надоштам. Аз нӯги по то сар касалиҳои ноаён вуҷудамро фаро гирифта буд. Ҳама узвҳои баданам беҳаракат гашта буданд. Сад дареғ, оҳиста-оҳиста ҷисмам ба марг омода гашт. Гӯё нафасҳои охирин танҳо барои хайрбоди ман меомаданду лаҳзае ҳам наистода бармегаштанд. Ҳа, акнун ҳаёт бароям тамом шуда буд, дигар ман ягон овозеро шунида наметавонистам. Маро хомӯшистони бепоён фаро гирифта буд. Гӯё дар оғӯши ким чӣ хел ғубори тӯфонолуда монда будам... Ҳа, Ҷони Оча, хости Оллоҳ будааст. Медонӣ, ба наздикӣ як дугонаам, ки ҳоло хеле пир шудааст, ба сари қабрам омада хеле гиря кард, тавбаю тазаррӯъ намуд. Ту вайро мешиносӣ. Ӯ барои гапҳои гуфтааш, ғайбатҳо ва тӯҳматҳои беҷояш тавба кард. Чӣ гуфта буд, мегӯӣ?! Мегӯям, Ҷони Оча, ҳамаашро мегӯям. Агар Худо насиб кунад, баъд китоб карда мебарорӣ... Ин чандин сол пеш рух дода буд. Рӯзе ҳамсояамон ҳамроҳи шавҳараш ба хонаамон меҳмон шуд. Рости гап, Падарат онҳоро он қадар ҳам хуш намедиданд. Ҳаққи мардумхӯр, мегуфтанд. Ту бо додаронат ҳамакаса дар болои суффа бозӣ мекардед. Ин лаҳза намедонам, кадомат духтарчаашро задӣ. Ӯ ҳунгасзанон гириста назди модараш омад. Падару модараш дар ғазаб шуданд: “Хадича, ин қадар ноҳисобҳоро зоида чӣ кор мекардӣ?! Бе ақлу ҳушҳо, садқаи духтарчаам шавед! Пагоҳ инҳо калон шаванд, ин ноҳисобҳоро чӣ хел хонадор мекунӣ?”, гӯён таъна зад. Ман ҳам ҳозирҷавобӣ карда: “Хайр, чӣ шудааст, пагоҳ насиб кунаду ка-

лон шаванд, якеш духтари холааш, яке духтари аммааш, дигараш мана, духтари шумо барин ҳамсояҳо ҳаст, хонадор мешавад", гуфтам.  Дар ҷавоб ҳамсоя писханд зада:  "Ҳӯй, Хадича, ба бачаҳои ту, духтари медодагӣ надорам", гуфта буд. Занаш ҳам аз гапи шавҳараш ҳаво гирифта:  "Мирзо, агар ба бачаҳо тӯй дода натавонӣ, ба ҷои як гӯсфанд худат, ба ҷои дигар заната бурда банд", гӯён масхара карда буд. Ҳа, бачем, бесабаб намегӯянд, ки "Наханд ба хеш, ояд ба пеш". Фарзандони онҳо ҳама ноқобилу бадахлоқ шуданд. Ҷони Оча, ба касе гапи бад нагӯй. Агар ба ту касе бадӣ кунад, ҳаволаашро ба Худо кун..."

– Очаҷон, гуфтаниҳои зиёде доштаед. Дареғ, ки дар зиндагӣ аксарашро нагуфта рафтед. Агар ҳамин гапҳоятонро пештар мефаҳмидам...

"Худо насиб кардааш мешавад, Ҷони Оча. Ин гапҳоро як сӯ монем. Аз худат гап зан, чӣ гуна ободкориҳо дар дунёи равшан?"

– Ба таътили меҳнатӣ баромадам, Оча. Мехоҳам дар деҳа биное созам. Зеро дар шаҳри пурғалоғула монда шудам. Рост мегӯед, зиндагӣ дар деҳа вазнин, вале рӯзи ҳамдеҳагон бо маром мегузарад. Агар ниятҳоям амалӣ мешуданд, ба зиёрати қабратон тез-тез меомадам. Ҳасрат мекардам, аламҳои дилам тоза мешуд...

"Ҷони Оча, агар имконият дошта бошӣ, дар деҳа хонае соз. Медонӣ-а, зиндагӣ дар деҳа форам аст. Таровату фароғати дигар дорад. Болои ин ҳамсояҳои ширин дорам. Меҳру оқибати ҳамдеҳагон то ҳол барҷост. Майлаш, бачем омада хона соз. Бубин, дар пеши назар чандин нафар мардони барӯманд, инсонҳои шариф гузашта рафтаанду мераванд. Канӣ, марди майдони деҳа

ба мисли Ҷумъа Назар, падарам Рустам Арбоб, Чӯпонбой, Назарбой, Ҳамро Эшонқул, ки одамони некназар ва ҷасур буданд. Аз саргузаштҳои ҷангӣ ва ҳаётии онҳо бисёриҳо бехабаранд. Аҷиб давраҳои хубе буд, бачем. Зимистону баҳор ҳамдеҳагон, ҳамсоягон ба хонаи якдигар ҷамъ омада шеърхонӣ, ҳикояхонӣ мекарданд. Наќлу саргузаштҳо, ривоятҳо мегуфтанд. Медонӣ, номи раҳматӣ Ҷумъа Назаров дар Маскав дар китоби хотираҳо ҳамчун ҷанговари ҷасур сабт гардидааст. Бечора ҳар иди Ғалаба ҳамроҳи писарчаашон Аскар ба Маскав рафта ҳамяроқонро зиёрат мекарданд. Ривоятгӯ Қорҷовбойро намегӯӣ. Гӯё, ки иштирокчии ҳамон ҳодиса бошанд, ҳангоми ривоят кардан дар ҳолати қаҳрамон меафтоданд. Эшбобобой низ:

Меҳмонхона паст будаст,
Дарун пури хас будаст,
Хушрӯ ин кайвонича,
Валло, билло, маст будаст.

– гӯён шеърҳои дароз мехонданд. Он кас ба наваду як даромада қазо карданд. Мегуфтанд, ки ҳамин ҳавои тозаи кӯҳсор ба ман дарозумрӣ бахшид...”

– Рост мегӯед, Оча. Таърихи Дарбанд маро дар хобу бедорӣ ором намегузорад. Ба наздикӣ оиди таърихи Дарбанд китоби марди соҳибфарҳанг Палвон Шоимов аз чоп баромад, ки маълумоти бисёр дар он ҷамъ оварда шудааст. Ман ҳам орзу мекунам, ки дар бораи ҳаёти гузаштаи Дарбанд, шахсони бомаърифат ва саховатпешаи он чизе биофарам. Худатон мегуфтед-ку, таърихи ғанӣ дорад Дарбанд. Ба навиштани он аллакай шурӯъ кардаам. Ба он фотиҳаи Шумо лозим аст, Модарҷон. Агар хоҳед, аз он навиштаҳоям як камтар мехонам:

Таърих дорад таърихи нонавишта,
Бинвис таърихи мардон чун фаришта.
Рӯзе расад, ки мегардӣ саришта.
Инсонҳои шоён дорад Дарбандӣ.

Чӣ мегӯед, ки Очаҷон, деҳа бароям ниҳоят азиз аст. Бубинед, дар он булбулон чӣ сон бо забони ширин суруд мехонанд, нағмасаройӣ мекунанд. Кӯҳҳо тамкинӣ, бурдборӣ ва хомӯшии Шуморо доранд. Ба шилдироси оби ҷӯйбор гӯш андозам, садои дилнишини Шуморо мешунавам. Аз сабзаву дарахтони боғҳо бӯйи Шумо меояд. Аз гулӯйи боду ҳавои деҳа суруду навоҳои дилнишин берун меояд, ки ба гӯши ман чун савти аллаҳои Шумо, чун овози қиссахонии Шумо садо медиҳад. Дар ҳар қадам ба хоки раҳ менигарам, таъзим мекунам, гӯё дар он нақши пои Шумо намоён бошад. Аз чеҳраи нуронии пиразанҳои деҳа нақши ожангҳои рӯйи Шуморо меҷӯям. Ҳозиракак дар роҳ занаки пастқоматеро рӯ ба рӯ гаштам. Қариб буд фарёд кунам: Модарҷон... Охир, шабеҳи рӯймоли сафеде, ки дар сар доштед, рӯсарие дар сари он пиразан буд. Медонед, ҳамеша дар ҳошияи рӯймолатон гиреҳе буд. Дар ҳошияи рӯймоли ӯ низ ҳамонро дидам. Кош, монанди момои Анор пир мешудед. Кош, ғамхориҳо, пурсупосҳои ширини он касро аз забони Шумо мешунидам. Оча, медонед, ҳама занҳои деҳа маро дида, меҳрубонӣ мекунанд. Аммо сад дареғ, меҳрубониҳои онҳо меҳри Шуморо ба ман намедиҳад. Ташнагии дидорам намешиканад. Рӯз то рӯз ба дидоратон ташнатар мешавам... Шумо бароям яктоед, Очаҷон! Гӯё агар ба деҳа кӯчида оям, Шуморо пайдо мекарда бошам. Гӯё маро суроғ карда меомада бошед. Ё ман Шуморо суроғ карда меёфта бошам... Вақте, ки

вохӯрдем, гӯё Шумо китобҳоямро варақ зада бо фахр ба рӯям менигаред. Аз чашмакони меҳрубонатон қатраҳои ашки фараҳ ба болои китоби ман мечакад. Давида аз ҷой хеста Шуморо ба оғӯш мегирам. Сонӣ набераатон Достон давида меояд. Шумо маро як сӯ гузошта ӯро ба оғӯш мегиред. Ӯ варақҳои китоби маро ғиҷим карда дарронданӣ мешавад. Ҳамин вақт Шумо оҳиста аз дасти ӯ китобро гирифта болои миз мегузоред. Ҳамин вақт Падарам Шуморо фарёд мекунанд... Кош, кош, Модарҷон, ин орзуҳоям ба ҳақиқат табдил меёфт. Модарҷон, дар куҷое, дар кадом сафаре набошам, дар суроғи Шумоям...

## VI

“Биё, Ҷони Оча. Такягоҳам, дуохонакам, фарзанди қобилу ба дидори Оча зору интизорам. Ку, бишин. Як дамак сӯҳбат кунем...”

– Очаҷон, Шуморо ёд кардам. Як сари қадам сари қабратон омадам. Медонед, писари амакам Замирбек бо мошинаш ба Дарбанд бор овард. “Гардед, ако, як деҳаро зиёрат карда биёем”, гуфт. Савор шудаму омадам. Ҳоло ӯ хона рафт. Ман аз ӯ миннатдор. Медонед, баъди вафоти амакам ва янгаам ҳамин Рӯзибек, Замир ва Ҷамшед барои хоҳару додарон хизматҳои муносиб карданд. Охир, аз даҳ нафар фарзанди амакам ғайри Сайёрабону ягон нафар хонаву ҷодор нашуда амакам гузашта буданд. Замирбек сарварии оиларо ба даст гирифт. Додарону хоҳаронашро наранҷонд. То тавонист, ба ҳамаашон хонаву ҷой карда дод. Писари кенҷа Илҳом аз бародарон миннатдор аст.

“Ҷони Оча, ду писари амакат ба духтарони тағояшон Шамсиддин Ҷумъаев хонадор шуда...”

– Ҳа, ҳа, Очаҷон. Шумо момои Ойим, бобои Шамсиддинро хуб мешиносед. Дар Музработ аз оилаҳои серфарзанд ҳисоб мешуданд. Охир, чордаҳ нафар фарзандро ба воя расонидан худ қаҳрамонист. Ҷумъаев марди нек, чашмикордон ва ба фарзандон ҳамеша меҳрубон буданд. Сад дареғ, ки фарзанди ин оила Абдурашид Ҷумъаев ногаҳон вафот кард. Аҳли оила аз марги нобаҳангоми ӯ сахт андӯҳгин гашт. Ҳоло писарони Шамсиддин бобо Даврон паҳлавон, Санҷарбек дар Музработ ҳамчун саробони ин оилаи калон обрӯю эҳтироми хосса доранд... Илоҳо, сари ингуна фарзандони қобил аз санг шавад. Аз инсон чӣ мемонад? Ҳамин фарзанд. Агар фарзандӣ кунад...

“Ҳай, Очет қурбон. Ин қадар хурсанд менамоӣ?”

– Ҳа, Очаҷон, хеле хурсандам. Маъруфҷонро хонадор менамоям.

“Арӯс аз киҳо, Ҷони Оча?”

– Э, напурсед. Худатон орзу мекардед, риштаю сӯзанам ба як хеши худам монад, гуфта. Ман ҳамин орзуи Шуморо хеле меписандидам. Холида келинатон ҳам мегуфт, ки орзуи хушдоманам барҷост. Охир, мақоле ҳаст-ку: “Аввал хеш, баъд дарвеш”. Ба келинатон ҳам ҳамин суханҳои Шумо маъқул буд. Ана ҳамина Маъруф набераатон ба ҳисоб гирифта аз қавми Шумо якеро дӯст доштааст.

“Кӣ, канӣ бигӯ,Ҷони Оча?”

– Духтари Нарзулло Ашуров. Номакаш Нигора будааст.

“Ӯ-ҳӯ, хеле хуб-ку,Ҷони Оча! Номи модараш кист?”

– Анор апа.

“Ҳа-а, духтари Бойбек амакам! Ҷони Оча, медонӣ, ки қавми онҳо дар Дарбанд обрӯю эҳтироми барҷо доранд. Амакам Бойбекбойро мардум хеле хуб ҳурмат ме-

кард. Одами қавиирода, ба гапи худ устувор, ҳақҷӯву ҳақталош буданд. Ту худат  дар бораи Кӯпруки Мулло Қулмаҳмад чизе нависта будӣ. Ачаб кӯпруки зебое дар Дарбанд сохта буданд Қулмаҳмадбой бобои Нарзулло кудоят. Дар даврони нав низ фарзандони амакам Муродбой, Нарзуллобой ҳар доим ҳамин кӯпруки бобоиро таъмир мекарданд. Намедонам, ҳозир дар чӣ ҳолат бошад он кӯпруки Даҳани Дара”.

– Ҳа, Очаҷон, ин қавм ба кӯпруки бобоӣ бепарво нест. Ба наздикӣ набераву  аберахояшон бо сардории Сайфиддин ва Ҷумъа Ашуров ин кӯпрукро хеле хуб таъмир карданд. Ҷумъабой бо оилааш Азиза қариб як моҳ аз Тирмиз ба Дарбанд омада ин кӯпрукро таъмир карданд. Оча, чӣ мегӯед, ки  меҳру оқибати дарбандиёнам каме коста шудааст...

“Ҳай, ҳай, мон, ҳамеша аз нохун чирк кофтанӣ мешавӣ... Ҳамин хел, тӯй гӯй?”

– Тӯй, Очаҷон, тӯй...

“Хай,Ҷони Оча, Худо ҳамаро ба тӯй расонад, умри писару духтарата дароз кунад.”

– Соҳибаҷон ҳам хушбахт. Писаронаш Достону Диёр як олам.

“Акнун Маъруфҷон хонадор шавад, се ном мегӯям, ба бачаҳояш гузорад: Дилшод, Миршод, Нуршод. Ту фаромӯшхотиртарӣ, аз ёдат набарояд... Майлаш?”

– Майлаш, фаромӯш намекунам, Очаҷон! Вале Шуморо ёд кардам. Гуфтаниҳоям бисёранд. Мехоҳам дар назди Шумо бошам, аз сарам чӣ рӯзҳое гузашту мегузарад, ба Шумо накл кунам. Танҳо ба Шумо. Ғайри Шумо додрасе набудааст дар олам.

“Ҳай, шоиракам. Биё, наздиктар бишин.Чаро ин қадр меноли? Медонӣ, Падарат одами аз ҳаёт ноландаро бад медиданд. Сахтиҳои рӯзгорро мардонавор мегу-

заронданд. Агар хато накунам, сиву ҳафт сол ҳамроҳ зиндагӣ карда боре ҳам аз ҳаёт нанолидаанд...”

– Рост мегӯед, Очаҷон, марди сахтгир, вале дилкушод буданд худораҳматӣ Падарам. Меҳмоннавозиашона намегӯед?

“Э, бачем, дар ин дунёи дурӯза танҳо номи нек боқӣ мемонад”.

– Дардҳоям бисёр, Очаҷон, вале ғайр аз Шумо ку дардкаше, то дарди маро шунавад? Гоҳо аз нотавонбиниҳои баъзеҳо ба дод меоям. Боз тоқат мекунам. Маълумоти олӣ гирифта натавонистанам барои онҳо як байрақ. Магар бе маълумоти олӣ китоб нависта намешавад? Охир, аҷдодонамон бо истеъдоду қобилияти худододашон асарҳои оламшумул офариданд, ки имрӯз аҳли чаҳон лол аст. Магар мо бо асарҳои худамон ба як нуқта, вергули онҳо ҷавобгӯ нестем?

“Биё, мон, бачем, ин дардҳои ширин ҳисоб мешаванд. Ҳамроҳи худат гирифта гард. Хӯш, аз гуфтаю шунидаҳо гап зан. Ҳай, қариб фаромӯш кунам. Рӯзи хотираи кадом соле омадиву китобе дар бораи дарбандиён тайёр карда истодаем, насиб бошад, агар Худо ба Раҳматулло ака қувват диҳад, онро чоп мекунем, як асари гаронбаҳо барои дарбандиён мешавад, гуфта будӣ...”

– Бале, бале, Очаҷон, рост гуфта будам... Чанд вақт боз дар ин бора гап назадаам. Ҳамроҳи Раҳматулло ако Тағоев як асари хуб тартиб додем. Медонед, номаша чӣ гузоштем?

“Не, не, Ҷони Оча...”

– Очаҷон, ин асар бо ду забон – ҳам тоҷикӣ, ҳам ӯзбекӣ чоп мешавад. Номаш “Ёдномаи дарбандиён”. Медонед, Оча, ин китоб маълумотҳоро аз соли 1813 то соли 2005 дар бораи шахсони таърихӣ, мавзеъоти таърихии деҳистонамон, аввалин муаллимон, муллоё-

ни мадрасадида, ҳамдеҳагони боғу чорбоғ офарида, чавандозон, паҳлавонон, номи кӯл, дарё, чӯпонҳои номӣ, аввалин ронанда, созанда, олимон, шоирон, инсонҳое, ки барои халқу Ватан хизмат кардаанд, наслу насабашон, фарзандонашон, ҳатто аз кадом қавми дарбандӣ будаашон, хуллас, ҳар касу ҳар чизеро, ки Дарбанд дошту дорад, дар бар мегирад... Медонед, барои ҷамъ овардани маводи китоб дархостномае ҳам ба ин мазмун тайёр кардем:

*“Ҳамдеҳагони азиз! Мо дарбандиён ният дорем, ки оиди таърихи чандсад солаи деҳаи азизамон Дарбанд як китоб нашр бикунем. Ҳоло дар бораи таърихи деҳа, ҳаёт ва фаъолияти як қатор ҳамдеҳагони марҳум маводҳои даркориро гирд овардем.*

*Умед дорем, шумо ҳамдёрони азиз, қаламкашони мӯҳтарам, дар бораи таърихи деҳаамон, шахсоне, ки солҳои зиёд ҳамроҳи мову шумо зиндагӣ ва кор кардаанду аммо дар қайди ҳаёт нестанд, ёддоштҳо, мақолаҳо, шеърҳои хешро ба мо мефиристед. Ташаббуси таҳяи ин китобро марди бомаърифат ва бофарҳанг Раҳматулло Тағоев изҳор кард ва чопи онро низ ба зимма гирифт. Мо ин ташаббуси ӯро ҳамаҷониба дастгирӣ намудем ва ба тартиб додани китоб саъю ҳаракат дорем ва умедворем, шумо низ аз ин кори босавоб бебаҳра намонед. Бо илоҷе тавассути мактуб ё ба воситаи ҳамдеҳагон хотироти худро навишта ба мо фиристед”.*

Очаҷон, Шумо хуб медонед, Дарбанд олимон, шоирон ва нависандагони бисёре дорад. Ба ҳамдеҳагони дар Душанбешаҳр будаам, ки баъзеи онҳо имрӯз дар қайди ҳаёт нестанд – Маҷид Холмирзоев, Холмирзо Ҳамроқулов, Амин Қурбонмуродов, Шодӣ Кенҷаев, Шодӣ Шо-

имов, Эшниёз Боймуродов, Ҳасан Муҳаммадиев, Ҷўра Қурбонмуродов, Йўлдош Сафаров, Асадулло Ҳайитов, Шайқул Ҳамроқулов, Аҳмадшо Маҳмадшо, Ҳамроҳи Авлиёпур, Нисо Сафарова, Абдусамат Тўраев, Равшан Махсумзод сари таъзим фуруд меорам. Аз кору зиндагии бисёрии инҳо маълумот надошта бошам ҳам, аз хидматҳои шоистаи онҳо бохабарам... Асадулло Ҳайитов амакам мешудаанд. Марди фозил, оқил буданд. Намедонам, корҳои илмиашонро то охир ҳимоя карданд ё на? Умр вафо накард, вале номзади илми таърих буданашона аниқ медонам...

“Солҳои шастуми асри бист дар Дарбанд Ғаниев ном духтур кор мекунад. Шодӣ Кенҷаев ҳамон солҳо дар деҳа фелдьшер буд. Дар деҳа касалии сурхакон паҳн мегардад. Шодии ҷавон зидди касалии сурхакон деҳаро қадам ба қадам гашта, монда шуда ба касалхона бармегардад ва мебинад, ки Ғаниев бо дасти ношуста касалеро санҷиданист. Шодӣ ба духтур: “Бубахшед, беморро дасти ношуста муоина накунед”, мегўяд. Ғаниев барқвор сўи ў нигоҳ карда: “Аввал шумо донишгоҳи калонро хатм кунед, сониян ба ман ақл шавед!”, мегўяд. Ҳамин сабаб шуда Шодӣ Кенҷаев ба донишгоҳи тиббии Руссия дохил шуда таҳсил мегирад ва то дараҷаи доктори илми тиббиёт мерасад. Мана инро шарафу ғурур мегӯянд...”

– Бубинед, ки имрўз фарзандони ин бузургмард низ ба дараҷаи падар расидаанд. Акбар фарзанди ин мард, ҳоло доктори фанҳои тиббиёт, ҷарроҳи машҳур. Дар Санкт-Петербург кор мекунад, духтарашон низ шифокор дар Амрикост...

“...Нақл мекарданд, ки Шодӣ Кенҷаев обрўю эҳтироми баланд дошт”.

– Ҳа, Очаҷон, мардум донишмандӣ, накӯкориҳои ин марди доноро то ҳол ёд меоранд.

“Ҷӯра ака Қурбонмуродов ҳамчун депутати шӯрои олӣ кор карданд. Раҳбари номдор, бинокори машҳур буданд...”

– Ҳоло шарафмандона дар Тирмизи навин дар нафақа байни ҳамватанон зиндагии пурбаракат мегузаронанд...

“...Йўлдош Сафаров олими забардасти илми забон, инсони давраоро, нотиқи бузург буданд. Дарбандиҳо аз хислатҳои наҷиби ин марди доно, хушсухану сухандон бо шавқ гап мезаданд...”

– Завқу шавқи давраҳое, ки устод сарварӣ кардаанд, то ҳол дили мардумро тарк нагуфта... Муаллими накӯном Шодӣ Шоимовро немегӯед? Шогирдоне, ки аз Шодӣ Шоимов таҳсил гирифтаанд, то ҳол аз одамшавандагии ин марди накӯкор, вафодори халқу Ватан соатҳо суҳбат мероянд...

“Солҳои панҷоҳуми асри гузашта бисёрии омӯзгорон аз Самарқанд омада дар Дарбанддеҳ кор мекунанд. Ўктам Қамаров ном омӯзгор низ аз фанни математика ба фарзандони деҳот дарс медиҳад. Ҳамон солҳо Шодии хурдакак дар деҳа мактабхон буд. Баъди чанде Ўктам Қамаров ба Душанбешаҳр меояд ва ҳамон ҷо ба донишгоҳ ҳамчун омӯзгор ба кор мемонад. Баъди хатми мактаби деҳа Шодӣ Шоимов низ барои гирифтани маълумоти олӣ ба ин шаҳр омада ҳуҷҷат месупорад. Иттифоқо, ҳангоми имтиҳон аз фанни математика Ўктам Қамаров Шодиро шинохта “Ман ба ин ҷавон напурсида баҳои панҷ мегузорам”, мегӯяду ба ӯ баҳои аъло мегузорад. Чунки дар мактаб Шодӣ ҳамеша пешсаф ва пешқадами ин фан буд...”

– То ҳоли ҳозир иншооти обтозакунии шаҳри Душанбе дар асоси рисолаи илмии ин марди шариф дар соҳаи обёрӣ кор медиҳад, мегӯяд номзади илми математика, доцент Нарзулло Сафармаҳмадов. Мо бо Шодӣ ака ҳамсоя будем, хотиррасон мешавад мардак. Ин қадар одами хоксору доно ва бо илму фарҳангро кам дучор гардидаам, мегӯянд устод. Ҳа, Очаҷон, ин гуна шахсони бузург дар деҳаам кам нестанд. Ба наздикӣ китоби нависандаи пуркор, агар ҷоиз бошад, ин ҳам амаки шумо Равшани Махсумзод "Кафан киса надорад"-ро таввасути интернет мутолиа кардам. Бубинед, қаҳрамонҳои офаридааш ҳама аз деҳаи Дарбанданд. Боз онҳоро чунон устокорона тасвир кардааст, ки ба ҳайрат афтодам. Пештар як ҳикояи ӯро дар рӯзномаи "Овози тоҷик" бо номи "Як дари кушода" дар бораи Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ, хонда хуб гириста будам. Аз он пештар мақолаи ӯро дар бораи ҳаёт ва фаъолияти бобояш Зариф Махсум, ки аввалин суди сайёр дар вилояти Сурхондарё буданд, хонда, хеле мутаассир гардида будам. Хуллас, ҳамин гапҳо...

"Ҳа,Ҷони Оча, амакам, падари Равшан – Маҷиди Махсум марди ҳалим ва хеле сахӣ буданд".

– Боз амакам гуфтед, Оча...

"Ҳа, амакам-дия, мешунавӣ, ҳама амаконам зӯр буданд. Худат медонӣ, ҳангоми ба гараж мудири анбор буданашон сол дувоздаҳ моҳ барои мо сӯзишворӣ медоданд. Вале пул немегирифтанд. Мегуфтанд, ки Мирзо бо як музди ночизи муаллимӣ ҳашт нафар фарзандро калон мекунад. Барои ту Хадичабибӣ ёрдами ман ҳамин. Ҳа, Ҷони Оча, ин гуна мардони сахӣ дар деҳа лаклак буд... Бубахш, Ҷони Оча, боз дар ин хусус як воқеа ба ёдам расид. Солҳои пешин ҳамин манзили бобои Зариф Махсумро Сафарқул Қаюмов ном марди саховат-

пешаи деҳа мехаранд. Баъди чанде пули хонаро талаб накарда ҳавлиро ба соҳибонаш бармегардонанд. Зани Сафарқул бобо мегӯяд, ки охир, Шумо ҳавлиро харидед, агар баргардонданӣ бошед, пулашро талаб кунед. Сафарқул Қаюмов ба рӯи занаш нигоҳ карда ин хонаву дар ба Зариф Махсум барин инсони нек насиб накарду ба ман насиб мекунадми?", мегӯянд..."

– Мардум то ҳол ин рафтори ҷавонмардонаи бобои Сафарқулро дар ёд доранд... Оҳ, Очеки дардкашам. Ҳар гоҳ ба деҳа омадам, ҳатман ба сари қабратон меоям. Баъзеҳо гумон мекунанд ман ҷиннӣ шудаам. Вале ин тавр не. Зиндагон ҳамеша мардумони водии хомӯшонро бояд зиёрат кунанд, ба рӯҳашон дуои фотиҳае хонда бахшанд... Очаҷон, деҳаамро чунон пазмон мегардам, ки мехоҳам ҳамчун мусича қанот бароварда сӯяш парида оям. Эҳ, Оча, ҳозир Шумо Дарбанди имрӯзро медидед, дар ҳайрат меафтодед. Охир, имрӯз деҳаам ба шаҳр табдил ёфт...

"Хай, муҳобот накун. Дирӯзакак омада будӣ, Чаро боз омадӣ? Хай, муҳобот накарда гап зан. Чӣ навгониҳо дар он дунё...Чаро сару либосат тунук? Камзӯлатро накаш.Захри ҳаво хунук. Ҷон бачем, мон, гиря накун. Ё ягон ҷоят дард мекунад?"

– Э, Очаҷон, ҳозиракак аз назди хонаи тағоям гуашта истода як воқеа ба ёдам расид. Абдусалом тағоям марди меҳнаткаш, давраоро буданд. Аз достонҳои "Гӯрӯғлӣ", "Тоҳир ва Зӯҳро", "Вомиқ ва Узро", "Шоҳсанам ва Ғариб" шеърҳои зиёдро аз ёд мехонданд. Ҳозир дар назди даричаи ҳавлӣ бо овози баланд касе шеър мехонад. Гумон кардам, тағоям хонда истодаанд. Пурсам, набераашон – писари калонии Баҳром будааст... Чунон овозаш ба тоғоям монанд,ки... Ҳамшафати хонаи тағоям хонаи Мансур тағом. Аз фаъолияти васеъмиқёси ин тағоям дарбандиён розиянд. Медонед-а, Мансур

Шодиқулов ду маротиба ба депутатии ноҳия ва вилоят интихоб гардиданд. Дар деҳа маҳз бо туфайли лоиҳаҳои ин бинокори машҳур якчанд бинои мактаб, касалхона, ҳаммом, коллеҷҳо сохта шуд. Кӯпруки дарёро ки ҳама "кӯпруки Чӯпонбой" меноманд, якчанд маротиба таъмир карданд. Дар вилоят ин марди шуҷоъро ҳамчун раҳбари оқил, меъмори чашмикордон хуб мешиносанд ва эътироф мекунанд. Дар ҳаққи ин шахс журналисти машҳур Гелди Саидмаликов асаре бо номи "Зинати умр" навишт. Дар он оиди корҳои хайри марди сохтмон, ки барои гузаронидани канали об, сохтмони шийпонҳо дар чӯлу саҳроҳои сӯзони Сурхон ва дренажҳо дар ноҳияҳои Музработу Қизириқ заҳматҳои зиёд кашидааст, лаҳзаҳои муассир накл гардидааст. Ҳамзабонон тавассути ин китоб ба бисёр маълумотҳои саҳеҳ ошно гардиданд.

"Медонам, Ҷони Оча, кампири Анбар – модари Мансур амакам зани кадбону, меҳнаткаш буданд. Маро бисёр нағз медиданд. Хадичаҷон, гуфта кадом тадбире набошад, даъват мекарданд. Ҳатто Анбар отин ба чандин нафар фарзандони деҳот ҳаққи доягӣ доштанд..."

– Ҳозир ин тараф омада истода Нусрат Рамазоновро, ки ҳоло дар Тирмиз кору зиндагӣ мекунад, вохӯрдам. Медонед, мо бо онҳо ҳамсоя будем. Падараш Рамазонбой чӯпонӣ мекарданд. Дар хурдсолӣ мо бо Нусрат як сурудакро ҳар ду азёд карда то ҳол дар куҷое вохӯрем, ҳарду онро такрор мекунем:

*Мӯрча биби тӯйча кард,*
*Дар лабаки ҷӯйча кард.*

Нусрат гуфт, ки "Ман барои маълумоти олӣ гирифтан ба Душанбе рафтам, аз байни ҳамсинфон як ман ба

хондан дохил шудам. Он солҳо низ ба донишгоҳ дохил шудан шарафи бузург буд. Баъди чанде ба деҳа омадам. Ҳамин Хадича момо маро дар оғўш гирифта “Фақат харсавор ту китоб мехондӣ, дуо мекардам, ки илоҳо ҳамин писари Ободбибӣ ба хондан қабул шавад. Худоро шукр, ки ба хондан даромадӣ”, гуфта маро шодбошӣ карданд. Бубинед, аз он рўзҳои нек низ қариб бист сол мегузарад. Боз як ҳамзабони дардошно  аз сулолаи Изатуллоҳ Кенҷаевҳо Нодир Қозиев аз роҳи калони деҳа то қабристон роҳро аз ҳисоби  худаш сангфарш кард. Аз кори хайри Шодӣ – писари муаллими шўҳратманд Муззаффар Шарипов, ки ҳоло дар Руссия кору зиндагӣ мекунад, ҳамдеҳагон хеле шод гардидаанд. Ҳангоми шохборон аз Бузургдара оби сел ба дарё мерехт. Мардуми мавзеъҳои Қизилқишлоқ, Қўрғон, Масҷиди Сафед дар равуо аз ин сой ба ташвиш меафтоданд. Вай шермардона дар ҳамин сой кўпруки мустаҳакаме барпо кард. Ҳоло бо ин пул мардум бемалол равуо доранд. Ин гуна мардони майдон бисёранд. Очаҷон, ман аз инсони некдил ва некназар Ҷумъаназар Сайитқулов хеле миннатдор ҳастам. Бо ташаббус ва сарварии ў дар Музработи қадим қабристони дарбандиён ташкил гардид. Қабристон дар як ҷойи хушманзар воқеъ аст. Атрофаш маҳкам. Хурду калон, пиру ҷавон ба тартиб дафн  карда мешаванд. Гирду атрофи онро ҳамдеҳагон ободу зебо мекунанд. Гумон мекунам, Ҷумъаназар, ки худ паҳлавони номист, бо ин амали нек худро зинданом гардонд. Охир, бобои ин марди шариф Исмат паҳлавон ҳам дар давру замони худаш ҳамчун паҳлавони чусту чолок дар назари мардум буд... Оча, дирўзакак журналисти босалоҳият Шаҳодат Раҳимова занг зада барои китоби авалинам изҳори ташаккур кард. Гуфт, ки барои китоби дуввуматон албатта, мақолаеро оиди ҳаёти падари бу-

зургворам ба Шумо мерасонам. Ба китобатон ҳамроҳ кунед. Чунки падарам марди доно, иштирокчии Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ, соҳиби чандин мукофотҳои ҷанг ва меҳнат буданд. Дар синни навадсолагӣ вафот карданд...

"Хеле кори оличаноб мекунӣ, бачем. Бигзор, таърих гум нашавад. Аз ин кори шумоён халқу Ватан миннатдор мегардад. Бачем, агар илоҷ бошад, дар он китоб оиди қаҳрамонҳои Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ, инсонҳое, ки дар вақти қаҳтиву қимматӣ ба яке қуввату мадор, ба дигаре оши даҳан шудаанд, бештар навис, онҳоро васф кун".

– Албатта, Очаҷон. Мавзӯъи сӯҳбатамон ҷанг шуду як воқеа ба хотирам омад. Медонед-а, бародари калонии падарам Ҳайдар дар ҳабдаҳсолагӣ ба ҷанг мераваду беному нишон гум мешавад. Момоям Офтобхон то рӯзи вопасин ӯро ёд карда мегиристанд...

"Эҳ, бачем, ин Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ ба сари мардум чи кулфатҳое наовард. Медонӣ, дар овули Қизилқишлоқ момои Ҳалима ном занак ду писари навхаташро ба ҷанг гусел мекунад. Момо то охирин нафасаш дар берун, болои теппачаи назди хонаашон баромада номҳои фарзандонашонро гирифта ҷеғ мезадаанд. Дар давоми ҳафтод сол ҳар рӯз камаш як бор ё ду бор болои теппача баромада гирёну нолон онҳоро ҷустаанд ва интизор мондаанд. Ҳатто рӯзи маргашон ҳам мепурсанд: "Имрӯз кадом рӯз? Рӯзи сешанбе. Рӯзи бехосият. Ҳамин рӯз Абдуқодиру Ҷумъаамро ба аскарӣ гирифта бурда буданд..." Як қатра ашк ба рухсораашон шорида баъди нафасе дар синни наваду шашсолагӣ ҷон месупоранд. Ин ҳам яке аз мудҳиштарин оқибатҳои ҷанги хонумонсӯз буд... Дар бораи қаҳрамониҳои иштирокчии Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ қудоямон Чоршанбе бобо Бекмуродов чиҳо медонӣ? Ин марди шуҷоъ, меҳнаткаш

баъди ҷанг ҳам дар ноҳияи Музработ барои ободу зебо намудани чӯлҳои ин ҷой ҳамчун чӯлкувар хизматҳои сазовор кардаанд. Чунон марди паҳлавонҷусса, одамшаванда ва коркун буданд, ки одамон аз сӯҳбатҳои дилкаш ва  насиҳатҳои беғарази ин марди хирад баҳра мебардоштанд. Бо Падарат онҳо дар мавзеъи Оққина ҳамроҳ калон шудаанд. Онҳо то охири умр "мо ҳама Оққинагӣ", гуфта ба ҳамдигар меҳрубону вафодор буданд... Албатта, ин гуна лаҳзаҳоро дар китобат навис. Охир, забармардони бисёр дошт деҳа. Медонӣ, амакам Шобердӣ бобо..."

– Кадом Шобердӣ бобо?

"Э, нодонакам-а, Шобердибой аз амаконам..."

– Очаҷон, Шумо мана  "ту амакбозӣ накун", гуфта худатон ҳам амакам-амакам мегӯед-ку!

"Ҳай-ҳай, охир амакам-дия, дар назди камари "Одинагӯяк" зиндагӣ мекарданд..."

– Медонам, Оча, таърихи ин камари "Одинагӯяк"-ро шоири забардасти Дарбанд, тарҷумони бомаҳорат Юсуф Ворисзодаи Дарбандӣ ба ман нақл карда буданд...

"Агар донӣ,  мисли он кас чусту чолок дар деҳа кам будааст. Ба як давидан сайди дар лаби дарё обнӯшро дастгир карда будаанд..."

– Медонед, Очаҷон, аз мушкилоти зиндагии солҳои сивум дарбандиён ба ҳар тараф кӯч мебананд. Ҳатто хишткӯпруки Ҷаркӯрғонро ҳам ҳамин дарбандиён сохта будаанд. Дар қабристони ин мавзеъ ҳазорон ҳамдеҳагон дафн гардидаанд.Чандин номи пахтакор, ғаллакорони машҳурро дар ноҳияҳои Олтинсой, Деҳнав, Қумқӯрғон, Музработ пайдо карда дар ин китоб ҷой додаем. Солҳои сиву ҳафт, сиву ҳашт – солҳои бадарғакунӣ бойҳои Дарбанд ғорат гардидаанд. Молу мулки ҳаққу ҳалоли онҳоро, ки аз аҷдодонашон мерос монда

буд, тороҷ мекунанд. Ҳамаи ин маълумотҳоро пайдо кардем. Дар ин кор, хусусан, инсони некандеш ва соҳибистеъод Ҷумъа Чӯллибоев аз ноҳияи Қумқӯрғон ба мо ёрдами калон дод. Эҳ, чӣ мегӯед, ки Оча, дар деҳаи ман инсонҳои накӯном бисёр будаанд. Дирӯз дар тӯйхонае бо акаи Анвар Абдуллоев ҳамсӯҳбат шудам. Гуфтанд, ки Шумо дар бораи деҳа, инсонҳои накӯном асаре офаридед, чаро номи падари мо дар китоби Шумо нест? Ман гуфтам: охир, Шумо ҳам ба ман як тӯрба пул медодед, албатта, менавистам. Ҳарду беғубор, самимона хандидем. Сабаби хандиданамон ин буд, ки лақаби падарашон "тӯрбача" буд. Гуфтам, ки дар китоби "Ёдномаи дарбандиён" номи падаратон, устоди мӯҳтарам Абдулло Ҷумъақулов ҳаст. Медонед-а, дӯсти наздики Падарам буданд. Дар деҳа касе он касро бо рӯи бадхашм надидааст. Як инсони безарари хандонрӯ буданд. Сонияш, амакам Аннақул бобо Ҷумъақулов...

"Ҳа, Ҷони Оча, мисли Аннақулбой дар деҳа одами саховатпеша, ҳақҷӯву ҳақгӯй кам буд. Ҳисобчии машҳур буданд он кас. Дар дӯкони деҳа худашон, фарзандонашон кор карда ба як тини мардум хиёнат накардаанд. Ҳалолкор, меҳрпарвар, пуштибони ҳақ буданд".

– Очаҷон, медонед, ба наздикӣ чи воқеае рух дод?

"Не, не, немедонам. Канӣ, нақл кун!"

– Ҳозир, ҳозир, ин мақолаи навистаамро бигирам, ба Шумо хонда медиҳам...

"Майлаш, хон... Хон, бачем".

– Ай, муаллими азиз! Магар марг туро хабаре расонида буд, ки номае пешакӣ иншо намудӣ? Ин дардномаи ту ба торҳои нозуки дили дардманди чанде аз ҳамдилон нохун зад. Муҳимаш, моро огаҳ намуд, то аз гузашти умр дар ғафлат намонем.

Муаллими марҳум! Гарчанде худ омӯзгори риёзиёт будӣ, лекин ба шеъру шоирӣ, аҳли адаб ихлоси тамом

доштӣ. Шояд худ ҳис карда будӣ, ки ин навиштаи во-пасин асту бо тақозои тақдир васиятномаат мегардад...

Ба ин мақсад ин номаро навишта чорқат намуда дар ҷебаки камзӯли хонагӣ гузоштӣ.

Баъди дафни ту фарзанди дилбандат, ки ту ӯро аз ҳама бештар дӯст медоштӣ, хост аз ту нишоне пайдо намояд. Албому китобҳои туро варақ зад. Либосҳоятро шустанӣ шуда бо чашмони гиряолуд камзӯлатро гирифта аввал хуб тамошо кард, сипас бӯ кашид, ба ҷебакаш даст андохту... дили ӯ гувоҳӣ медод, ки аз ту нишоне боқӣ монда. Ва ниҳоят аз ҷебаки камзӯлат номаи пеш аз марг навиштаатро, ки хеле фарсуда гардида буд, пайдо кард. Ашкрезон ин сатрҳоро дарёфт:

*“Ба тамоми хешу таборони наздик!*

*Ин муроҷиатномаро ман, яъне, Тангриқулов Абдулло бо дасти худ менависам. Ман соҳиби 5 духтар, 5 писар ва якчанд набераю абера ҳастам. Ҳамаашонро тӯй ва соҳиби ҷову манзил кардам. Васияти оилаамро ҳам ба ҷо оварда ӯро бо обрӯю эҳтиром дафн намудам. Ҳоло бо фарзанди кенҷаам Русланҷон ҳамроҳ зиндагӣ мекунам. Мехоҳам, баъди сари ман арӯсҳою фарзандон “мероси падарамро тақсим кун”, гуфта ба кенҷаам Русланҷон тазйиқ накунанд. Аз ин сабаб ман ба ҳамаи онҳо муроҷиат намуда гуфтаниам, ки ба ҳавлӣ, хонаву ҷой, чизу чораи ман танҳо Русланҷон ҳаққи соҳиб шуданро дорад. Зеро ман мувофиқи мақсади ҳамаи фарзандон хизмат кардам. Тантанаҳои тӯйи фарзандонро табъи дили эшон тӯли 50-соли қаламронию касби оддии муаллимӣ гузаронидаам. Агар онҳо меҳнати ҳалоли маро қадр карда пас аз ман маъракаҳоямро бе каму кост гузаронанд, розиям. Нагузаронанд ҳам, ман ҳазорон бор розӣ. Танҳо кенҷаи азиз Русланҷонро озор надиҳанд, бас!*

*Фарзандонам! Ба ҳамаи шумо умри дароз металабам. Илоҳо, ба дӯст зор, ба душман хор нагардед. Ҳамеша меҳру оқибатро андеша намоеду ҳузуру ҳаловати фарзандонро бинед.*

*Умед дорам, ин дастнависи нимкораи қиблагоҳатонро ҳамчун мероси умрбодӣ қабул менамоед.*

*24.11.97. Имзо, Тангриқулов Абдулло".*

Ҳа, Очаҷон, ин аст тақдири сахти як нафар ҳамдилу ҳамзабоне, ки тамоми ҳасрати худро танҳо рӯйи як варақ қоғази сафед овардаву бо ин васила тамкине дар ботин ҳис намуда сипас ин дунёро тарк намудааст... Дар Деҳнав низ бисёр ҳамдеҳагонамон кору зиндагӣ кардаанд. Яке аз ҳамин гуна мардони шариф Абдулло Мӯъминов будаанд, ки солиёни дароз дар соҳаи хоҷагии қишлоқ шарафмандона кор кардаанд. Бо вуҷуди ин марди шеърдӯсту шеърхон будаанд... Маҳманазар боборо дар Деҳнав ҳамчун пири савдо мешиносанд ва ҳурмат мекунанд. Ин марди хайрандеш се маротаба Маккатуллоҳро зиёрат намудаанд. Марди оқил, дурандеш ва некназар ҳастанд... Ҳа, Очаҷон, ман фарзанди дилбанди ин марди хайрандеш Панҷӣ Маҳманазаровро хуб мешиносам ва мо ҳар гоҳ сӯҳбатҳои дилкаш меороем. Ӯ солҳо дар соҳаи қонун шарафмандона кор кард. Дониши баланд, таҷрибаи калони корӣ дорад. Дар ҳаллу фасли ҷиноятҳои вазнин суботкорона кор бурдааст. Имрӯз ӯро ҳамчун инсони қонуншинос, маърифатпарвар ва соҳибобрӯ дар кишвар мешиносанд ва эҳтиром мекунанд...

"Ҷони Оча, як чиза аз ту пурсам. Дар Дарбанди навин аввалин кас, ки аз ҳамдеҳагон ҳоҷӣ шуд, кӣ буд?"

– Очаҷон, агар хато накунам, аз деҳа аввалин ҳоҷӣ ин марди шариф, муаллими тарбияи ҷисмонӣ, агар таъ-

риф кунам, ҳамкасби ман Юсуф Тағоев буданд. Баъди он кас чанд нафари дигар, аз ҷумла, амакам Рӯзимаҳмад Нормаҳматов низ Маккатуллоҳро зиёрат намуданд. Юсуф ҳоҷӣ дар солҳои пешин яке аз завраҷронҳои машҳури давру замони худ буданд. Дар Тошканд дар мусобақаҳои байналхалқӣ аз рӯйи завраҷронӣ ҷойи якумро гирифта будаанд.

"Бачем, ман аз ин корҳои ту бениҳоят розӣ ҳастам. Илоҳо, сарат аз санг шавад. Қаламат бурро гардад. Вале ҳамеша ба гапи калонсолон гӯш кун. Медонӣ-а, Падарат туро хеле дӯст медоштанд. "Агар ҳамин ҳапал-тапалии Искандар набошад, як марди зӯр мешавад", мегуфтанд. Дар корҳо шитоб макун. Бо ёру дӯстон бамаслиҳат кор кун. Ҳатман ин китоби дарбандиёнро аз нашр барор. Рӯзи чопи ин китоб ҳатман ба сари қабрам як нусха гирифта биё. Ту мехонӣ, ман гӯш мекунам..."

– Албатта, Очаҷони меҳрубонам, ман ин китобро нашр мекунам. Зеро ҳамдеҳагон дар тамоми кунҷу канори дунё пош хӯрдаанд. Номбардори ватани аҷдодӣ ҳастанд. Дар маркази ноҳияи Бойсун садҳо нафар дарбандиён ба монанди Аъзам Ҷӯраев, Аҳмад Валиев, Аҳмад Сафаров, Марям Соҳибқулова ва дигарон шарафмандона кор кардаанд, имрӯз мардуми ноҳия онҳоро бо некӣ ёд мекунанд.

"Ҳа, бачем, дар Бойсун ба мисли Аҳмад Сафаров марди пурсавлат ва ботамкин хеле кам буд. Дар вазифаҳои муҳим кор карданд. Дареғ, ки баъди панҷ нафар духтар Худо ба холаат як писар доду он ҳам ба пешонии онҳо нагунҷид. Худойбердиҷон писари боодоб ва хеле хушгап буд. Искандарҷон, ман шеъри ӯзбекии ба бӯлаат навиштаатро то ҳол фаромӯш накардаам. Гӯш кун, мехонам:

Қувноқ эди ҳаётим, ҳам жисму жоним,
Она, сени тушимда кўрардим доим.
Не билайин, мунда тугар имконим,
Бевақт хазон бўлди умрим, Онажон...

– Ҳа, Очаҷон, марги нобаҳангоми ӯ дили ҳамдеҳагонро реш-реш кард. Медонед, ман дар баробари нолаю афғони мардум гӯяндагиҳои холаамро ҳамчун шеър навишта монда будам...

"Ҷони Очеш, давлати пояндаи Очеш, илоҳо, ҳамаи навиштаҳоят ба китоб табдил ёбад. Илоҳо, ҳамеша дар назари неки халқу Ватан бимонӣ. Умрат дароз, ризқат фарох гардад. Ҳарчӣ вақт ёфтӣ, бинавис, эҷод кун. То гуфтаниҳоят дар дилат ормон шуда намонанд. Илоҷ бошад, дар бораи апаҷони азизакат Ҳилолабону ва хоҳараки дуогӯякат Ниҳолабону ҳам шеъру достонҳо навис, Ҷони Оча..."

– Албатта, Очаҷон, менависам... Дар барои апаам Ҳилола, ки мо ба туфайли ҳамин апаи ба дилу ҷон баробарам аз деҳа ба Тирмиз омадему хонаву ҷодор шудем, шеъраке навишта будам...

"Тасанно, аҳсант, Ҷони Оча, ман аз ту ҳазорон розӣ, ҳазорон розӣ..."

– Оча, дирӯз саҳарии барвақт аз боғ давида ба хона меомадам. Дар назди бинои мактаб хонандаеро дидам, ки дар дасташ аз хона макетҳои хушнамуди тайёр кардаашро бардошта сӯи мактаб тозон мерафт. Беихтиёр солҳои мактабхониам ба ёд омад. Медонед, муаллими меҳнат Азим Ҷӯраев ба мо супориш дод, ки макетҳои мактаб, хона, дарахт ва лоначаҳоро аз картон тайёр карда оем. Ман ҳарчанд ҳаракат кардам, аз дастам наомад. Баъд гиря кардам. Шумо ба ман як лоначаи паррандаҳоро аз картон тайёр карда додед. Ман саҳарии барвақт

тозон сӯи мактаб рафта истода пешпо хӯрдаму афтодам. Макети лонача ба замин заду пош хӯрд. Лонаи шикастаро бардошта боз сӯи хона давидам. Шумо маро ҷанг накардед, танбеҳ надодед. Фақат “бачем, эҳтиёт шудан лозим буд”, гуфтеду дарҳол коғазу картон оварда боз як лоначаи аз пешина аҷибтарро дар андак вақт сохта додед. Ман ҳамон рӯз аз дарси меҳнат панҷ гирифтам... Дар дил гузарондам, ки шояд ба он писарбача низ модараш ёрдам дода бошад. Охир, ӯ хеле хушҳол буд. Балки ӯ низ имрӯз баҳои панҷ гирифтагист...

“Ҳай-ҳай, Ҷони Оча, мон, гиря накун. Шердил шав. Охир, фавти падару модар ба фарзанд салтанат аст... Хӯ-ӯш, зиндагӣ чи хел, бо ҳамсояҳо муносибатат чӣ гуна, рафту омад дорӣ...”

– Оча, ман аз ҳаёт розӣ ҳастам, ки маро бо як марди дардошно ва хоксор – амакам Музаффар Эсанқулов ҳамсоя гардонд. Ҳамсарашон апаи Норойро намегӯед. Пазандаи моҳир, сариштакор. Ду писар ва як духтари хӯшрӯйро ба воя расонданд. Ҳатто набераи духтари Манижахонро намегӯед? Паридухтар. Бо онҳо қариб сӣ сол мешавад ҳамсоя ҳастем. Бисёр чизҳоро аз ҳамин марди рӯзгордида – Музаффар-амакам омӯхтам. Дасташон гул. Дар урфият хона не, ҳамсоя бихар, гуфтаанд. Медонед, дар деҳаамон аввалин бор сару либоси низомиро падари ҳамин мардак – Эсанқул бобо пӯшида будаанд. Милицияи аввалини деҳа – ҳамон касро ҳамдеҳагон то ҳол эътироф мекунанд.

“Боз бо кадом ҳамдеҳагон ҳамсоя ҳастӣ, бачем?”

– Очаҷон, боз бо Одил паҳлавон ҳамсоя ҳастем. Шумо авлоди онҳоро хуб мешиносед.

“Ҳа, ҳа, Ҷони Оча, ман модари ин паҳлавонписарҳо – кампири Саломатбибиро хуб мешинохтам. Ба рӯзгорашон, ба халқи Дарбанд пурсадоқат, меҳрубон, фа-

риштатабиат буданд. Дареғ, ки фарзанди аз ҳама беҳтарин ва вафодори кампир Олимҷон бемаҳал вафот кард. Ў дар соҳаи хеш содиқ монд. Ҳар гоҳ барои санҷидани ҳисобкунаки электрӣ ба хонаамон меомад, соатҳо сўҳбат меоростем. Ба Падарат садоқати беандоза дошт. Агар фаромўш накарда бошам, ҳамсараш ҳамноми ман – Хадичабибӣ буд. Олимҷон бо як касби оддии электрик чунон ба обрўву эҳтироми баланд сазовор гашт, ки баъзеҳо миллионҳо сўм пул дошта бошанд ё худ ҳафтод-ҳаштод сол зиндагӣ карда ҳам мисли ў ба эътибор лоиқ нестанд. Ҳаёт худаш чизи аҷоиб будааст... Бачем, ҳамин Одил паҳлавон ба кӣ хонадор шуд?"

– Ба духтари Амин Қурбонмуродов... Боз ҳамсояи ширин Рашид Шерқулов. Мешиносед, вай ҳам амаки Шумо...

"Хайр, мон, бачаҷон, ин қадар амакбозӣ накун. Амаконам ҳама одамони хуб буданд. Охир, ту хуб медонӣ, ҳамин Амин амакам дар Душанбешаҳр барои соҳибмаълумот гардонидани чандин нафар ҳамдеҳагон, инчунин, бачаҳои деҳаҳои гирду атроф чун Сайробу Панҷоб низ хизматҳои босазо кардаанд..."

– Амакам Шодимуҳаммадбой, падари Рашидро мегўед?

"Ҳа-ҳа, бо Падарат ҷўраи ҷонӣ буданд. Якдигарро хеле ҳурмат мекарданд. Чунки солҳои панҷоҳ-шастуми асри бист муаллимон хеле кам буданд. Онҳое, ки саводи казоӣ доштанд, дар деҳаҳои дурдасттарини вилоятамон муаллимӣ кардаанд."

– Инчунин, муаллими босавод, марди некдил, меҳмоннавоз, ширинсухан Норқул Сафаров ҳам дар соҳаи маъориф 52 сол меҳнат кардаанд.То ҳол мардум меҳмоннавозиҳо, дастурхонҳои пурнозунеъмат, тавозўъҳои камтаронаи муаллими ҳолдонро дар ёд доранд.

“Ҳамсари муаллим зани пазанда, сариштакор, кадбонуи бообрӯ буданд. Амакат Абдураҳим Холиқовро мешиносӣ? Дар Кӯлоб кор кардаанд. Математики бузург буданд. Шогирдони бисёре парвариш намуданд. Ҳамин номзади улуми математика, доцент Нарзулло Сафармаҳмадов ҳам таҳсили аввалини фанни математикаро аз ҳамин муаллим гирифтаанд. Солиёни зиёд ба фарзандони деҳа аз ин фан дарс гуфтаанд”.

– Медонам, Очаҷон. Духтарашон Марямбибӣ, писарашон Аҳмадҷонро хеле хуб мешиносам. Рафту омад дорем. Фарзандони баркамол ва камтарин ҳастанд... Очаҷон, ҳоло қабристонро давр зада бисёр номҳои ҳамдеҳагонро хондам, ки фарзандонашон бар сари қабр лавҳаи ёдгорӣ гузоштаанд. Юсуф Аминов, Рамазон Алиқулов, Шайна Полвонов... Эҳҳе, садҳо чунин мардони шарафманд хобидаанд, ки ҳоло дар бораи ҳамаи онҳо маълумот пайдо карда асари калоне навиштанӣ ҳастам... Оча, медонед, дар Тирмизшаҳр барои пойдории меҳру оқибат ва дастгирии хамдигар бисёр ҳамдеҳагон хизматҳои беназир кардаанд. Яке аз ҳамин гуна шахсони некӯкор Бӯрӣ ака Ҷумъаев буданд. Аз қавми Момоалигӣ, сулолаи Мирзоқосимӣ.

“Хай, мон, бачем, ҳоло ҳам ҳамин сулолабозиата гум накардаӣ. Кай бинам, ин Момоалигӣ, вай Бучагӣ, ана ун кас Шодахӯҷагӣ гуфта мегардӣ. Ҳамин гапҳо чӣ лозим? Ҳамаи мо дарбандием, хокамон як, обамон як, ҷои мерафтагиамон ҳам як ҷост. Ҳама бандагони Парвардигорем”.

– Оҳ, Очаҷонакам-а! Дуруст мегӯед, ҳама бандаи Худоем... Майлаш, ман дигар сулолабозӣ намекунам. Ваъда медиҳам. Чандин сол пеш ана ҳамин Бӯрӣ ака Ҷумъаев дар Тирмиз барои созмон додани маркази ҳамдеҳагон корҳои шоён карданд. Дар қатори ин кас

марди ҳалиму ширингуфтор Амирқул ака Ҳамроқулов низ ҳоло раҳбари маркази ҳамдеҳагони муқими Тирмизанд. Корҳои шоистае анҷом медиҳанд. Ман аз ҳамаи онҳо миннатдор ҳастам. Чунки мо дарбандиён дар тўю маъракa, дар рўзҳои неку бад ба ҳамдигар ёвару мададгор ҳастем... Бўрӣ ака марди ҷасур, пурғайрат ва ҳозирҷавобанд. Вақте ки дар бораи падару модар сўҳбат меравад, хеле гиря мекунанд. Зеро худ ятим калон шуда будаанд. Қабри падарашонро рафта дар Польша ёфта зиёрат карда омаданд...Чунки падарашон дар Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ ҳалок гардида ва дар хоки Польша дафн шуда будаанд. Бўрӣ ака таи бист сол кофта-кофта қабри падарро охир дар он ҷо пайдо карданд... Ҳозир акаи Амирқул Ҳамроқулов низ бо ғайрати калон ба ҳамдеҳагон раҳбарӣ мекунанд. Одами оличаноб ҳастанд. Ҳамсарашон Раҳимабибӣ вафот карданд. Шукри Худо, ки ҳамдеҳагон, фарзандони баркамолашон, набераву аберахояшон ин марди шарифро танҳо нагузоштанд, ҳамеша хабар мегиранд, ғамхорӣ менамоянд...

“Худо ин некмардонро дар паноҳи исматаш нигоҳ дорад, бачем! Хеле дарди дил кардем. Рӯҳам сабук шуд... Офтоб ҳам рӯ ба ғуруб меоварад. Ту ҳам монда шудӣ, Ҷони Оча! Акнун рав, истироҳат кун...”

– То сўҳбати оянда, Очаҷон!

“Дар амони Худо бош, Ҷони Оча!”

## VII

– Салом, Очаҷон!

“Салом, салом, азизакам! Аҳволакат нағзай, бачем? Бачаҳоят, набераҳоят чӣ хел?”

– Худоро шукр, Очаҷон, ҳамаамон хубем.

“Чӣ гапҳо, Ҷони Оча?”

– Эҳ, Очаҷон, Очаҷон! Ба асрори ин дунёи фонӣ ҳеҷ сарфаҳм нарафтам, ки нарафтам...

“Боз чӣ шуд, Ҷони Оча?”

– Кори ин дунё ҳамин будааст, Очаҷон. Ибтидову интиҳои маргро надонистам. Кӯдаки дирӯзакак таваллудшуда мебинӣ, ки дар як дам қадрасу дилписанд гаштааст. Вале чӣ чора? Барои шоҳу гадо ҳисобчӣ ҳамин марг будааст... Дирӯз бо акаам Иброҳим, апаам Ҳилолабону ба фотиҳаи зани муаллим Холиёр Назаров рафтем. Дар як овули Ғурумсаро дар чор-панч ҷой маъракаи азо. Устодро дилбардорӣ кардем. Муаллим ниҳоят ғамгин. Баъди хайрухуш гуфтанд, ки ҳамин ҳоло ҳамсояаашон, муаллими номӣ Муҳаммадин Янгибоев низ дар аҳволи вазнин хобидаанд. Агар вақт дошта бошед, як сари қадам рафта хабар гиред. Хабаргирӣ рафтем. Дар чойгаҳи покизаву тоза мисли фаришта хобидаанд устод. Нолиш мекарданд...

“Ҳа, Ҷони Оча, кори хуб кардетон, ба ягон дуову фотиҳа дер накунед. Муаллим Янгибоев марди ҳузарб, чусту чолок буданд. Нақл мекарданд, ки дар Душанбе пушту паноҳ ва такягоҳи донишҷӯёни Сурхондарё гашта будаанд. Дар зиракӣ, ҳушёрӣ ва далерӣ ҳеҷ касе ба он кас баробар шуда наметавонистааст. Баъди марги нобаҳангоми фарзанди дилбандашон Бахтиёр, ки ҳоло хонадор нагашта буд, шикаста шуданд. Оҳ, навҳаҳои очаи Бахтиёр кампири Наврӯз ҳоло аз дилам нарафтааст...

“Эҳ, Ҷони Оча-я, ин гуна шахсони паҳлавону далер дар деҳа бисёр буданд. Падари ҳамсинфат Камол Чорӣ Ҳамроқуловро хуб мешинохтӣ. Ҳамин амакам ҳам марди ҳақҷӯву ҳақпараст буданд. Паҳлавонҷусса, хеле бақувват буданд. Мардуми Дарбанд шердилӣ, ботамкинии ин марди тавоно ва донишмандро railmеписандид...”

– Ҳа, Очаҷон, дирӯз инсони некдил Дилшод Имомов аз Музработ ба Тирмиз маро кофта омадааст. Ҳамсӯҳбат шудам...

“Вай кӣ буд?”

– Писари ҳисобчӣ Абдураҳмон Имомов. Солҳо дар ноҳияи Музработ кору зиндагӣ кардааст.

“Э, ҳа, писари Майрамбибӣ гӯй? Ман очаи ӯро хуб мешинохтам. Духтари Қурбонмурод амакам буд...”

– Оре, Очаҷон... Гуфт, ки ман ба забони ӯзбекӣ таҳсил гирифта бошам ҳам шеъру достонҳои Шуморо яко-як ба мадарам хонда додам. Ҳар гоҳ ҷойҳои таърихии деҳаро хонам, мадарам истоёнда, боз аз нав мехононданд. Гӯё, ки ҳамроҳи китоб ба ҷавонии худ, ба ҷойҳое, ки таваллуд шуда калон шудаанд, сафар мекарданд. Аз чашмонашон ашк шашқатор мерехт. Ба Шумо ҳазорон ташаккури модарамро овардам, гуфт. Мутаассир ва хеле хурсанд шудам...

“Сарат аз санг шавад, Ҷони Оча”.

– Боз як хабари хуш, Очаҷон. Шумо бобои Нормаҳмадро хуб мешинохтед. Нормаҳмади Ҷӯрабойро...

“Албатта, мешинохтам. Охир, ҳамсояамон буд-ку! Оилаашон кампири Зефун... Абдураҳим боборо... э, мон-е, чӣ, ту маро фаромӯшхотир мепиндорӣ?!”

– Не, не, бубахшед, Очаҷон. Фарзанди дилбанди ҳамин Нормаҳмад бобо Рӯзимаҳмад бобо бо ҳамроҳии Абдураҳим бобо Мирзоев ҳар ду ҳаҷи умраро адо карданд. Чунки ин мардони некдил дар деҳа яке аввалин раиси маҳалла шуда бошад, дигаре солҳо дар соҳаи савдо шарафмандона кор кард. Ҳоло ин ҳоҷиён дар деҳа қадру манзалати баланд доранд. Ба пиру ҷавон маслиҳатчианд. Ҳоҷӣ Рӯзимаҳмад бобо ният кардаанд, ки аз дидаву шунидаҳо, аз гузаштаву ҳозир як асари ёддоштие бинависанд...

“Ин иқдоми ниҳоят нек, Ҷони Оча! Баъди одамизод ҳамин китоб мемонад. Аз ҳама чизи гаронбаҳо китоб аст...”

– Китоби маро ҳам таъриф кардаанд.

“Ҳай, ҳай, боз сар кардӣ таърифи худата...Ҷони Оча, ҳоло дар деҳа муллоҳои босавод киҳоянд?”

– Муллоҳо бисёр, Очаҷон. Мулло Ҳусниддин Рамазонов, Мулло Маъруф Мирзоев дар Донишгоҳи исломии Тошканд таҳсил гирифтаанд. Пайрави онҳо Мулло Акмал, Мулло Абдурашид. Бо ташаббуси неки онҳо дар деҳа масҷиди боҳашамате сохта шуд... Медонед, Очаҷон, хайру амали нек дар дили мардум нақш мебастааст. Бо як касби оддӣ ҳам инсон маълуму машҳур гардиданаш ҳеч гап набудааст. Очаҷон, ба наздикӣ тӯйи хатнасури набераи ошпази моҳир Мусулмон бобо Элбековро гузарондам. Писарашон Хусрав писарчаашро Мироншоҳ номида будааст. Тӯйи калон барпо кард. Ҳама хешу таборон омада буданд. Духтарони хушрӯйи ин оила Барно, Раъно, Саодат, Тӯҳфа, Шоҳсанам, Сурайё ҳама буданд. Бобои ҳаштодсола бо ҳамсарашон кампири Даллӣ чунон зебо рақсиданд, ки моту маҳбут гаштам. Очаҷон, шеърхониву шеъргӯии ин мардак маро дар ҳайрат гузошт. Аз Ҳофиз, Бедил, Сайидо чунон ғазалҳоро қироат карданд, ки обу адо гаштам...

“Ҳа, Ҷони Оча, кампири Сафия аммаи ман буданд...”

– Кампири Даллихон дар қайди ҳаётанд. Ҳа, ҳа, Очаҷон, чандин нафар набера, абера доранд. Мусулмон тағо Элбеков Мавзеъи Қизилқишлоқи худро Швейцарияи хурдакак меноманд. Писарашон Парда ин мавзеъ пойтахти Дарбанд аст, мегӯяд. Чунон хонаву ҷойи зебо, боғҳои дилкушо барпо кардаанд, ки аз тамошояш сер намешавӣ...

“Ҳа, Ҷони Оча, илоҳо, умри ин гуна инсонҳои нек ва меҳнаткаш дароз шавад. Хуб медонам, дӯсти

Иброҳимҷон – фарзанди дилбанди ун кас Норкулҷон вафот карду қадду қомати падару модар хамида гашт... Вале аҷал ҳақ... Ҳар чиз амонат. Ҳатто ҷони одамизод амонат аст. Вале китоб амонат нест. Китоб поянда. Бештар китоб навис...”

– Очаҷон, дар як сӯҳбат дар бораи устоҳои гулдаст, паҳлавонҳои машҳур, модарони қаҳрамон бештар навис, гуфта будед. Ман дирӯз боз бо як амаки Шумо ҳамсӯҳбат шудам. Шумо бобои Нурибойро хуб мешинохтед. Чунон марди халқпарвар, чӯпони ҳалол буданд, ки моли бою давлатмандро бонӣ намекарданд. Кучое беваю бечора, камбағалнамо бошад, бузу гӯсфанди ҳамонҳоро бурда бонӣ мекарданд. Ба хонаи онҳо меҳмон мешуданд. Соатҳои тӯлонӣ сӯҳбатҳои дилоро мекарданд.

“Хуб ёдрас шудӣ. Ана писари ҳамин кас Абдуқодир барин дӯзандаи машҳур дар дунё набуд. Медонӣ, ӯ дар ҷавонӣ ба ин касб дил баста буд. Мардум аз Тошканду Самарқанд Хоразму Бухоро омада ба ин усто пуштпӯши мошину чодару чиҳозҳои ҳама чизро медӯзонданд”.

– Бале, Очаҷон, бо вуҷуди ин медонед, ӯ марди шоиртабиат аст, тамоми рӯз радио гӯш мекунад, хандида мегӯяд, ки дар рӯи дунё мисли ман радиошунаванда набошад даркор. Ба китоби Гиннес маро дохил кун, мегӯяд. Модари Абдуқодир кампири Асал ҳаштодсола шуда бошанд ҳам мирғай барин. “Ҳей, баччи Хадича бибӣ! Дар деҳа модарат барин зани хушрафтору хушсухан кам буд, гуфта Шуморо хуб таъриф карда оби дида карданд. Аз марги ногаҳонии хешованди аз ҳама дилсӯзу дилписанди Шумо марде, ки тамоми умрашро ба таълиму тарбияи фарзанди меҳнаткашон сарф кард,

муаллими тарбияи чисмонӣ буду Шуморо апа гуфта аз дил ҳурмат мекард Исмоил Назаров андӯҳгин буданд. Ҳамсари муаллим Ӯғилой апа дар фироқи шавҳар хеле дар изтироб афтодаанд. Момои Асал Шуморо хеле ёд карданд. Эҳ, Очаҷон, ҳаёт ҳамин будааст. Улуғбек – домоди аммаам Қурбонбибӣ, додари нависандаи машҳур Аҳмадшо Маҳмадшоҳ, ки дар Душанбе кору зиндагӣ мекард, ногаҳон вафот кард. Худораҳматӣ Улуғбек дар Суди Олии Тоҷикистон кор мекард. Хешовандон сахт андӯҳгин гаштанд. Чӣ мегӯед, ки Оча, ғаму андӯҳ одамро абгор мекардааст.

“Дуруст мегӯӣ, Ҷони Оча... Лекин ту худата эҳтиёт кун, бисёр ғам нахӯр, ҳамеш нағз мешавад... Монда шудӣ, бачем, як бори дигар тиловат кун, овози фораматро шунавам, баъд баргард, то Тирмиз яку нимсоата роҳ...”

– Хайр, Очаҷон... Осуда хобед. Албатта, рӯзҳои наздик боз хабаргирӣ меоям....

## VIII

– Боз омадам, Очаҷон!

“Биё, биё, Ҷони Оча, дуохони Оча! Чаро боз овора шуда омадӣ, бачем? Мондагиҳоят аз рангу рӯят маълум...”

– Э, Очаҷонакам-а, имрӯз бозор будааст. Рӯзи истироҳат. Боз ба як кори хайр даст задам.

“Боз ягон чизи нав навистӣ?”

– Бале, Очаҷон. Як шеъри дурудароз навистам. Дар бораи ҳамватанонам, сайробиву панҷобиҳои кишварам. Ин ҳамзабонони азизам садсолаҳост, ки барои халқу Ватан шарафмандона заҳмат мекашанд. Имрӯз бисёре аз мардони шарафманди он деҳистонҳо дар қайди ҳаёт

нестанд. Медонед, Оча, ман ба бисёр тӯйҳои ин ҳамзабонон сарварӣ кардаам. Бисёриашонро хуб мешиносам, бо ҳам дӯстиву бародарӣ дорем. Китоби якумамро хеле хуб пазируфтанд. Гуфтанд, ки ин китобатон китоби хоси дарбандиҳо шудааст, акнун бояд...

“Бихон, Ҷони Оча, ман ҳам шунавам, чӣ навиштаӣ...”

– Манзумае бо номи “Сайроби ман, Панҷоби ман.” Содда навиштам, Очаҷон, ҳама фаҳманд, гуфтам:

Ин Бойсуни ҷони азиз,
Дорад бузургони азиз,
Мардони майдони азиз,
Аз хубиҳо сероби ман,
Сайроби ман, Панҷоби ман!

Арбоби Чошаш[27] номвар,
Ҷумъа Араб[28] ҳамчун гуҳар,
Нек аст Чоршанбе Сафар,
Эй, халқи хушодоби ман,
Панҷоби ман, Сайроби ман!

Дар Тирмизи ҳамчун чаман,
Аз Абдуҷаббори Ҳасан,
Ботур, Баҳодур[29] фахри ман,
Гӯ, Рустаму Сӯҳроби ман,
Сайроби ман, Панҷоби ман.

Ку Ботураш, он шердил,
Лӯк, он човандози асил,
Чоршанбеи зӯраш чу фил?
Хуб аст сайри оби ман,
Сайроби ман, Панҷоби ман.

---

[27] Арбоб Чоши Сайробӣ – шоири сайробӣ.
[28] Ҷумъа Арабов – раҳбари яке аз идораҳои савдои вилоят буд.
[29] Ботур ва Баҳодур Ҳасановҳо – чемпионҳои кӯштӣ.

Ку Эркаи Муллои[30] ӯ?
Неъмат Сафар дарёи ӯ,
Нормуҳаммад шайдои ӯ,
Ду деҳи сер аз оби ман,
Сайроби ман, Панҷоби ман.

Бо хулқу хӯйи ҷоизаш,
Бо Абдуқодир[31] ҳофизаш,
Бо Абдусаттор[32] воизаш,
Машҳур шуд аҳбоби ман,
Сайроби ман, Панҷоби ман!

Мирзои Беғам[33] дошт, рафт,
Арбоби олам дошт, рафт,
Дунёи бекам дошт, рафт,
Аммо нарафт аз хоби ман,
Панҷоби ман, Сайроби ман!

Канъониаш[34] кайҳонӣ аст,
Санъониаш[35] райҳонӣ аст,
Хуллас, ки ёри ҷонӣ аст,
Эй воқиф аз ҳар боби ман,
Панҷоби ман, Сайроби ман!

Исмоили Холтӯрааш[36],
Буд дар тиҷорат тӯрааш,
Дарбандӣ гашта ҷӯрааш,
Эй чашмаҳои ноби ман,,
Сайроби ман, Панҷоби ман!

---

[30] Академик Муллоҷон Эркаев, фарзанди Сайроб.

[31] Абдуқодир Ҳасанов.

[32] Шодравон Абдусаттор Ҳасани Сайробӣ, ки яке аз мардони кордон ва бомаърифат буд.

[33] Мирзо Беғам – шахси маъруф аз Панҷоб.

[34] Канъонӣ – номи сулолае дар Панҷоб.

[35] Санъонӣ – номи сулолае дар Панҷоб.

[36] Исмоил Холтӯраев – раҳбари як аз идораҳои савдо буд.

Абдусалом Тӯхтамурод,
Буд марди дилҷӯ, хушсавод,
Бар ҳимматаш аҳсант бод,
Эй мардуми раҳёби ман,
Сайроби ман, Панҷоби ман!

Хуррами Холмат[37] боадаб,
Қонуншиносе буд аҷаб,
Қозист фарзанди Араб[38],
Эй, ҳамназар, асҳоби ман,
Сайроби ман, Панҷоби ман!

Машҳур бо эшони худ,
Монанди Боқиҷони худ,
Бо Ҳоҷӣ Қосимхони худ,
Дар маърифат меҳроби ман,
Сайроби ман, Панҷоби ман!

Сардор буд Абдунабӣ,
Як уммати хуби набӣ,
Рахшида ҳамчун кавкабе,
Эй кавкаби хуштоби ман,
Сайроби ман, Панҷоби ман.

Духтури хуб буд random
Раҳмон Сариқули замон,
Ку он Камолча, паҳлавон?
Халқи пуробутоби ман,
Сайроби ман, Панҷоби ман!

Абдувалии Ҳасанаш,
Аллабердиев Ҳасанаш[39],

[37] Хуррам Холматов – корманди идораи карҳои дохилӣ дар вилоят, фарзанди Панҷоб.

[38] Омон Арабов.

[39] Фарзанди Панҷоб.

Чун боғбони гулшанаш,
Дар панҷ ҷо панҷ оби ман,
Панҷоби ман, Сайроби ман!

Ҳайиталӣ шуд пурталош,
Акмал бувад фарзанди Чош,
Эй дӯст, доим зинда бош,
Бо мардуми ноёби ман,
Сайроби ман, Панҷоби ман!

Дар деҳи Сайроб ҳолдон,
Ҳайитқулаш шуд кордон,
Номаш бимонад ҷовидон,
Хуршеди ман, маҳтоби ман,
Сайроби ман, Панҷоби ман!

Эркини Ҳайдар[40] аҳли дил,
Шодии Эшалӣ асил,
Ҳар ҳарфи ӯ ҷумла ҷамил,
Эй мардуми дилёби ман,
Сайроби ман, Панҷоби ман!

Як Ҷумъа палвон дошт ӯ,
Ҳам Абдуманнон дошт ӯ,
Саттории ҷон дошт ӯ,
Сурхонии шодоби ман,
Сайроби ман, Панҷоби ман!

Холмати Турсун ҳушманд,
Доим забонаш пур зи панд,
Каттақул[41] оғо сарбаланд,
Эй қавми боодоби ман,
Сайроби ман, Панҷоби ман!

---

[40] Эркин Ҳайдар – ҳофизи сайробӣ.

[41] Оғогелди Каттақулов, аз Панҷоб.

Дар пахтазаводи Тирмиз,
Усто Сафар буд ботамиз,
Марде накӯ, марде азиз,
Бо заҳматаш сероби ман,
Сайроби ман, Панҷоби ман!

Хонад суруди ошиқон,
Сӯҳроби Додояш чунон,
К-аз халқ хезад бонги “ҷон!”
Зан захма бо мизроби ман,
Сайроби ман, Панҷоби ман!

“Боракалло, бачем! Инсонҳои шарифро номбар кардӣ. Кору номи нек намиранда аст. Ҳоло намедонаму солҳои пешин дар байни қишлоқҳои Дарбанд, Сайроб ва Панҷоб дӯстиву бародарӣ, меҳру оқибат ниҳоят қавӣ буд. Он солҳо техника кам буд. Ман худ хеле хуб медонистам, ки дар деҳи Сайроб ё Панҷоб ягон тӯй ё маърака шавад, садҳо нафар ҳамзабонон аз дигар деҳот хараkиву аспакӣ, ҳатто пои пиёда меомаданд. Одатҳои хубе доштанд. Ба якдигар ёвару мададгор буданд. Бузкашию тӯю тантанаҳоро намегӯӣ. Ҳазорҳо аспдавонҳо аз ин тӯй ба он тӯй ба бузкашӣ мерафтанд.

– Рост мегӯед, Оча, ин мардумон аз азал таърихи муштарак доранд. Ҳозир ҳам дар Тирмизи навин мо дарбандиён, сайробиён, панҷобиён дӯсту иттифоқ ҳастем.

“Ҳа, Ҷони Оча, дар ин дунё аз одам фақат амали нек мемонад... Бачем, дар деҳа аспparварони машҳур, чавандозони номӣ гузаштаанд, барои чӣ дар бораи онҳо наменависӣ?”

– Ман ба Шумо дар бораи аспи машҳури ҳамдеҳаамон аз мавзеъи Хами Кабуд, бубахшед, Ғурумсаро – Аллабой Пиримқулов як шеъри навиштаама хонда дода будам-ку...

“Ку, ёдовар шав... ба забони ўзбекӣ буд магар... Ку, бихон...”

– Ҳозир, ҳозир, Очаҷон, борон сар кард, соябонама кашам...

“Хайр, сафари дигар мехонӣ, бачем. Таи борон тар мешавӣ, нам мекашӣ”.

– Не, не, Очаҷон, ҳозир мехонам:

Усто Алла бўлган отинг,
Бедов бўлди боққан отинг,
Тилла бўлди олган зотинг,
Усто Алла, отинг қани?

Кенталадан от келтирган,
Арпа билан қирқ кун боққан,
Кўпкарида Холли чопган,
Усто Алла, отинг қани?

“Ҳай, ҳай, шоираки ду забонаям-а! Ҳоло ҳам шеърҳои ўзбекӣ менависӣ? Навис, охир туву Иброҳим акаат дар Мачай калон шуда будед. Таълими устодони зўри ин деҳаи арчаобод Хуррамов, Сатторов, Қурбоновро гирифтаед. Аз хурдӣ бо забони ўзбекӣ гап мезадед. Бубин, беҳуда “Забон донӣ, ҷаҳон донӣ”, нагуфтаанд...”

– Ҳа, Очаҷон, ҳоло шоири маъруф, соҳиби чандин китоби шеър Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ аз Тошканд занг зада: “ Искандар ако, шеър ва ҳикояҳои ўзбекиатонро ҳам тайёр кунед. Баъди нашри китоби дуввум, албатта, китоби севвуматон ба забони ўзбекӣ бояд нашр гардад”, гуфт. Албатта аз ўҳдаи ин кор ҳам мебароям, маблағ ҳам пайдо мешавад...

“Исто, исто, ба ин қадар китобчопкунӣ ба ту кӣ ёрӣ мекунад?”

– Э, Очаи  меҳрубонам-а, худам маъош мегирам, занам мегирад, бачем, келинам ҳам кор мекунанд.  Камтар хўрда, камтар пўшида, китоб чоп карда хоб рафтем-дия!

“Мон, мон, ба ту гап ёфта дода намешавад. Вале чӣ тавр набошад, китобҳоятро чоп кун. Ба ҳамдеҳагон тўҳфа кун. Инсонҳои нағз китоб мехонанд. Китоб чизи муқаддас аст. Аз он фоида мебинам, мефурўшам, гуфта фикр накун. Як табрик, як шодбошии ҳамзабонон  худаш як давлати калон ва поянда аст”.

– Хуб, хуб, Очаҷон, охир барои чопи он мабалағи калон сарф мешавад. Намедонам,  мардум чӣ баҳо медиҳанд. Дар ҳаросам. Баъзеҳо  “Искандар чаро якбора ба китоббарорӣ руҷўъ кард, ё аз он ягон фоидаи калон мебинад магар?”,  мегўянд. Вале шукри Худо,  шукри даврон, шукри мардони фозилу маърифатпарвар, дарнамемонам. Худатон мегуфтед: ба ҳар кор бояд таввакул кард. Хайр, ягон гап мешудагист. Дар атрофам мардони баландҳиммат бисёранд. Дирўз дар як тарабхона ҳамроҳи инсони хайрандеш Ҷумъақул Ҳамроқулов нишаста будем. Мо доим бо ў сўҳбатҳои дилнишин меороем. Ҳамсўҳбати дилкаш, инсони аз таъриху адабиёт бохабар аст. Дар Тирмизшаҳр ба корхонаи калони бинокории “Мармар” сарварӣ мекунад. Барои хизматҳои шоёнаш ҳукумат ўро борҳо бо фахрияномаву мукофотҳо тақдир кардааст. Якчанд биноҳои мактабҳои мусиқӣ, биноҳои баландошёна барои зист маҳз бо хизмати пуршарафи ў бунёд гардид. Ў китоби дуввуми маро шунида хеле ёрдами калон кард. Гуфт, ки “Бародар, ҳеҷ дудила нашуда китоб нависед. Дар бораи таърихи деҳаҳоямон, дар бораи таърихи бошукўҳи  Ватанамон, дар бораи инсонҳои некном, қаҳрамонҳои гузаштаву имрўзаи

Ватанамон нависед, то мардум хонанд, донанд, ғизои маънавӣ гиранд. Чопаш ҳам як гап мешавад. “Фойдаю зарар, акаю додар”- гуфта хандид. Ӯ чунон мақолу ибораҳоро ёфта гап мезанад, ки аз ин ба шавқ меоям. Ҳамеша сӯҳбаташро интизорам. Охир, инсон баъди панҷоҳ ба худаш ҳамсӯҳбати донову дилкашро меҷустааст. Мана ҳамин гуна шахсони маърифатпарвар аз даврҳои қадим буданд ва Худоро ҳазорон бор шукр, ҳоло ҳам ҳастанд...

“Ҳа, Ҷони Оча, мо бо падари ӯ – марди хоксор, меҳнаткаш Қурбонмуродбой, модари соҳибҳунараш момои Ӯғил солҳо ҳамсояву ҳамнишин будем. Падарат ба бобои Қурбонмурод меҳру муҳаббати бепоён доштанд. Хислатҳои наҷиби ин марди рӯзгордида ва некназарро таъриф мекарданд. Ба ҳамин Ҷумъақул ҳам аз синфи як то се падарат дарс дода буданд...”

– Ҳа, Очаҷон, Ҷумъақул доимо дар сӯҳбатҳо он лаҳзаҳои ҷавониро ба ёд меорад. Ҳар гоҳ ба хонааш даъват карда дар ҳаққи арвоҳи гузаштагон, ба хусус падару модарон дуоҳои нек мекунад...

“Бубин, дар китоби аввалинат дар ҳаққи бобои ӯ Акобирбой чизе гуфтӣ ё нагуфтӣ? Медонӣ, Акобирбой солҳои Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ ба ҷойи ако, яъне, Қурбонмуродбой ба ҷанг мераванд. Шукри Худо, зиндаву саломат бармегарданд. Ана меҳру оқибати он солҳо. Дар бораи устоди мӯҳтарам, олими намоён, марди хирадманд Ҷаббор Эсонов ягон чиз навиштӣ ё не? Ба назарам, нанавиштӣ! Охир, он кас яке аз олимони машҳури деҳаамон буданд. Соҳибқалам, муаллифи чандин асарҳои илмиву адабӣ, мутарҷими китобҳои машҳур”.

– Рост мегӯед, Оча... Хайрият, писари ин марди шариф Ӯктам ака касби падарро гирифтанд. Шарафмандона дар Донишгоҳи Давлатии Тирмиз кор мекунанд...

Ҳа, Очаҷон, бисёрии ҳамдеҳагон аз ман ранҷидаанд. Чаро дар ҳаққи падару модар, бобову бобокалони онҳо чизе таълиф накардаам. Агар вақт даст диҳаду умр вафо кунад, ҳоло дар дил орзуҳои воломақом дорам. Деҳаамро дар рӯи олам машҳур мегардонам. Шаъну шарафи мардуми шарафмандашро боз баландтар мебардорам. Ҳамчун асари гаронбаҳои Расул Ғамзатов “Доғистони ман” китобе бо номи “Дарбанди ман”менависам. Мавзӯву мундариҷаи он танҳо ҳаёти мардуми сарбаланд ва шарафманди Дарбанд хоҳад шуд. Ман ҳамаи онҳоро меҷӯям, меёбам, менависам. Охир, ҳоло дар Амрико якчанд оилаи дарбандӣ кору зинагӣ мекунанд. Марди донишманд, бо илму фарҳанг, устоди беҳтарини ман, корманди Радиёи вилояти Сурхондарё Мирзоқул Эшниёзов, ки солҳо ҳамроҳи журналисти варзида, ташкилкунандаи бахши тоҷикии Радиёи вилоят Шаҳодат Раҳимова аз соли 1988 кор кард, низ ҳоло бо аҳли оилааш дар Амрикост. Фарзанди обрӯманди Ҳоҷӣ Юсуф Маҳмуд Тағоев низ бо оилааш дар он ҷо кору зиндагӣ мекунад... Оча, Очаҷон, чаро дам шуда мондед?

“Дилам мехоҳад сару рӯятро бо дастонам навозиш кунам, Ҷони Оча, вале...”

– Очаҷонакам...

## IX

– Салом, Очаҷон!

“Салом, Ҷони Оча! Хабаргирони Оча, дуохони Оча! Бачаҳот, набераҳот нағзанд?”

– Нағз, Очаҷон, нағз...

“Чӣ гапҳо, бачаҷонам?”

– Очаҷон, Шумо ҳар гоҳ мегуфтед: модароне, ки барои оила ва фарзанд ҷоннисор гаштаанд, дар деҳа бисёранд. Зани Қорӣ Акрам – кампириНоройро бисёр ёдовар мешудед, ки ҳамин зан баъди фавти шавҳараш фарзандонро хору зор накарда бо ҳунармандиву меҳнаткашӣ ба камол расонд. Очаҷон, ман вақте, ки бо бинокори машҳур Чоршанбе Гулбеков шинос шудам, ӯ борҳо дар бораи модараш ва падараш нақлҳои аҷиб кард. Чоршанбе ака дар зиндагӣ азобҳои бисёр кашидааст...

“Хабарам ҳаст, Ҷони Оча. Худораҳматӣ падараш ба пирӣ ҳам нарасида дар синни панҷоҳсолагӣ вафот кард. Зайнаббибӣ ба тарбияти фарзандон камарбаста шуд, бачаҳояшро ҷобаҷо кард, хонадор намуд...”

– Ҳа, Очаҷон, мардум то ҳол меҳнаткашии ин зани босабру таҳаммул ва доноро дар ёд доранд. Ман рӯзе дар хонаи акои Чоршанбе меҳмон шудам, бо модари он кас сӯҳбат кардам. Кампир ниҳоят хурсанд шуд. Бовар кунед, худи Шумо! Қаду қомат, чеҳраю абрӯ, гапзаниҳо, қадаммониҳошон... Очаҷон, дилам гум зад: Шуморо дидагӣ барин шудам...

“Ҷони Оча, хайр, бас кун, худата даст гир...”

– Гуфтанд, ки дар халтаҳои тахт-тахт орди гандум, дар анборҳо тоннаҳои ҷав, дар аспхона аспи даванд монда рафту дар як лаҳза ҳамсарам, ҷону дилам зери хок шуданд... Хуб гиря карданд. Бо вуҷуди ин аз фарзандон, ба хусус, аз писарашон Чоршанбе ниҳоят миннатдор буданд, ки дар ҷойи падар ҷонишин, ба аҳли оила ва хешу табор бо меҳру оқибат аст. Ман аз сӯҳбатҳои ҳамин Чоршанбе ако як ҷаҳон таассурот гирифтам ва як шеър ҳам навиштам...

“Шоираки ман, ку, хон, шунавем...”

– Фақат... шеърам ӯзбекист, Очаҷон...

“Майлаш, майлаш, хон, Ҷони Оча! Ман нағз мефаҳмам-ку!”

– Дарбанддек улуғвор номи,
Нурбек эди, Нурбек эди.
Унинг аъло хулқ-атвори,
Барчага манзурдек эди.
Ўз ишига чин устувор,
У марди майдондек эди.
Эллик ёшда мангуликка,
Айланган ул Нурбек эди.
Зубайдани Гулбек ўғли,
Жигаргўша Нурбек эди.
Юзида бир нури Худо,
Яхши инсон Нурбек эди.
Зайнаб биби ёри билан,
Бир узукка кўздек эди.
Ҳалол, холис бир камтарин,
Инсон ўзи Нурбек эди.
Саримаску Сувсиз тоғда,
Машҳур ҳайдовчи бек эди.
Хизматидан барча мамнун,
Меҳнати чин, дилдек эди.
Меҳрубону дўст, биродар,
Ул қалби офтобдек эди.
Оқмачитда от чоптирган,
Отга меҳри тоғдек эди.
Техниканинг соҳасида
Устои моҳирдек эди.

Меҳмоннавоз ҳамда сахий,
Нур нигоҳли Нурбек эди.
Фарзанд камолин кўрмаган,
Нурбек эди, Нурбек эди.
Норой, Ҳидоят, Рўзига,
Чоршанбега жондек эди.
Қудрат, Сафар, Жумагул,
Феруза Зафардек эди.
Достон, Суҳроб навараси,
Мисли кўзу қошдек эди.
Соҳибаю Муҳибаси,
Ўғилшоди гулдек эди.
Арвоҳи шод бўлсин унинг,
Қалби оппоқ тонгдек эди.
Ҳамюртимиз мангу ёди,
Тилларда достондек эди.
Оқмачитли, оққкӯнгилли
Нурбек эди, Нурбек эди.

“Офарин, Ҷони Оча! Бисёр хурсандам кардӣ.”

– Ҳоло Чоршанбе бародар дар Тирмиз обрўю эҳтироми ниҳоят калон дорад. Бинокори машҳур аст. Ман дар тўйи духтараш сарвари давра будам. Ва ин шеъракамро ба ў бахшидам:

Термизда тадбиркор зўри,
Чоршанбедир, Нурбек ўғли.
Ҳаётда ҳисоби тўғри,
Мустаҳакам лафз сўзига
Чоршанбе Гулбек ўзига.

Дарбандда туғилган шаввоз,
Кўкка қараб этди парвоз,
Қанча мақтов ёзса ҳам оз,
Чоршанбе қариндошимга,
Қондошимга, жондошимга.

Баланд-баланд уйлар қурган,
Йиқилса ҳам ўзи турган,
Ҳақ майдонида от сурган,
Ҳақпарастим, виждонимга,
Чоршанбе меҳрубонимга.

Дил қуввати ўғли Достон,
Суҳробжони марди майдон,
Оиласига меҳрубон,
Шукрона айлай борига,
Чоршанбе дўсту ёрига.

Гўзал қизи Соҳибахон,
Дуо қилар Муҳибахон,
Ўғлишоди дейди хандон:
Таъзим дадажонимизга,
Шаънимизу шонимизга!

Ўтмишдан келар бир нидо:
Чоршанбедан барча ризо!
Ёзавер, Искандар Мирзо,
Кўз тегмасин, деб ёшига,
Омонлик тилаб бошига.

“Боракаллоҳ, Ҷони Оча! Аз дилу ҷигар навиштаӣ, бачем!”

– Раҳмат, Очаҷон... Худатон ҳам медонед, ман ба услуби бахшиёна менависам... Аз ман дигар чӣ мемонад...

“Ин хел нагӯй, шоиракам. Аз ту мемондагӣ чизҳо бисёр... Ба додарконат меҳрубон бош, Ҷони Оча. Эраличон аз мамлакати хунук омад?”

– Ҳа, омад, Очаҷон... Сиҳату саломат ба сари бачаҳош...

“Худоро шукр, ҳазор бор шукр. Умедҷону Умарҷонам аз ту хабар нагиранд ҳам ту аз онҳо хабар гирифта ист... Илоҳо, ҳамаи шумоёнро дар паноҳи исматаш нигаҳ дорад, Ҷони Оча...”

## X

– Салом, Очаҷон!

“Салом, Ҷони Оча! Дуохони Оча! Бачакот нағзанд? Набераҳоят чӣ хел?”

– Худоро шукр, гаштенд. Ҳамаашон хубанд...

“Барои чӣ табъат гирифта аст, Ҷони Оча? Тинҷист?”

– Тинҷӣ, Очаҷон, тинҷист... Имрӯз аз Сайроб мегузаштам, як сари қадам қабристонаш гузаштам, як бародари азизам буд, сари қабраш нишаста дуои фотиҳа хонда омадам. Хотираҳоям зинда шуд. Гузаштаҳои хубе буд...

“Кори ниҳоят хубе кардӣ, Ҷони Оча. Ҳар вақт гузаштагонро зиёрат карда истодан лозим... Он бародарат, ки мегӯӣ, кӣ буд?”

– Худораҳматӣ акаи Абдусатторам... Абдусаттор Ҳасани Сайробӣ...

“Гап зан, бачем, дилатро холӣ кун...”

– Медонед, Очаҷон, Сайроб деҳаи хушманзара, хушбоду ҳавост. Ба қавли шоир  Сайроб бо моҳию бо Чашмааш, бо ҳафт мазори азизаш поянда аст. Бузургони зиёдеро дар оғӯши худ парваридааст ин деҳа. Моҳиёни тиллоияш, Чанори куҳансолаш аз таърихи ҳазорсолаи он ҳикоят мекунад. Абдусаттор Ҳасанов низ зодаи ҳамин деҳистон буд.  Солиёни дароз дар соҳаи савдо кор кард. Бо вуҷуди ин ба адабиёту фарҳанг наздик буд. Шоирони классикро дӯст медошт. Аз ҳама бештар   тасаввуфро railеписандид. Хайру саховат, ҳалолкорӣ, бо эътиқод будан пешаву андешааш буд. Шеър ҳам машқ мекард. Пайваста меомӯхт. Хабару мақолаҳояш дар рӯзномаҳои ҷумҳуриву вилоятӣ интишор меёфт. Солҳои зиёд раиси Маркази фарҳангии тоҷикони вилояти Сурхондарёро ба ӯҳда дошт. Ӯ пуштибони фарҳанг, адабиёт буд...

“Шаъну шараф бод ба модаре, ки чунин фарзанди асилу доноро дар як деҳаи  кӯчаки Сайроб ба дунё овардааст. Шаъну шараф ба қиблагоҳи бузургвори ӯ, ки дар як деҳаи сангини чашмаоб барои соҳибкасбу пурифтихор гардидани фарзандон, барои онҳоро ба пояҳои баланди зиндагӣ расонидан заҳмат кашидааст...”

– Ҳа, Очаҷон, Абдусаттори Ҳасан бародари ба дил баробари ман буд, фарзанди барӯманди деҳаи Сайроб, фарзанди асили Сурхондарё буд... Номи неки ӯ абадулабад зинда хоҳад монд. Аҳли адабу фарҳанги воҳаи Сурхон то ҳол бовар надорад,  ки ӯ моро тарк кардааст. Сафари бевақти ӯ аҳли қалами воҳаи Сурхонро  сахт мутаассир сохт. Зеро ҳамаи тадбирҳои адабӣ, шабҳои эҷодӣ бо иштирок ӯ  мегузашт. Гузаронидани тадбирҳо, базмҳои солинавӣ, шаби эҷодии профессор Аҳмад Абдуллоев, даву тозҳо барои кӯчонидани рӯзномаи “Садои

Сурхон” аз Деҳнав ба маркази вилоят – шаҳри Тирмиз, ташкили барномаҳои телевизонӣ дар дохили Телерадиокомпанияи вилояти Сурхондарё, баланд бардоштани маданияту маърифати мардум ва дигар корҳои хайри ӯ ба манфиати халқу Ватан буд. Барои мустаҳакам намудани дӯстиву бародарии ду халқи бародар – ӯзбеку тоҷик саҳми муносиб гузошт. Солҳои охири зиндагӣ аз имтиҳонҳои ниҳоят сангину ҷиддии тақдир гузашт. Марги бемаҳали ҳамсари ғамхораш, марги фарзанди ҷигарбандаш Шуҳратҷон, баъд марги бародари ба ҷону дил баробараш Абдуҷаббор Ҳасанов қомати ӯро хамида сохт. Вале бо вуҷуди ин ба омӯхтану омӯзонидан ва ба анҷом расонидани корҳои хайру амалҳои нек камарбаста буд. Корҳои ҷовидонаи ӯ борҳо аз тариқи радиову телевизион, рӯзномаҳои “Овози тоҷик” ва “Садои Сурхон”, инчунин, матбуоти хориҷӣ пайваста ба табъ расиданд. Бо ин ки иқтисоддон буд, ба адабиёт завқу шавқи беандоза дошт. Давраи шоирону нависандагонро бо ҷону дил мепазируфт. Аз ҳама муҳимаш, таърихи гузаштагон, таърихи адабиёту дину диёнатро бо меҳру муҳаббати беандоза меомӯхт. Дар хонаи ӯ тамоми маърифатпарварони кишвар меҳмон шудаанд. Ҳамаи онҳо аз сӯҳбатҳои пурмаънои ӯ баҳра гирифтаанд. То метавонист, ба мардум ёрдам медод. Барои тарғиби ашъори эҷодкорони тоҷик ва матбуоти он хидматҳои арзанда кард. Ёд дорам, ҳангоме, ки бори аввал ба зодгоҳи рӯзноманигор Солеҳи Муҳаммадҷон ҳамроҳ мерафтем, мардум пиёдаву савора ва қариб панҷ-шаш километр аз мавзеъ баромада ба пешвози ӯ омада буданд. Онҳо ӯро аз ҷону дил пазируфтанд. Сӯҳбатҳои тӯлонӣ то дергоҳ ба одамон таассуроти калон боқӣ гузошт... Ҳар гоҳ ки

сӯйи деҳи Сайроб раҳсипор мегардам, гӯё деҳа дигар бароям файзу таровате надорад. Қабри ӯ, қабри оилаи мӯҳтарамаи ӯ – Сабоҳат бибӣ, фарзанди номуродаш Шӯҳратҷонро зиёрат мекунам, ба сари қабри бародари азизаш Абдуҷаббор Ҳасанов  меоям. Ояҳо аз Қуръон тиловат мекунам. Илоҳо, Аллоҳ  таоло  охирати онҳоро обод гардонад. Сӯйи хонаи падараш роҳ пеш мегирам, раҳораҳ ба масҷиде, ки ба туфайли инсонҳои бузурги Сайроб ба мисли ӯ ва дигарон обод гардидааст, медароям. Дареғ, ки  мисли ӯ инсони хуби деҳа Ҳайитқул бобо Муҳаммадиев   ҳам барои ободкории деҳа хидматҳои зиёд намуду умр вафо накард. Онҳоро ёдовар мешавам. Бар рӯйи он гилему қолинҳое, ки баҳри масҷид ҳадя намуда буд, қадам мемонам. Дар он ҷо нақши пойҳои ӯро меҷӯям. Дар хонаи тозаи чанорҳо нафаси ӯро мебӯям. Ба обҳои шаффофи чашмасор нигариста, умри пурмазмуни бародари азизамро  эҳсос мекунам. Ба гирду атроф нигаҳ карда он қомати расову рӯйҳои аз табассум шукуфони бародарамро меҷӯям. Оҳиста ба хонаи падараш мегузарам. Ба дару деворҳо дида медӯзам. Давраи кӯдакӣ, бачагии ӯро пеши назар меорам. Ҳӯ, ана  дар он пастхамӣ бародарам зимистонҳо барфбозӣ мекард. Ба девори хона  расми базеби ӯ овезон монда. Ба дару тиреза ба ҷойҳои паҳлӯ зада нишастааш менигарам: ӯ нест. Аз бешафқатии ҳаёту тақдир ба дод меоям. Вале шукри Худо мекунам ба аҳли хонаводаи ӯ, хешовандони ӯ.  Аллоҳ ба ӯ тамоми хурсандиву  шодиҳоро бахшид. Дар баробари ин дарду ғуссаву озорҳо ҳам фиристод. Вале вай сабурона ва шокирона  мегуфт: Худо яккаву ягона, Худо бахшанда аст. Ба ҳар рӯзи сафед кардааш, ба ризқу рӯзии додааш, ба ғаму шодии фармудааш, бояд

шукр кард. Бисёр такрор мекард: Шукр кардан инъоми Худост... Оҳ, бародари дардманди ман!

Вай ҳамеша шукр мекард ва ҳангоми хондани шеъри "Хаёолот", ки худ иншо намуда буд, дар рухсораҳояш ашк мешорид:

Мизбон будам, меҳмон шудам,
Мӯсо будам, чӯпон шудам.
Гар хоб будам, бедор шудам,
Аз хӯшае хирмон  шудам.

Абре будам, борон шудам,
Аз дидаҳо пинҳон шудам.
Будам ҷавону пир шудам,
Бе кас ва бесомон шудам.

Аз кору аз кирдорҳо ,
Аз ёру аз ағёрҳо,
Аз таънаи беорҳо,
Безори номардон шудам,
Безор шудам, безор шудам.

Аз хотирам ҳеҷ фаромӯш намегардад рӯзҳое, ки ҳофизи номӣ Ҷӯрабек Муродов дар хонадони мубораки ӯ меҳмон буд, ҳамзабонон аз сурудҳои дилангези ӯ кӯҳ-кӯҳ таассурот мегирифтанд. Шодиву хурсандии ҳамзабононро ҳадду канор набуд. Ҳеҷ фаромӯш намегардад лаҳзаҳое, ки меҳмонон аз кишварҳои дуру наздик меҳмони хонадони ӯ мегаштанду ба фазлу дониш, меҳмоннавозиҳои ӯ қоил монда изҳори миннатдорӣ мекарданд. Овозхони варзида Суҳроб Дадоев шеъри "Падарҷон"-и

ӯро ба оҳанг дароварду сурудаи ӯро нашунида марг ӯро ба хонаи худ бурд...

Оре, Очаҷон, Абдусаттори Ҳасан воқеъан инсони асиле буд. Вай замоне дар вазифаҳои масъул фаолият нишон дод. Солҳои охир дар баробари раиси комбинати Гормортранс будан панҷ сол раёсати Маркази фарҳангии тоҷиконро идора кард. Бо сарварии ӯ маркази фарҳангӣ таъсис гашта буд. Афсӯс, ки ин марказ имрӯз мисли пешина фаъолият надорад... Замоне бо сарварии ӯ дар мактаби рақами 14-и Тирмизшаҳр синфҳои тоҷикӣ ташкил гардида буд... Эҳ, бародари нокоми ман! Корҳои хайри ӯ ҳамчун Чанори сабзи Сайроб поянда аст. Ёди ӯ мисли қуллаҳои Сайробкӯҳ абадист. Илоҳо, охираташ обод, рӯҳаш шод бошад! Дар маъракаи ӯ аз ҳама дӯсти беҳтаринаш Истам ака Кӯсаев лаҳзаҳои ҷонсупориашро нақл карда гуфт, ки мо ӯро ба касалхона мебурдему ӯ зери лаб як шеъри худаш навиштаро замзама мекард:

Дар ин дунё Худо дорам,
Дар он дунё Худо дорам.
Ба имонам макун осеб,
Ки ман рӯ бар дуо дорам.

Ба ду дунё чу сарвар ман,
Муҳаммад Мустафо дорам.
Абӯ Бакру Умар, Усмон,
Алии босафо дорам.

Чӣ ғам дорам дигар, ёрон,
Ки ман аршу само дорам.

Нагӯедам, ки танҳоям,
Худо  дорам, Худо дорам.

“Эҳ, Ҷони Оча, ин гуна инсонҳо, ки бо корҳои савобашон дар дили мардум ҷо шудаанд, одамони ҷаннатӣ дониста мешаванд...”

– Ҳа, Очаҷон, бародари азизам Абдусаттори Ҳасан одами ҷаннатӣ буд...

## XI

– Боз омадам, Очаҷон!

“Омадӣ, Ҷони Оча? Биё, чанд дақиқа пойи қабрам нишин. Як тиловат кун......Раҳмат, Ҷони Оча, илоҳӣ барака ёбӣ!”

– Оча, Очаҷон...

“Шуд, шуд, Ҷони Оча! Ин қадар худата обу адо накун...”

– Бубахшед, Модарҷон! Натавонистам бори охирин, дар нафасҳои вопасин назди Шумо бошам, рӯю мӯйи Шуморо навозиш кунам. Ҳама, ҳама ҳавои болои деҳаро рӯфта бароятон меовардам. То ки нафасатон канда нагардад... Чӣ кунам, дидор ба қиёмат монд...

“Ин хел нагӯ, Ҷони Оча, ман ҳамеша бо туям. Як лаҳза ҳам аз ту ҷудо нестам...”

– Оча, Очаҷон, медонед, деҳа бароям азиз аст, бисёр... азиз. Вале... Чӣ гӯям, ки дардам гарон аст... Номае навиштаам, то дардам андаке сабук гардад. Вале беҳтар, ки ба Шумо...

“Хез, Ҷони Оча, саратро баланд бардор ва ба дуриҳо нигоҳ кун. Ин номаро, ки мегӯӣ, ба ман хонда доданат шарт нест. Корот монда наравад, дер накун, хез, бачем!”

– Хӯб, Очаҷон... Ана, номаро қат кардам, аз он заврақчае сохтам... Мебарам ва ба оби Тургон меандозам... Бигузор, мавҷҳои Тургон замзама кунанд:

*“Эй кӯҳҳои сар бар фалаки Дарбанд! Эй боғистонҳои зебо, дашту даманҳои фарохи Сангчил! Эй ҳавои тозаи Деҳи Сурхӣ! Эй боди форами Қапчиғай! Оё шумо то назди МОДАРАМ вазида натавонистед, ки аз ҳавои шумо МОДАРАМ нафас гирад?*

*Шумо куҷо будед, бодҳои дарёгарди Тургон?! Наход як сари қадам дар гирди сари МОДАРИ бечораам навазидед?! Аз ҳолаш хабар нагирифтед?! Охир, ман аз дуриҳо МОДАРАМро ба шумо супурда будам! Магар ман содиқтарин ошиқи шумо набудам, эй бодҳои бевафо?!*

*Эй зиёратгоҳҳои Уштурсангато, Хурдаки Худкор! О, Мазори Оғ! Чаро, чаро ба ҳифзи ҷони МОДАРАМ шитоб накардед?! Магар ман ҳамеша ташнаи зиёрати шумо набудам?! Магар ман хоки шуморо ба чашмонам тӯтиё намекардам?!*

*Эй сангҳои Оқина! Чаро ба по нахестед?! Чаро сангборон накардед ҷаллодони Маргро?! Магар ман сари шуморо ҳамеша сила намекардам?!*

*Эй дарёи шӯхтабъи Тургон! Замони баччагӣ, ҳангоми баҳорборон наъраҳо ва ғурришҳои мастонаатро мешунидам, меҳаросидам. Чаро, чаро шӯриш набардоштӣ, то Марг аз пушти сари МОДАРАМ нагузарад. То хонаамон наояд.*

*Шумо куҷо будед, посбондарахтҳо?Чаро бо шоху баргҳо роҳи Маргро банд нанамудед?Магар ман дилдодаи шумо набудам?Магар ман ширинтарин хаёлҳои баччагиамро бо шумо баҳам надидам?!*

*Ту куҷо будӣ, эй шамоли бевафо?! Чаро ба барқу тӯфон табдил наёфтӣ?! Нарӯфтӣ бадгуҳарро. Магар*

*ман варракҳои сохтаи худро барои дилхушиҳоят ба оғӯши ту намесупурдам?! Акнун бар сари ман наваз! Дур шав аз ман!*

*Аз шумо розӣ нестам, дастакҳои дар! Шумо бо чашм дидед, ки бевафое, нохалафе ба шумо чанг мезанад. Чаро канда нагаштед? Охир, ман худам шуморо бо меҳр он ҷо насб накарда будам?! Чаро, чаро Марг тавассути шумо дарро бикушод?*

*Эй дегу табақчаҳои тоқча! Аз шумо норозиям, чаро пора-пора гашта чашмҳои Маргро кӯр насохтед, то он МОДАРАМро наёбад?*

*Кӯрпаву кӯрпачаҳои дӯхтаи МОДАРАМ! Лоақал шумо бояд содиқ мемондед. Охир, шуморо МОДАРАМ озор намедод. Агар нишастанӣ шавад, лаби шуморо чаппа карда сонӣ менишаст. Шуморо эҳтиёт мекард... Чаро шумо Маргро напечидед? То ки ба ҷойи модарам ӯ фавтад.*

*Эй вассаву болорҳои хона, шумо хуб медонистед, зеро МОДАРАМ тамоми ормону орзуҳои худро ба шумо мегуфт. То ғалабаи хоб бо шумо ҳасрат мекард, ба шумо менигарист. Наход, шумо ба мадади ҷони МОДАРАМ даст дароз накардед?! Ба сари Марг гурзи гарон накӯбидед?. Охир, шуморо МОДАРАМ ҳар ҳафта аз нопокиҳо пок мекард.*

*Эй гаҳвораи чӯбин! Ман домангири туям, магар натавонистӣ Маргро дар дилат ҷой дидҳӣ, дасту пояшро бандӣ? То ки ба МОДАРАМ наздик нашавад. Ӯ шояд алла гуфта ӯро мехобонд. Шояд ба ман хабар мерасонд, ки Марг ба суроғаш омадааст ӯро бурданист...Чаро, чаро ӯро гузоштӣ, ки ҷони МОДАРАМро ситонад?*

*Эй ресмонҳои бофтаи МОДАРАМ! Норозиям аз шумо. Чаро дар кунҷи хона чун кару гунг мондед? Чаро ба гардани Марг ҳалқа нагаштед? Ӯро напечидед?!*

*Чаро,чаро, чаро... ?! Шояд ҳама тарсидед, эй тарсончакҳои бевафо! Эй тарсуҳои гунгу карахт! Ман аз ҳамаи шумо норозиям. Як умр домангири шумоям. Зеро ягона меҳрубони ман, МОДАРИ ҶОНИ МАН, МОДАРИ ҒАМГУСОРИ МАН дар канори шумо, дар пеши чашми шумо ҷони ширини худро биспурд...*

*МОДАРАМро аз ман рабудӣ, ҳаргиз туро намебахшам, эй*

*Ма-а-р-г!*

*Ҳар-ги-з ту-ро на-ме-бах-ша-а-м, эй Ма-а-а-р-г!*

## XII

"Чаро ин қадар навҳа мекашӣ, шоиракам? **Магар ту Ҷони Оча нестӣ?"**

**– ...**

"Ҳастӣ, дуруст? Агар Ҷони Оча, яъне, ҷони ман ту бошӣ, пас, ман зиндаам. Бо ту, дар дили ту, дар рӯҳи ту, дар дилу ҷони хоҳарону бародарони ту, дар дили бачаҳои ту, набераҳои ту зиндагӣ мекунам, гарангакам! Магар дар рангу рӯйи хоҳарат Ҳилола симои мана намебинӣ? Магар духтараkони Самандарҷону Умедҷону Умарҷон ба ман монанд нестанд? Ин қадар худата беҳуда азоб надеҳ, ин қадар ғусса нахӯр, ман намурдаам, бо шумоён зиндаам, Ҷони Оча!"

# БӮЙИ ХАЁЛ

*Ҳикояҳо ва ҳаҷвияҳо*

# ДАРАХТНИКОҲ

...Ӯ печутоб мехӯрд. Нолиши ҳазин мебаровард. Ӯро дар хоб ҳаяҷоне буд. Ана, марде барзангӣ ба тарафи ӯ меояд. Ба ӯ даст меёзад... Нияташ бад... “Не-не!”, муқобилият нишон медиҳад духтар...

Сафира дод зада аз ҷой бархост.Тану баданаш меларзид. Пайкарашро арақ зер карда буд. Модар пешонии ӯро пок кард. Панҷаҳояш болои рухсораҳои сап-сафеди духтари ҳаждаҳсолааш меҳрубонона мелағжиданд.

– Ин қадар безобита печу тоб хӯрдӣ, нолиш кардӣ, духтарам. Чӣ шуд? Ягон ҷоят дард мекунад?

– Не, модарҷон, ҳамту хоби ғафлат бурдааст. - Гиребонҳои куртаашро рост карда аз ҷой бархост Сафира.

Рӯз аз нисф гузашта ва ҳарорати ҳаво ҳамоно баланд буд. Баъд аз рафтани меҳмонон меҳмонхона як макони ҳузнангезро мемонд, бесаришта буд. Сафира хонаҳоро ба тартиб овард. Рӯзи гузашта ӯро ба писари хешованди падар фотиҳа карданд. Гуфтанд, ки баъди як моҳ никоҳ мекунанд.Тӯйи ногаҳонӣ ӯро ба ҳаяҷон оварда буд. Хурсанд буд. Бо тӯдаи хаёлҳои сафедабр хона даромада ба мизи дарстайёркунии падар нишаст.

Чашмаш ба рӯзномаи фарсудае бархӯрд, ки падараш ҷо-ҷо матлаберо хат кашида буд. Таронаи ширине хонд аз рӯзнома:

*“Ай роҳзанҳои ишқ! Қуфли хобгоҳи орзуямро бишикастаед. Дар он пароканда гашта парастуҳои ишқ. Сабзаҳои нола сар мекашанд дар замини нокомӣ. Ҳарчанд ҷо-ҷо гулҳои армон дар ин сарзамин шукуфтаанд, ҷовидонӣ нестанд. Онҳоро шамоли интиқом решакан мегардонад”.*

Рӯзи фотиҳатӯй ӯро “ба чашми қудоҳо нанамо”, гуфтанд. Ӯ бо хоҳаракаш Ҳамела чорвояшонро ба чарогоҳ бурд. Бо кӯдакони деҳа хуб бозӣ карданд. Сафираро худ аз худ хандааш омад. Имрӯз тӯйи фотиҳаву ӯ кӯдаквор дар талу теппаҳои Питаву Толлӣ бозӣ карда гаштааст. Бо хаёлҳои ширин кӯдакона дар соҳили чашмаи Бобасӣ нишаст. Бачаи аммааш Шодрӯз бад не. Табиатан шӯх аст. Ҳар гоҳ, ки хонаашон меомад, бо Сафира албатта, вомехӯрд, ӯро механдонд. Аз он айёми беғубори бачагӣ солҳо гузаштааст, ҳоло ба камол расида ва баъд аз як моҳ бо ҳазор орзуву умед бар як болин сар мегузоранд...

Хаёлҳои пиёдаи Сафира дергоҳ ҳамроҳи ёди писари аммааш дар боғи орзу сайру гашт кард. Худ намедонист, дилаш аз эҳсосоти фараҳангез гум мезад. Ба чашмонаш ҳама чиз зебо ва гуворо метофт. Ӯ ташнагиро ҳис кард. Хам шуда дасташро ба соҳили ҳамвори чашма гузошту чашмашро пӯшида то шикасти ташнагӣ об нӯшид...

Сафира сайругашти дирӯзаро ба ёд оварда, муддате ғарқи хаёлҳои ширин шуд. Хаёлан худро дар назди Шодрӯз тасаввур кард. “Бо Шодрӯз, албатта, хушбахт мешавем, агар фарзанди нахустинамон писар шавад, Комрон ном мегузорем, агар духтар шавад, Сафина...” - аз дил гузаронд Сафира. Аз ин орзуву ниятҳо дар лабонаш табассум гул кард, чашмаш ба ойина афтоду акси худро дида шарм намуд... Ногоҳ даруни шикамаш чизе ҷунбид. Ин ҳолат аз дирӯз боз зуд-зуд такрор мешуд. Сафира ба таҳлука афтод, давида берун баромад, чашмонаш бо ҳарос модарашро меҷустанд:

– Оча, оча!

– Ҳа, духтарам?

– Оча, аз дирӯз боз даруни шикамам чизе меҷунбад! - омада лаби суффа нишаста ба модараш, ки матоъҳои овардаи қудоҳоро тахт мекард, арз кард Сафира.

– Чӣ гуфтӣ?! - якбора овозашро баланд кард модар. - Э мон-е, ин гап ба духтари қадрас намезебад... Ё ягон гапи дигар ҳаст? – Хавотиромезона изҳор кард модар. - Охир, рангу рӯят ҳам кандагӣ, чӣ шуд, чӣ кор кардӣ?! Вой, пешонем дар гӯр!

– Оча, барои чӣ ин хел мегӯед? Ҳеҷ кор накардам. Худам ҳам намефаҳмам, чӣ шуд...

Модар хавотир шуд. Лаб газид. Намедонист чӣ кор кунад... Сафира аз хӯрок сер намешуд. Торафт худро noроҳат ҳис мекард. Ҳамин ки гушна монд, шикамаш сахт ба дард медаромад. Даруни шикамаш гӯё чизе меҷунбид. Рангу рӯяш рӯз то рӯз меканд. Ниҳоят, дард тоқатфарсо шуду Сафира боз ба модар арзи дил кард:

– Оча, очаҷон, бовар кунед, даруни шикамам чизе меҷунбад...

– Духтарам, ростеша гӯ, чӣ гапай? Чӣ шуд?!

– Намедонам, ҳамин ки гушна мондам, дар шикамам чизе меҷунбаду аъзои баданам дард мекунад...

– Оҳ, хокам бар сар! Фаҳмонда деҳ, чӣ шуд?!

– Намедонам, оча... Вой, вой, очаҷон, шикамам сахт дард мекунад. Ба ман чӣ бало шуд? Ягон илоҷ кунед. Вой, мемурам! - Фарёдҳои духтараш дили холаи Сабзагулро реш-реш мекард. Аммо лаб мегазид. Дардашро ба кӣ гӯяд, чӣ гуна гӯяд?

Сафира ду дасташро болои шикамаш гузошта ду қад мешуд. Шикамашро молиш медод. Ҳамин ки сер шуда хӯрок хӯрд, шиддати дард каме пасттар мешуд. Дар як ҳафта рангаш заъфарон, беҳолу бемадор шуда буд...

Дар байни мардуми деҳи Сесанга эътибори холаи Сабзагул калон буд. Ихлосмандоне, ки ба зиёрати мазори Оғ меомаданд, албатта, як сари қадам ба хонаи хола омада ҳолпурсӣ карда, мерафтанд. Қоматкӯҳ буд хола. Пешонии ожангҳо пай гузоштааш аз азобу ситамҳои зиёд кашидааш дарак медод.

– Ғаму шодӣ ҳамроҳ мегардад, гуфтаанд, рост будааст,- кӯрпачаҳои сари суффаро афшонда худ ба худ гап мезаду мегирист модар.- Ин чӣ гап, ки духтари сиҳатам ба дарди ногаҳонӣ гирифтор шуд? Ё Оллоҳ, боз чизе дар шикамам меҷунбад, мегӯяд. Ё бо ҳамин писари ҳамсоя, ки гоҳ-гоҳ ҳамроҳ молбонӣ мерафт... Худоё, шарманда накун!

Найзаҳои хавотир дили модарро ба нишон мегирифт. Дар гирдоби гумон ҳам меафтод. Ба падараш гӯяд, ба бало мемонад... Ба духтур барад, ба мардуми олам чӣ мегӯяд? Духтари қадрасашро духтур ба духтур кашола карда гаштааст, гуфта гапу калоча мекунанд. Бар замми ин духтари фалончӣ як ҳафта пеш аз тӯй касал шудааст, дарунаш чизе меҷунбидааст, гӯянд, иснод-ку! Шарманда мешавад. Охир ба мардуми деҳа гап бошад, шуд. Дониста-надониста ба ҳазору сад тахмин мераванд. Гапҳои маломатомез мебофанд. Тӯй намешуд ҳам гапи дигар буд... Модар дар иҳотаи хаёлҳои бесару нӯг баромада наметавонист. Тафсилоти аҷали ногаҳонии фарзанди калонаш Ҳайдар ба ёдаш расид.

...Ҳайдари ҳафтсолаи шӯх бо бачаҳои ҳамсоя ҳамеша бозӣ мекард. Гарчанде аксар аз ӯ калон бошанд ҳам зӯриашро ба онҳо мегузаронд. Онҳо вайро дар бозиҳояшон ноилоҷ сардор таъин мекарданд. Рӯзе баъд аз чошт ӯро сахт таб гирифт. Баъди чанде сип-сиёҳ қай карду беҳол гашт. Падар шабҳангом рафта муллои деҳаро оварда хононд, таъсире накард. Табибон низ илоҷе карда натавонистанд. Субҳгоҳон Ҳайдар дар рӯйи дасти падару модар ҷон дод. Дертар сababи марги Ҳайдар маълум шуд. Бачаҳои калонсоли ҳамсоя ба ӯ кунҷид гӯён тухми растании ёбоии банги девонаро хӯронда будаанд. Аз ин воқеа солҳои зиёде сипарӣ шуда бошад ҳам, то ҳол модар аз ҳамсолони Ҳайдар дар ормон аст.

Модар як ларзид. "Наход, духтарам ҳам?" Дилаш сустӣ кард, беҳол шуд. Торикӣ фаро мерасид, аз шавҳараш дарак набуд. Ниҳоят худро ба даст гирифта роҳи хонаи Салим табибро пеш гирифт...

Салим табиб дарди шиками Сафираро муайян карда натавонист. Дар охир маслиҳат дод, ки як-ду рӯз парҳез кунад, бо як пиёла асалчой ва як бурда нон қаноат намояд. Рӯзи дуввум ӯ аз гушнагӣ  батамом нороҳат шуд. Вале тоқат мекард. Нисфи шаб. Боз то саҳарӣ бояд хӯрок нахурад. Падару модар аз шиддати ору номус ӯро ба беморхонае, ки қариб 150 фарсах аз деҳот дур буд, набурданд... Сафира аз шиддати дард печутоб мехӯрд. Нолиш мекард. Гӯё дилу гурдаи ӯро майда-майда карда чизе мехӯрд. Ниҳоят аз ҳуш рафт. Модар гумон кард ӯро хоб бурд ааст. Субҳгоҳон Сафира ҷон дод. Калтакалосе, ки ҳангоми обнӯшӣ аз чашмаи Бобасӣ номаълум аз даҳонаш фурӯ рафта буд, меъдаву рӯдаҳояшро батамом хӯрда, шикамашро сӯрох карда ва ниҳоят, баъд аз чанд рӯз берун баромада буд. Саҳарӣ, ҳангоме ки модар аз болойи ӯ кӯрпаро бардошт, калтакалоси аз калтакалосҳои муқаррарӣ як каме калонтар, варамкардаи карахт дар бари Сафира оғуштаи хун мехобид. Калтакалос зинда буд. Модар ба ваҳшат афтод. Сару мӯ меканд ва девонавор худро ба чор сӯ мезад...

Ҳама ҳамдеҳагон аз ин фоҷеаи нобаҳангом гиребон доштанд. То рӯзи никоҳи Сафира ҳамагӣ бист рӯз монда буд. Ҷасади ӯро бо дарахти калони сари роҳ никоҳ бастанд. Муллои деҳ аввал ақди никоҳ карда, баъд ҷаноза хонд. Чунки дар деҳа одате буд: агар духтари қадрасе қазо кунад, беникоҳ ба хок намесупурданд...

# ШИШАИ НОМУС

*“...Издивоҷ кардем.[42] Хушиҳои зиндагӣ дар вуҷудат намегунҷид. Аммо шаби дуввуми хонадорӣ тамоми хушаъзоҳои пайкарам мотам гирифтанд. Пурсидамат. Забонат гунг буд, суолам беҷавоб монд. Дар рӯйи диёри мардумакҳои чашмат ашк бозӣ мекард. Аз ҳамон лаҳза ҷону пайкарам ба кӯҳи армон табдил ёфт. Бароям рӯзҳо сафед наменамуд. Ту худро назди падару модари ман хурсанд ва хушбахт вонамуд мекардӣ. Ба ваҳшат меафтодам. Аз ту ҳар чӣ зудтар роҳи халосиро меҷустам....”*

Сафо қаламашро бо панҷаҳояш бозӣ дошта аз хона берун баромад. Аз ҳавои шомгоҳи деҳа нафаси тоза гирифт. Муддате ба теппаҳои барфолуди кӯҳи Чӯлбайир чашм дӯхт. Саримаски зебоманазарро тамошо кард. Айёми беғубори бачагӣ ба ёдаш расид. Дилаш вайрон шуд. Беихтиёр дар чашмонаш ашк ҳалқа зад. Оҳиста хона даромаду боз паси мизи корй нишаст.

*“... Ба гуноҳат пурра иқрор шудӣ. Аз хона пеш карданӣ шудам. Мегиристӣ. Бахшиш мепурсидӣ. Ошкор гардидани айбатро намехостӣ. Ҳатто: “Маро бикуш, аммо гуноҳамро ошкор насоз” - гуфтӣ. Гӯё дар замину осмон бароям маъвое намеёфтам. Дунёи васеъ ба назарам тангу торик шуда буд. Дилам мотамсаро гардида буд. Аз тамоми мавҷудоти олам имдод меҷустам. Аммо ку роҳи имдод?!*

*Аз Тошканд кӯч баста омадем. Падару модари деҳотии ҳайратзадам аз ин ба таҳлука афтоданд. Зеро то интиҳои таҳсилоти олӣ боз як соли дигар монда буд. Нарафтам. “Бачем душворӣ накашад”- гуфта туро ҳамроҳи ман ба Тошканд фиристода буданд. Барои*

[42] Издивоҷ кардан – хонадор шудан.

*бартараф кардани шубҳа нахустин бор онҳоро фиреб додам. Гуфтам, ки "арӯс бояд 3-4 сол хизмати хусуру хушдоманашро кунад". Аз шӯру исёни дилам танҳо ту огоҳ будӣ. Ту андармони кори хона, падару модарам пайи воқифии асрори рафтори ман, ман пайи зудтар аз ту ҷудоӣ..."*

Сафо қаламашро сахт ба миз зада аз ҷой хест. "Намеразад ба навиштан" - ғур-ғур кард ӯ. Рафта ба курсии нарм, ки падараш пеш аз тӯй харид карда буд, нишаст. Пояшро дароз карда ва ду дасташро ба гардан гузаронда дуру-дароз ба шифти хона чашм дӯхт. Боз дар пеши назари ӯ лаҳазаҳои тӯй падидор гардиданд. Сафо сарашро бо панҷаҳояш сахт зер кард. Худро тасаллӣ доданӣ шуд. Сипоҳиёни андешаро ба як ҷо ҷамъ кард. Акнун хуни қалам ба рӯйи сафҳа мерехт, гӯё аз рӯзгоре, ки басе ҳам пурпечутоб буд, ба коғаз нақш мегузошт.

*"... Аз байн панҷ моҳ гузашт. Аз рӯйи урфу одат падару модари ту моро "рӯкушод" карданд. Роҳӣ шудем. Манзараҳои дилфиреби Сангчилу Човдӣ, Биргабиру Сари бозор паси сар шуд. Автобуси зардчатоб, ки аз зиёдии мусофирон наъра мекашид, базӯр ба баландии Зовхона баромад, Он тараф роҳ ҳамвор. Ҷони нооромам дар фазои андеша нороҳатона сайру гашт дошт. Танҳо пайкарам бо ту мерафт. Аспи даванди хаёлам дар майдони номус ҳалолӣ меҷуст. Дар манқали андешаҳоям хору хас яксон месӯхт. Дар бешазори дилам шербаччаҳои ғурур бовиқор меистоданд...*

*Вақте, ки автобус ба маркази Сариоб расид, туро дарди сахт гирифт, дарди таваллуди кӯдак. Беморхона бурдамат. Тавалло кардӣ, ки ҳарчӣ зудтар модаратро аз Шербод рафта биёрам. Ба падару модари худам хабаре нарасонда филфаврр роҳи Шерободро пеш гирифтам. Модарат ин "хушхабар"- ро шунида гӯё*

*дар куртааш намегунҷид. Гӯё рӯзу соати ҳомиладории туро медонист, ки якбора “чӣ таваллуд кард”- гӯён аз ман пурсид...”*

Сафо қаламашро ба рӯйи дафтар гузошту аз ҷой хест. Назди тиреза омада ба берун чашм андохт. Дар ҳавлӣ ҳеҷ кас наменамуд. Дубора ақиб гашта омада ба нармкурсӣ нишаст. Хост, ки каме истироҳат кунад. Лекин хотираҳо ӯро ором намегузоштанд. Ёди он рӯзҳои наҳс вайро ба гирдоби худ кашид.

– Ака, хӯрок овардам - овози форами хоҳараш Шамима ӯро аз чанголи хаёлҳои бесару нӯг раҳо сохту пояшро ғундошта хамёзаи дароз кашид. ҳарду каме хомӯш монданд.

– Ака, янгаам тамоман аз хонаамон рафтанд магар, шаб ҳам шуд, наомаданд? - нимдастурхонро дар гӯшаи мизи кории бародараш паҳн карда истода оҳиста боз лаб ба сухан кушуд Шамима.

– Ҳа, кошкӣ, батамом рафта бошад. - лаб хоид Сафо. Боз хоҳараш чизе пурсиданӣ буд, ки ӯро коҳид. Шамима баромада рафт. Сафо ҳавсалаи хӯрок хӯрдан ҳам надошт. Барои он ки ба хоҳараш сахт гап зад, пушаймон шуд. Боз ба андешаи  бесару нӯг ғӯтавар шуд. Чӣ қадар вақт гузашт, дар ёд надорад. Аз бисёр фикр кардан асабҳояш таранг шуд магар, Сафо як оҳи бадард кашиду барои он ки аз андешаҳои бесару нӯг раҳоӣ ёбад, аз ҷо хест. Аз ҷевон ҳуҷҷатҳояшро  гирифта такурӯ кард. коғази даркориашро гирифта  рӯи миз монду ҳуҷҷатҳоро тахт карда ба ҷояш гузошт. Ҳис намуд, ки сараш  сахт дард карда истодааст, ду дасташро ба ду чаккаш гузошта сарашро хаму рост кард. Ин кор ҳам самара надод магар, боз аз алам ба дафтар часпид.

*“... Ҳангоме, ки  автобуси мо ба Ангор наздик мешуд, аллакай субҳ дамида ҳама ҷо чун рӯз равшан шуда*

*буд, бархе аз соҳибхоназанҳои саҳархез аллакай модаговҳоро дӯшида сӯйи чарогоҳ меронданд. Ана, духтараки хурдҷуссае дар даст челаки говҷӯшӣ сӯйи автобуси мо даст афшонд. Маро ҳаяҷони дигаре фаро гирифт. Аз модарат, ки ҳамроҳи ман буду сир бой додан намехост, суол кардам:*

*– Хола, гови ҳомиладорро барои чӣ харид мекунанд?*

*Модарат саросема шуд. Бобои назди мо нишаста саволи маро фаҳмид магар, бо шеваи софи тоҷикӣ ҷавоби саҳеҳ дод:*

*– Ҳа, бачем, барои чӣ мешуд? Гови буғӯза мехаранд, ки ду-се рӯз пас мезояду як оилая бонӣ мекунад. Ширу чакка метияд.*

*Дасту поям суст шуд. Модарат бошад безобита. Дар назарам кӯдаки ширмакеро мемонд, ки аз гушнагӣ дасту по зада ғаш мекард. Ҳангоме, ки бо модарат вориди беморхона гардидам, ҳамшираи пастқомати кулчарӯй бо шеваи хос гуфт: “Себанча тед, хола, апаи Маҳина як баччи барсон борин зоидон”. Деворҳои сап-сафеди бино дар назарам чун ангишт сип-сиёҳ метофтанд. Сарам чарх зада пойҳоям мекалавиданд. Аввалин бор нафаси вазнинро дар ҳамон ҷо ҳис кардам. Чӣ тавр назди сардухтур даромада рафтанамро намедонам. Ба духтур “ мо ҳамагӣ панҷ моҳ зиндагӣ кардем” - гуфтаму халос. Аввал ӯ ҳайрон шуд. Сонӣ як коғазро наздам партофт. “16-феврали соли 1985, соати 14-50. Писар. 3 кг 200 грамм. Солим. Пурра ба қоидаҳои тиб мувофиқат мекунад”. Чӣ тавр берун баромадам, бо кӣ рӯ ба рӯ шудам, дар ёд надорам. Аз кӣ имдод ҷустанамро ҳам намедонистам. Ба по истода натавониста аз шиддати дарду алам меларзидам.*

*Вақте, ки омада ин хабарро ба падару модарам гуфтам, аввал ҳайрон, сонӣ дар тараддуди роҳ шуданд.*

*Рӯзи ҳаштуми таваллуди кӯдак ҳама ҷамъ шуда барои туро аз беморхона баровардан рафтем. Дар даромадгоҳи бемористон яке хабари нохуш расонд: кӯдак фавтидааст.... Ба ҳайрат афтодам. Охир, кӯдаке, ки пурра ба қоидаҳои таваллуд мувофиқат мекард, чӣ гуна фавтида бошад? Ниҳоят, кӯдаки беаҷал фавтидаро ба гӯр гузоштем. Ту ҳатто намегиристӣ. Танҳо модарат оҳу фиғон мекард. Дар назарам ҳама ба ман ба чашми ҳайрат менигаристанд.Чунки ҳамон рӯзи марги кӯдак гӯё ман"хандидаам". Кӣ медонад, ҳушу хаёлам бо ман набуд...*

– Сафоҷон - модараш чашмҳои гиряолудашро пок карда дари хонаи ӯро кушод. Сафо аз навиштан бозистод. Аз зор-зор гиристани модараш дилаш сӯзад ҳам бо сукут ба саволҳояш ҷавоб гардонд. Сарашро ба синаи модар гузошта хуб гиристанӣ шуд.

– Ғам охир мекушад, агар кӯраи дилро холӣ накунӣ - ҳаминро гуфту сар ба болин гузошт. Ҳарду ҳам сукут намуданд. Сафоро хоб дар оғӯши худ гирифт. Модар сари фарзанди азизашро ба даст бардошта болои болишти худаш дӯхта гузошту болишти зери сари ӯро гирифта як сӯ парронда фиристод. Як лаҳза ба чеҳраи ғамолуди писараш нигарист. Гуноҳҳояшро фаҳмид магар, боз дар меҳвари чашмонаш ашк ҳалқа зад...

Сафо писари яккаю ягонаи хонадон буд. Духтари аммашро дӯст медошт. Хост ба ӯ хонадор шавад. Модар ба ин хоҳиши писараш зид баромад. Охир, апаву хоҳарони худаш чанд духтари зебо доранд. Алалхусус, Маҳина ба ӯ бисёр маъқул буд. Хостгор фиристод. Корро ҳал намуд. Тӯй ҳам гузашт. Қариб ҳафт моҳ инҷониб хонааш мотамхона аст. "Худкардаро даво нест" - аз дил гузаронд модар. "Аз одобу ахлоқи хоҳарзодаҳоям бохабар будам. Барои чӣ дидаву диниста ба ин хатоӣ

роҳ додам-а?! Чаро модар шуда истода ба хоҳиши писарам зид баромадам? Кош, духтари аммашро мегирифт. Духтар ин санги фалахмон. Бандаи каси дигар. Домани якеро мегираду меравад. Баъди сарам сӯзану риштаам ба хоҳарзодаам монад, гуфтам, мани хокхӯрда...”

Ҳоло модар берун нарафта Сафо бедор шуд. Нороҳат буд. Сараш дард мекард. Аз ҷой хеста тирезаи хонаро кушод. Модараш дари хобҷойи падарашро сахт пӯшида чароғро хомӯш кард. Дар берун барфи пуршиддат меборид. Муддате ба бориши барф нигарист. Хотираҳо зинда шуданд.

...Зимистони қаҳратун. Шаб аз нисф гузашт. Маҳина бараҳна дар оғӯши Сафо, Сафо ширакайф буд. Кафи дасти васеъ ва панҷаҳои дароз-дарози бақувваташ рӯйи бадани Маҳина чун мӯрчаи раҳгумзада ҳаракат мекард. Сафо як паҳлӯ зада ду бор аз рухсораҳои нозуки Маҳина бӯсид.

– Ҷонакам, худат шоҳидӣ: маро як фикр ҳаргиз ором намегузорад. Нақл кун, ки ба номуси ту кӣ аввал таҷовуз кард? Илтимос, дурӯғ нагӯй, фақат дуруғ нагӯй! - охирсуханҳои Сафо ларзишомез садо дод.

– Монед, Сафо, чӣ лозим ҳамин гапҳо, биёед, хоб кунед... - пуштнокӣ шуд Маҳина.

– Не, не, хоб намеравам, зиқ шудам, нақл кун!- бо исрор талаб кард Сафо.

– Намегӯям гуфтам, охир монед, хоб кунам, Шумо ҳам хоб кунед, монда шудаед.

– Намегӯӣ?! Ман дам гирам? Даруни гӯру лаҳад дам мегирам! - кӯрпаи пуштро ба як тараф ғурронд Сафо. Маҳина бо дасташ лаби кӯрпаро сахт дошта пушташро пӯшонданӣ шуд.

– Охир, гуфтам-ку, баъди таҳсил дар шӯъбаи ҷарроҳии бемористони назди хонаамон ҳамшира шуда кор

кардам. Дар бемористон ҳар моҳи корӣ рӯзи муайяншуда духтуре бо ҳамширае бо навбат навбатдорӣ мекард. Шабе бо як нафар духтури таҷрибаомӯз...

– Номи он касофат чӣ буд? - дод зад Сафо.

–Номаш, номаш Шодик буд, мо ҳарду ҳамроҳ навбатдор будем. Хешовандони як бемор хӯрок ва мева-чева оварда ба духтурон зиёфат доданӣ шуданд. Маро ҳам таклиф карданд. Шодик бо онҳо арақ нӯшид... Тақрибан соати 2-и шаб буд, ки Шодик омада маро аз ҷойгоҳам бедор кард. “Бемори вазнинро оварданд, ёрдамат зарур, ҷарроҳӣ накунем, намешавад” - гуфта маро фиреб дод ва ба хонаи духтурон оварда якбора ба оғӯши худ кашид...

– Баъд...

– Ӯ аз ин воқеа чанд рӯз пеш ба ман муҳаббат изҳор карда буд...

Чашмони Маҳина пуроб шуданд. Сафо рӯболо хобида гапҳои ӯро бо диққат гӯш мекард...

– Ҳар қадар, ки ҳаракат кардам, қувватам нарасид...

– Хӯ-ӯш, баъд якбора розӣ шудед. Ӯ фиреб дода ба чашмаам об рехт, гӯед?- якбора аз ҷой хеста либосҳояшро пӯшидан гирифт Сафо.

– Барои чӣ ба Шодик зан нашудӣ? - боз пурсид ӯ.

– Вай баъди як моҳ рафт. Донистам, ки Шодик маро фиреб додааст. Ба модарам нақл кардам. Маро сарзаниш карданд. “Ҳеҷ гап не, ту фотиҳа шудагӣ. Хабар мефиристем, омада гирифта мебаранд.” - гуфтанд. “Вай деҳотӣ чиро ҳам медонад?” - гуфта маро таскин доданд. Эҳтиёткориҳоро омӯхтанд. Баъди се моҳ ба Шумо никоҳ карданд. Надониста мондам, ки ба як бор... - рӯяшро бо дастонаш пӯшид Маҳина.

– Хез, мегӯям, хез аз ҷоят! - дӯғ зад Сафо. Маҳина нимхез шуда либосҳояшро гирифтанӣ буд, ки Сафо

либосҳои ӯро ғундошта ба оташдон андохт. Маҳина бо дастонаш ҷойҳои шармро пӯшонида аз ҷой хест. Ба хушомад даромад. Куҷо Сафо ӯро гӯш мекард? Чашмонаш гӯё хашму ғазабро фурӯ бурданӣ мешуданд. Ғайри чашмдошт рафта бо зарби пой дари хонаро кушод. Ҳавои сарди зимистон якбора хонаро фаро гирифт. Сафо Маҳинаи бараҳнаро кашолакунон ба берун бароварду бошиддат дарро аз дарун баст. Аз фарёди имдодталаб ва ҷонгудози Маҳина дар нимашаби изғирини сармо сагони деҳа якбора ба аккос даромаданд. Дар як лаҳза овули Сангчилро ғалоғулаи ваҳиманоке фаро гирифт. Маҳинаи урён фарёдкунон сӯйи хонаи хоби хушдоманаш давид. Дастони сармозадаашро гоҳе ба рӯйи синааш, гоҳе болои андомаш мегузошт... Аз тақ-тақи сахти дар хушдоманаш тарсида бедор шуд. Дар берун тохтутози арӯси бараҳнаашро дида ҳуш аз сараш парид. Дар як лаҳза ҳавлиро қий-чуви ваҳмангез фаро гирифт. Ҳатто ҳамсояҳои ҳамшафат низ бедор шуда буданд...

...Сафо тирезаро сахт пӯшиду сари мизи корӣ нишаст. Ҳатто сипоҳиёни хаёлашро дар як ҷо ҷамъ накарда дар тақ-тақ шуду падараш вориди хона гашт.

– Хоб кун, писарам, аллакай соат ба се наздик шудааст. - бо нармӣ гуфт падар ва як қатра ашки аз чашмонаш шоридаро оҳиста бо рӯймолчааш пок карду дигар ба Сафо чизе нагуфта баромада рафт. Сафо монда шуда буд. Сарашро болои миз гузошт. Баногоҳ як қад парида гӯиё чизе ба хотираш расида бошад, боз ба дафтар чизе навиштан гирифт.

*“... На, ҳоло дилам таскин намеёбад. Кирдукорҳои туву модаратро то ҳол ҳазм карда наметавонам. Дар зиндони тӯҳмат ва маломат абгорам. Ягона фарёдрасам қаламу коғаз аст. Эҳҳе, аз родмардҳои ғурур пайкарам чӣ дашномҳое нашунид? Ҳамаашро марду-*

*ми тоқат мардонавор мепазируфту гусел мекард. Ҳа, ҳа, ҳатто озормардҳои таънаву ҳақорати ақрабоят қомати падарамро хамида, модари азияткашидаамро абгор карда бошад ҳам, ман аз фармудаи қавми виҷдон берун нарафтам. Ҳеҷ вақт дар як шабонарӯз як чамадон папирос накашидаам. Маҳз ин тӯҳмати туву хешовандонат буд. Гарчи норасидаи пушту камари бегона дар батни ту ҷой гирифт, гарчи мардуми хайрандеши орзуйи дилам аз садамаи иснод ҷароҳатманду захмин гаштанд, нагуфтамамат "варо бикуш, ман бо ту зиндагӣ мекунам". Не,не, ҳаргиз ин ҳақоратро ба забон наовардаам. Охир, ин гуноҳи кӯдак набуд. Ба гуфтаҳои модарат амал кардӣ. Чаро? Чаро якҷоя бо модари аблаҳат ба даҳони кӯдаки ҳаштрӯза болишт зер кардӣ? Чаро? Чаро боз мағзобаи айбро ба сари софи ман ва оилаи мо рехтӣ? Ҳатто маро заифмард хондӣ. Ҳа, ҳа, ҳангоме, ки дар батни ту аллакай қалби зиндаи кӯдаки ғайр метапид, ҳангоме, ки панҷаҳоям дар ҷисми нопоки ту мелағҷиду дастонам тапар-тупури қалби он кӯдакро эҳсос мекард, тамоми аъзои баданам ях баста буд. Ба ягон кор қодир набудам. Наметавонистам. Танҳо пайкари беҷонам ҳамроҳи ту буд. Ҳушу хаёлам, ҷону дилам ба ёди духтари аммама мезист. Ҳар бори туро ба канор гирифтанам ҳаёт бароям марговар метофт..."*

Ҳарчанд ки шербаччаҳои ғурур ба ҳуҷум мегузаштанд, ҳарчанд ки Сафо худро аз лашкарони ғафлат муҳофизат карданӣ мешуд, наметавонист. Ниҳоят, ӯ таслими хоб шуд... Сафо дар хоб ноором буд. Паҳлӯ ба паҳлӯ мегашт. Гӯё бо касе набард дошт, дастонашро ба ҳар тараф ёзонда нолиш мекард. Хобҳои ваҳшатнок ӯро ноором месохт...

...Ана, море хазида ба Сафо наздик омад. Дар чашмонаш оташи хашм аланга мезад. Забонашро баровар-

да бозӣ медоронд. Неши забонаш чизеро фаҳмонданӣ мешуд. Ногоҳ аз гаҳвора гиряи тифлро шунида чашм ба гаҳвора дӯхт. Каме истода пай бурд, ки муродаш аз он ҳосил мешавад, сӯйи гаҳвора хазид. Кӯдак оромона хоб мекард. Мор боз забон бароварду ба гардани кӯдак печид. Тифли оромхуфта аз сардии бадани мор аз хоб бедор шуда ғаш кардан гирифт. Сафо, ки дар оташи таб месӯхту маҷоли хестан надошт, аз гиряи кӯдак ба ҳайрат афтода модари кӯдакро аз хоб бедор намуд. Модари ба хоби фароғат рафта норозиёна аз хоб хесту нимхобу нимбедор даст сӯйи кӯдак бурд. Дасташ ба чизи сарди шаффоф расиду якбора дод зада даст аз он гирифт. Мор аз дод задани он ва аз ба баданаш расидани даст тарсида баҳри муҳофизати худ ба кӯдаки беҳимоят неш заду аз гаҳвора фаромада хазида-хазида миёни ғарами кӯрпаву кӯрпачаҳо паноҳ бурд. Сафо чӣ ҳодиса рӯй доданашро ҳис карда ба ваҳшат афтод. Вале дар торикӣ чӣ кор карданашро надониста монд. Аз доду фарёди зан ба зудӣ модари Сафо расида омад ва чароғро фурӯзон намуд. Баногоҳ мор аз миёни кӯрпаву кӯрпачаҳо баромада сӯйи модари Сафо забон бароварда хазид. Сафо барои он ки модарашро аз мор муҳофизат кунад, аз ҷой хеста давид. Вале пешпо хӯрда афтид. Боз аз ҷой хесту ба муҳофизати модараш омода шуд. Дар даст, ки аслиҳае надошт, беихтиёр бо мушт ба шишаи тиреза зад ва бо панҷааш як пора шишаи шикастаро гирифт. Аз кафи дасташ хун шорида бар замин мерехт. Сафо ба ин эътибор надода, ба набард омода шуд. Мор нияти Сафоро пай бурда аз роҳ ақиб гашта хазида-хазида ба сӯрохии девори хона даромада рафт...

Сафо тарсида аз хоб бедор шуд. Ҳаросон ба атроф чашм давонд... Худро дар хона танҳо дид. Сараш дард мекард. Аз шиддати таб меларзид. Ҳоло сипоҳиёни

хаёлашро дар як ҷо ҷамъ накарда лашкарони ғурур ба ҳуҷум гузаштанд. Дар ботинаш як ҳисси мардонагӣ ҷӯш зад. Берун баромаданӣ шуд. Вале дар аз берун маҳкам буд... Овози баланд-баланди зане, ки касеро дашном медод, ба гӯшаш ошно расид. Назди тиреза рафт. Тирезаро кушода ба сӯйи ҳавлии падар нигаристу ҳайрон шуд. Аввал бовар накард. Сонӣ дурусттар диққат карда ба мошини рӯи ҳавлӣ нигоҳ кард. Мошини падари Маҳина. Ҳама чизи арӯсии духтараш ба мошин бор карда шудааст. Модари Маҳина ким-чӣ гуфта хоҳараш, яъне, модари Сафоро дашном медод. Падари Сафо дар болои кундаи буридашудаи дарахти тут нишаста баҳузур нос мекашид. Якбора чашми падар ба Сафо афтиду сухани ”набаро”-ро бо ишораи сар фаҳмонд. Сафо як лаҳза ганг шуд. “Наход рост бошад? Барои чӣ падараш ба ӯ ин тавр ишора кард? Айбу гуноҳи ӯ чист?” Ӯ аз чойнике, ки дишаб хоҳараш оварда буд, як пиёла чойи шабмонда рехта нӯшид. Баъд аз чой нӯшидан дар дили Сафо рӯшноие пайдо шуд. “Хайрият, ҳама чизу чораи Маҳинаро ба хонаи алоҳида гузошта будаам. Хайрият!”- гӯён бо мушт мизи кориро сахт зад. Чойники сафеди пури чой аз болои миз ба замин зада майда-майда шуд. Ба ҳаракатҳои беҷояш хандааш омад..Чойникпораҳоро гирифта болои миз гузошт. ”Чиннӣ шиканад, равшанӣ аст, гуфтаанд” - аз дил гузаронд ӯ. Мошини рӯйи ҳавлӣ ба ғурриш даромад. Ана, аз дарвоза берун шуд. Сафо боз ба мизи корӣ нишаста чизе навиштанӣ шуд. Ҳарчанд кофт, қаламашро наёфт. Бордони ҳуҷҷатҳоро кушода калами кӯҳнаеро ёфту нӯгашро бо корд тоза карданӣ шуда панҷаашро бурид. Дар рӯйи вараќи сиёҳнавис ду-се қатра хуни дасташ шорид. Ӯ ба ин эътибор надода бо қалам коғазро сиёҳ намуд:

*“...Сияҳрӯ, ҳамоно корвони тӯҳмат аз назди дарвозаи ҳавлиамон мегузарад. Агарчанде имрӯз хонадони моро охирин чизҳои ту, ки аз он бӯйи ту, нақши дастони нопоки ту монда буд, тарк гуфту кӯҳи ғаму ҳасрат аз ларзаи адолат пора-пора гашт, ман туро бахшида натавонистам. Дониста мон. Ту осонакак аз ман гурехта рафта наметавонӣ. Рӯзе бо теғи қасосқалами худ дар рӯйи дилу гурдаат рах-рах кашида хати сиёҳ менависам...”*

Ӯ бо шиддат менавишт. Ба ягон чиз эътибор намедод. Ҳатто Шамимаи хандонрӯ чолокона назди ӯ даромада омаданашро ҳам надониста монд. Сафо як лаҳза аз навиштан бозистода ба хоҳарчаи хандонрӯяш нигарист. Шамима назди акааш омаду чизе гуфта мактуберо дароз карду зуд баромада рафт. Сафо гӯё ки чизи қиматбаҳои гумкардаашро дар зери пояш ёфта бошад, аз ҷояш ҷаста хест. Мактуб аз номи духтари аммааш буд...

# ҲАҚИҚАТИ АФСОНА

Ҳар рӯзи кори мову сардабир иду навид аст. Ҳамин, ки ман ё сардабир вориди идора мешавем, меҳмонҳо пайи ҳам "Ассалому алайкум!", гуфта даромада меоянд. Омадагон, яъне, вакилон "Имрӯз ба идораи мо равед! Дар бораи кормандони пешқадами корхонаи мо як очерк нависед!", "Ба корхонаи мо ҳам як ташриф фармоед, дар бораи дӯзандадухтарони мо ҳам чизе нависед! - мегӯянд бо чеҳраи кушода.

Ҳар рӯз тайи панҷоҳ-шаст эълону табрикномаҳоро партофта мераванд. Албатта, бо як бандча малахаш. Ҳатто дирӯз директори идораи коммуналӣ шумораи рӯзномаи соли гузаштаро ҷустуҷӯ карда ба идора омад. Аз ғарами рӯзнома шумораи даркориро пайдо карда тайи ду соат мутолиа намуд. Сипас, моро ба зиёфат бурд. Ӯ қадаҳро баланд бардошта:

– Офарин, ҳазор офарин ба кормандони ҳамин рӯзнома, ки ба мо ғизои маънавӣ медиҳанд. Кош, ҳамин рӯзнома дар як ҳафта чор маротиба не, ҳафт маротиба чоп мешуд, - гуфт. Ҳоло директор қадаҳро то охир нанӯшида мошини сабукрави маркаи хориҷӣ наздамон таққӣ карда истод. Аз он марди қоқинаи баландқомат фаромада бо сардабир оғӯш кушода вохӯрӣ кард. Сардабирро ба гӯшае хонда даъватномаро супурд. Сардабир меҳмонро ҳарчанд ба дастурхон таклиф кард, ӯ нанишаст. Пас аз он ки меҳмонро гусел кард, дубора сари дастурхон омада даъватномаро рӯйи миз – назди ман партофта сӯҳбатро идома дод.

Ман даъватномаро бо тантана хондам:

*“Ҷаноб Расули Шаҳзод!*

*Соати 6-и бегоҳ бо аҳли рӯзнома ба ҷашни яксолагии ташкилёбии ноҳияи Озод ташриф фармоед!”*

Ин лаҳза директори идораи коммуналӣ: - Як дақиқа, бубахшед!” - гӯён боз аз ҷой хест. Вай: – Биёед, дӯстон: ҳамин қадаҳро барои яксолагии ташкилёбии ноҳияи Озод бинӯшем. Озод илоҳо, озод бошад, обод бошад! – гуфта буд, ки аз куҷое котиби масъули рӯзнома ҳаллосзанон сӯйи мо давида омад:

– Рафиқ... Рафиқ Шаҳзодов! Магар телефони дастиатон кор намекунад? Ин қадар занг мезанам, занг мезанам, ҷавобе намедиҳад. Шуморо дар ҳокимият интизоранд. Ҳозиракак занг заданд. Хайрият, машинаи мухбирони сайёр омада монд. Панҷ дақиқа шуд, ки дар шаҳр Шуморо мекобам. Шукр, ки мошинатонро дида мондам, вагарна... Ба хаёлам, Вазорат аризаатонро ба инобат гирифтааст. “Тико”- ро ба “Нексия” иваз карда доданаанд. Ҳа, ногуфта намонад, ки... - боз афзуд котиби масъул, – имрӯз ба таҳририят 150 то мактуб омад. Аз ҳамин 80 тояш ба номи Шумо будааст, ҷудо карда мондам. Вақтатон шавад...

Сардабир узру маъзур карду аз ҷой хеста ҳамроҳи ман рост ба мағозаи китобфурӯшии “Тоҷиккитоб” даромад. “Куллиёт”-и нави Аллома Иқболи Лоҳуриро, ки хеле вақт боз дар ҷустуҷӯяш буд, пайдо карда харид. Ба мошин наздик нарасида хонуме омада салом доду ҳолпурсӣ карду ба арзи матлаб гузашт:

– Ду соат инҷониб идораи рӯзномаи “Нидо”- ро кофта гаштаам. Дар ҳамин атроф гуфтанд. Агар бемалол бошад, роҳро нишон медодетон.

Сардабир ӯро ба мошин шинонд. Ба гап гирифт.

– Эҳ, напурсед! Ҳамин як мақолаи дар бораи модар

навиштаи Шоҳи Дарвешро хондаму аз Кӯҳи Ғунчалаб омадам, то ба муаллифи мақола миннатдорӣ изҳор намоям. Гӯё, ки ӯ дар бораи модари ман навиштааст, - ноаён ашк мерехт хонум. Рост ба идора омадем.

Назди котиба таи 20-30 нафар марду зани фарбеҳу лоғар, пасту баланд сардабирро интизор буданд. Даромадан ҳамоно ҳама аз ҷой хестанд. Сардабир бо ҳама як-як вохӯрӣ кард.

Баъди ҳолпурсӣ яке бо оҳанги гилаомез:

– Мо ҳашт нафар аз Деҳи Боло ва Дуобаи Болову Дуобаи Пойин омадем. Бисёр мехостем, бо шоири ҷавон Фақири Фарёдрас вохӯрда, шоира Ҳазинаи Ганҷинаро зиёрат кунем. Шунидем, ки онҳо бо рӯзномаи Шумо ҳамкории қавӣ доштаанд... - гуфт. Сардабир: – Ҳозир, як лаҳза! - гуфта дарун даромаду гӯшаки телефони занг зада истодаро бардошт: – Алӯ? Мешунавам?

– Шумораи нави рӯзномаро дар ҳокимият интизоранд.

Сардабир гӯшакро нагузошта котиба дарро кушод: – Ба ҷойи пули обунаи солона як мошин себи Хондизаро бор карда омадаанд...

– Зуд мудири анборро ёб, дар анбор фароранд, - ба ман нигоҳ карда амр намуд сардабир. Ӯ шумораҳои телефони дастиро чида ба ронандаи мошини мухбири сайёр амр намуд, ки ҳамон ҳашт нафареро, ки ба дидори шоири ҷавон Фақири Фарёдрас ва шоираи диловар Ҳазинаи Ганҷина омадаанд, зуд ба мактаби деҳаи Сайроб бирасонанд. Зеро шоирон чӣ пиру чӣ ҷавон, чӣ марду чӣ зан, имрӯз дар он ҷо маҳфили адабии “Шамси Тӯрон”-ро баргузор менамуданд. Сардабир ба хонаи Шоҳи Дарвеш занг зада гуфт, ки ӯро хонуме аз Кӯҳи Ғунчалаб кофта омадааст, ҳатман ба идора расида биёяд.

– Мӯҳтарам раис! - Котиба бо шӯру ҳаяҷон дарро кушод. – Аз он афсӯс хӯрдед, ки шоирони минтақаи шарқӣ аз ҷашни 80 солагии шоири шодравон Чошӣ бенасиб мондаанд. Ана, эшон омаданд!

Сардабиро гӯё барқ зада бошад, аз ҷой хеста ба берун давид. Дар роҳрав ӯро Мулло Раҳимӣ ва Азизи Орзузод пешвоз гирифтанд.

– Шумоён хабар надиҳед ҳам, моён расида омадем,- гуфта сӯйи меҳмонҳои дар берун буда ишора карданд онон. Аз “Нексия”-и сип-сиёҳ шоир Девони Дубайтишоҳ, нависандагон Панҷшанбеи Дев, Холи Ноф ва шоир Кӯзагари Хум борхалтаҳои вазнини худро мефаровvarданд. Шоир Дубайтишоҳ аз сар тоқии наппа-навашро гирифта сардабирро оғӯшкунон ҳеҷ раҳо намекард. Аз кучое бо мошини “Тойотааш” Шоҳ Ризо пайдо шуд. Оғӯшкашиҳо таҷдид шуд. Сардабир бо чеҳраи кушода:

– Бифармоед, мақдаматон нури дида, тоҷи сар! Як ба утоқи кории мо марҳамат намоед! Ҳозир як пиёлагӣ чойи кабуд нӯшида, сипас бо ҳам ба ҷашни яксолагии ташкилёбии ноҳияи Озод меравем. Сонӣ пагоҳ ҳатман дар ҷашни 80 солагии шоири шодравон Чошӣ иштирок хоҳем кард! – гуфта меҳмонони гиромиқадрро муроҷиат намуд.

Дар утоқи тоза муҷаҳҳазшудаи сардабир ҳазлу шӯхиҳои адибон ба осмон печид. Сардабир “сандуқчаи махфӣ”-и худро кушода конякеро, ки дирӯз ҳардуямон ба муносибати аз тарафи Идораи сохтмони вилоят ба ҳисобсурати рӯзнома мунтақил шудани маблағи қобили таваҷҷӯҳ (чанд миллион сум будани онро гуфтанам шарт нест!) як қултӣ нӯшида будем, бо як тақсимча шоколад бароварда коми меҳмононро “ширин” кард. Котиба боз дарро бе иҷозат боз намуда бо оҳанги мутантан эълон кард:

– Ҳозиракак қароре факс шуд, ки ҳафтсолагии рӯзнома дар миқёси минтақаи Ояндаобод ба таври васеъ ҷашн гирифта шавад ва ба ин муносибат ба чопи рӯзмарраи он рухсат дода шавад. Мувофиқи ин қарор, таклифи меҳмонони гиромӣ аз пойтахту марказшаҳрҳои мамлакат низ дар назар дошта шудааст.

Ҳоло сардабир ва ҳозирон шодиёнаро дар вуҷуди худ ҳазм накарда телевизори утоқи сардабир симои духтараки кушодачеҳраи ситорагармро ба эфир пахш кард:

– Ассалому алайкум, бинандагони гиромӣ! Намоишамонро аз минтақаи Ояндаобод оғоз менамоем!

Ҳама якбора ба ойинаи нилгун нигаристанд. Ойинаи нилгун менамойид ва месаройид...

Чанд ҷуфт чашмони масрур сӯйи ҳамдигар барқвор дурахшиданд. Ҳама бо ароматӣ сарҷунбонӣ якдигарро мамнунона муборакбодӣ менамуданд...

## ДАР СӮҲБАТИ ДУРӮҒ

Беориятов Дурӯғ. Синну солаш... *мебахшед*, номаълум. Зодгоҳаш – вилояти Каззобон. Миллаташ – риё. Аслаш – аз сулолаи Бадгуҳарон. Маълумоташ – олии ноолӣ. Касбаш – бадкорӣ. Тахассусаш – бадандешӣ. Соҳиби се фарзанд: писаронаш – Найранг ва Фиреб, духтараш – Ваъдахон.

– Мондаҳои кор, Дурӯғбой ако!

– Додаракам, тамасхур накунед! Нағз медонам: як силсила Шумо барин мардум маро намеписандед. Аммо чӣ илоҷ? Тан гиред: ҳеҷ кадоми шумо бе Ман зиндагӣ карда наметавонед. Ку, аз рӯи виҷдон бигӯед, кадоми шумо аз ман истифода намебаред?

– Шуд, шуд, Дурӯғбой! Оё Шумо дар зиндагӣ мақоми худро пайдо кардаед?

– Саволи хуб. Эҳ-ҳе, аъзои қавми ман дар ҳаёт бо ҳазору як мақом, бо сад ҳазор ҳилаву найранг зиндагӣ мекунанд. Дар забони қавмҳои ман, додару хоҳар, ҷияну ҷиянча, набераю аберaҳои ман суханони сеҳрангезе аз қабили “Имрӯз дер шуд, пагоҳ биёед”, “Фардо биёед”, “Пасфардо биёед”, “Ҳатман”, “Мекунем!”,“Албатта, ҳал мекунем”, “Ҳал мешавад!”, “Парво накунед!”, “Хотирҷамъ бошед!”, “Мо ҳастем!”, “Акетон (ё додаратон) зинда бошад, ғам нахуред!”, “Занг мезанем”, “Хуб, шудааст!”, “Ҳарфи Шумо барои мо қонун!” ба суханҳои оддӣ, кӯчагӣ, гуфтугӯӣ, э, монед, ки ба як гарди хоки роҳ табдил ёфтаанд. Аз ҳама сухани писандидаи банда ва банданавозони банда “Гап нест!” аст.

Чӣ илоҷ, маро кушта наметавонед, сӯхта наметавонед, дар об ғарқ карда ё аз ҷар ҳаво дода наметавонед.

Ҳазор бор қасам мехуред. Боз намешавад. Дар як лаҳза қасам мешиканед. Ҳатто дар байни мардуми оддиву кӯдакон низ қадру манзалати ман баланд аст. Ба воситаи ман якдигарро мазаммат мекунанд, таъна мезананд. Ҳатто моҳҳову солҳо туфайли ман аз якдигар хафа мегарданд. Ана ҳамин тавр... Ҳозир дар шуури бачагони хурдсол низ ман вуҷуд дорам. Бачагони хурдсол чӣ, дар кӯдаки батни модар, эҳ-ҳе, ҳатто дар пушти камари баъзе падарҳо ҳам вуҷуд дорам. Онҳо низ фирефтагони ман, пайравони мананд. Дурусттараш, шефтагон ва шайдоёни ҷилваҳои мананд. Ошиқонро намегӯед? Дирӯз бо гӯши худ шунидам, ки як ҷавони деҳотӣ ба духтари нозанини шаҳрӣ чунин мегуфт: “Агар хоҳӣ, мошини наппа нави падарам, ҳавлии навамонро ба ту тӯҳфа мекунам. 20 гектар токзорамон имсол ҳосил диҳад, ба саёҳати Ҳиндустон рафтанамон ҳам душвор намешавад”. Духтар тамоман ба ваҷд омада буд. Беихтиёр дасташро сӯйи писар дароз кард. Ин манзараро бо ҳамин чашмони худам дидам. Аммо духтар аз куҷо медонад, ки падари ҳамон писар фарзандашро қарзу қавола карда хононда истодааст. Ана ҳамин тавр, ҷӯраҷон! Ман дар ҳама ҷо дастболоям. Ҳама маро дӯст медоранд. Баъзеҳо ҳатто маро дашном медиҳанд: ту Дуррӯғгӯй, Дурӯғбоф, Фиребгар ва Қасамхӯр, мегӯянд. Аммо боз худашон маро дастгиру мададгор мешаванд. Ба кӯмак ва ҳимояти ман мешитобанд. Корди ман ҳамеша зери чарбуст. Ҳатто пишаки ман ҳамеша ҷизза мехурад... Шаб шавҳари ҳамсоя хонааш наомад. Саҳарӣ пайдо шуд. Занаш пурсид:

– Дадеш, чаро шаб наомадед?

– Шаб дар идора навбатдор будам. Дастгоҳ шикаст. То саҳар андармони дуруст кардани он шудем...

Кадом идора, кадом дастгоҳ?! Дар хонаи маъшуқа-

аш буд. То саҳар... Боз бо чашмони суп-сурхи варамину хумориаш шарм накарда маро, яъне, Дурӯғро барои худ сипар кард. Бечора занак лаққа бовар карда монд. Ҳатто оби гарм муҳайё карда сару рӯйи шавҳарашро шуст. Эҳ, кош, ҳаёти маро меомӯхтед. Воқеаҳои гӯшношунидро нақл карданам мумкин, додар!

– Сину солатон номаълум. Рӯзе мерасад Шумо ҳам...

– Додар, фаҳмидам мақсадатонро: рӯзе мерасаду Шумо ҳам пир мешавед, аз ин дунё... забонам намегардад... гуфтаниед. Худоро шукр, ки ман ҳоло умри дароз-з мебинам, ниҳоят умри даро-з-з! Набераю абераҳоям Касофат, Каззоб, Лаънат, Маккор, Нобакор ва дигарон дар ҳаёт мавқеъи ниҳоят мустаҳкам доранд. Дар курсиҳои нарму баланд албончак мехӯранд. Дар ҳар кучое набошанд, онҳо бо Ҳақиқати Асилзодаи дилпора ва Адолати Рости бечора дар набарданд.

Ана ҳамин тавр, додар! Мардум, ки худ мароеписанданд, дигар чӣ ҷои гап, дигар чӣ ҷои гилаву ҷингила?! Дур наравем: ана, худи Шумо магар Адолати Асилзодаро бад намебинед? Не, гӯеду бинед: ҳамтабақи ман мешавед! Ҷош, ки омад, онҳоро ғайбат ҳам мекунед. Вақте, ки ғайбат мекунед, аз табақаи манед... Худи Шумо дар олам вуҷуд надоштани маро намехоҳед-ку... Пас, ман чӣ сон бимирам?! Ана ҳамин хел гапҳо, додар!

# БОЗГАШТ БА АСЛ

Дар корхонаи бетонрезӣ коргари оддӣ будам. Зиндагиям осуда мегузашт. Ҳар рӯз баъд аз кор як бухонка нону ду шиша кефир ва як лӯла калбоса харида ба хона бармегаштам.

Ба хонаамон хешовандон аҳёнан меҳмон мешуданд. Дар рӯзи ким-кадом ид буд, намедонам, ё рӯзи таваллуди касе, ду нафар рафиқ меҳмонӣ омаданду зиндагии мо ранги дигар гирифт. Ҳангоми сӯҳбат яке аз дӯстон гӯё бо меҳрубонӣ маслиҳат дод: “Икромҷон, мактабда нағз мехондед, то кай бетонрези оддӣ шуда мегардед? Ҳозир замон – замони одами хондагӣ. Дар ягон ҷой хонда инқатак коғаза гитта кунҷи сандуқ партоед, ягон рӯзе даркор мешад”.

Ин гап ба гӯши занак ҳамчун равғани зайтун форид. Рӯзу шаб дар нӯги забонаш фақат як гап: “Додеш, имсол ба хондан дохил шавед. Охир, дигаронро бинед, мана шавҳари Назира, тозаву озода пӯшида мегардад, ёфту тофташ ҳам бад не. Шумо бошед, то ба кай дар тан либоси кӯҳнаи ҳарбиёна пӯшида мегардед? Ботинкаро намегӯед, то пушташ аз чангу лойи симон мағор бастагӣ, ҳамсояҳо механданд. Маро аз писханди онҳо халос кунед!”

Бо дастгирии ёру ҷӯраҳо ба шӯъбаи ғоибонаи донишкадаи “Филологӣ” дохил шудам. Дар ҷавонӣ ба шеъру ҳикоянависӣ каме рағбат доштам. Дарҳол муносибатро бо рӯзномаи донишгоҳ, сонитар бо рӯзномаи вилоятӣ қавӣ гардондам. Улфатҳои шеърнавису шеърдону шеърхон пайдо мешуданд. Ҳар шаб дар хонаи яке ҷамъ мешудем.Туфайли онҳо ба рӯзномаи вилоятӣ ҳамчун мусаҳҳеҳ ба кор даромадам. Акнун, ки дар боғи эҷод

қадам мемондам, онҳо маро суроғ карда меомаданд. Ҳар чизи навиштаамро ситоиш мекарданд. Дере нагузашта обрӯю эътиборам баланд шуд. Яке маро Улфатзода гӯяд, дигаре устод Икромҷон, саввумӣ мӯҳтарам Улфатов, мегуфтагӣ шуд.

Ба таъриф одат кардам. То таъриф нашунавам, шишта наметавонистагӣ шудам. Ба нӯшокӣ руҷӯъи сахт мондам. Ҳай дареғ, чанд соли умри ҷавониам беҳуда бо коргарӣ гузашта будааст. Дирӯз аз боло кадом раҳбари маҷаллаи бонуфуз омада буд. Шабҳангом рафиқон ӯро назди ман оварданд. Аз қадаҳи аввалин то охир меҳмон низ шеърҳои маро ситоиш кард. Аз шеърҳои Шумо бӯйи ашъори Пушкин, Ҳёте, Шекспир, э, равед, ки накҳати шеъри Рӯдакиву Ҳофиз меояд, мегуфт. Аз атри таъриф сархуш шудам. Намедонам, то соати чанди шаб нӯшонӯшӣ давом дошт. Саҳарӣ бедор шавам, дар сари суффаи ҳамсоя хобидаам. Дар таги сарам болишти сахте монда будаанд, ки чаккаи гӯшҳоям дард мекарданд. Худро ғундошта нигаҳ кунам, дар таги сарам ба ҷои болишт тугунчаеро дар рӯймолчаи зард баста гузошта буданд. Дар дарунаш пошнаи ботинкаи кӯҳна намудор буд.

– Ҳой, занак! - гӯён бо қаҳр гирифта ғурронданӣ будам, ки дар тагаш як мактуб меистод:

*“Додеш, маро бубахшед! Ба гапи ҳамсояҳо даромада ба хатои ҷиддӣ роҳ додам.Бар падари хондагӣ ҳазор бор лаънат ва боз лаънат! Агар аҳволи одами хондагӣ ҳамин бошад, нахондан миллион маротиба афзал будааст. Ин чӣ гап, ки ягон шаб оромӣ нест. Панҷ-шаш нафар ҷамъ омада ғайр аз ситоиши худ, таърифкунии якдигар, қаҳ-қаҳа, оғӯшкашӣ дигар коре надоред. Яке худро дар эҷод Фирдавсӣ, дигаре Пушкин мепиндорад. Саввумӣ худро дар ҳаҷв баробари Чехов, Зошенко, э,*

*равед, ки Азиз Несин медонад. Садри Зиё дар пеши шумоҳо ҳеҷ кас нашуда монд. Мана, ин либосҳои солҳои кориатон. Пӯшида ба кори аввалаатон баргардед. Аз дасти Шумо на шеърнависӣ меояду на шоирӣ. Вагарна ба ҷудо шудани ману Шумо як бақия монд. Ман рафтам. Дигар ҳатто Александр Пушкин ҳам аз гӯраш зинда шуда ояд ва гӯяд,ки ман бобои туям, барнамегардам! Саломат бошед!"*

Нимбараҳна давида хона даромадам. Аз зану кӯдакон на пай буду на ҳайдар...

Тугунчаро оварда кушодам. Шими ҳарбии чор сол инҷониб напӯшидаамро оҳиста ба даст гарифтам. Ҷоҷо резаҳои симон часпида доғ шуда буд. Ҳамон ботинкаи аз чангу лойи симон мағорбастаро ба по гирифтам. Лоппа-лойиқ. Аз оинаи даҳлез ба худ нигоҳ кардам. Ҳамон коргари оддии пешина, лекин камтар фарбеҳ шудаам. Шим тангӣ мекард. Дар дидагонам беихтиёр донаҳои ашк чарх зад. Номаро ба дида молидаму рост сӯйи коргоҳи бетонрезӣ роҳ пеш гарифтам...

## АЛВИДОЪ, ТАЪРИФ!

Ман дигар бо ту ошноӣ намекунам,Таъриф! Маҳз ба туфайли ту аз рафиқи шафиқам Хоксор ҷудо гаштам. Ӯ вуҷудамро падруд гуфт. Ман дигар забонамро ба ту хор намекунам, ҳаргиз туро ба нӯги забон намегирам, нону намаки туро ҳатто чашидан намехоҳам, Таъриф. Боз ба сарам боронҳои маккориро боронидан мехоҳӣ. Шуд, шуд, ман дигар аз маломати қавми ту хуни дил шудам. Онҳо маро ҳақорат мекунанд: "Илоҳо, Таъриф туро гӯр кунад, ҳе, ба зиндони Таъриф афтӣ, илоҳо, Таъриф туро хӯрад!" Ҳангоме, ки туро дӯст доштам, рафиқонам Тамкин, Маънӣ ва дигарон аз ман рӯй гардонданд. Дар куҷое набошад, туро хостам, туро ҷустам. Бо пораҳои наботсуханат аз худ ҳайкал гузоштанӣ шудам. Шамоли ту маро ҳамчун барги хазон бозӣ дошт. Ҳатто чангу ғуборҳои туро, ки ба милкҳои чашмам, мӯйҳои сарам мечаспид, намеафшондам. Аз матоъҳое, ки ту бофта будӣ, либосҳои ҳарранга дӯхта бар ман мепӯшонданд. Ту дар вуҷудам ҳукмронии сахт ҷорӣ намудӣ. Ҳар гаҳе бо рафиқони Меҳр, Оқибат, Раҳм, Маънӣ ҷамъ меомадем, албатта, ту пешдастӣ мекардӣ, мечаспидӣ ба ақлам, ба хаёлам. Қавми Хоксорро ҳаргиз намеписандидӣ. Варақ-варақ суханҳои ширини ситоишомехтаро дар кӯчаҳои назди ҳавлиамон, ҷойи корам, дар хонаҳои хешу ақрабоям ҳамчун шиор овехтӣ. Шиорҳои машҳури "Истеъдоди беназир", "Нобиғаи даврон", "Худоназаркарда" ва ғайраҳоро мардум даст ба даст бардошта мегаштанд. Онҳоро дидаву шунида курта-курта гӯшт мегирифтам. Ҳар он чӣ ту мегуфтӣ, даст ба рӯи сина қабул мекардам. Сад дареғ, сохта будани обрӯю эътиборамро ҳис накардам.

Ба суханҳои бофтаю сохтаи ту гӯш фаро додам, Таъриф. Аз ҷабри ту тамоми қавми Хоксор аз макону ман-

зили ман бадарға гаштанд. Солҳои сол ту маро идора мекардӣ. Дар хиёбонҳои ҷону танам саллакалонҳои қавми Кибру Ғурур хайма заданд. Такаббур калондимоғона ба хонаи онҳо меҳмонӣ мерафт. Ҳамаи онҳо аз ман меҳаросиданд. Ҳамин ки ба назди ман омаданӣ шаванд, туро албатта ҳамроҳ мегирифтанд. Агар онҳо, надониста сухани беҷое гӯянд, пайкарам ба ларза медаромад. Суханҳои онҳоро ҳазм карда наметавонистам. Ту дарҳол ба ёрдам мешитофтӣ. Суханҳои қабеҳ, дағал ва зиштро дарҳол ба суханҳои ширин табдил медодӣ, ба он лаззат мебахшидӣ. Ва ман онро ҳамчун палави равғани зағирдор тановул мекардам. Туро одами заруртарини худ ҳисоб мекардам. Дуо мекардам, ки илоҳо, Таърифҷон, абадулабад ба сарам соябон бошӣ. Агар ногаҳон ба ман фалокате рух диҳад, худат маро гӯру чӯб кунӣ, илоҳо, ба дасти хоксорҳо наафтам" – ин васиятҳоро беҳуда карда будаам. Ин ҳама кори мардуми Фиреб будааст. Онҳо бо қавми Найранг забон як карда маро ба ин ҳол гузошта будаанд...

Ай, беандеша Таъриф! Аз куҷо ҳам туро шинохтам, бо ту ошноӣ кардам?! Имрӯз яккаву танҳо мондаам. Намехоҳам дигар бо ту рӯбарӯ гардам. Агар дастгир кунамат, болои кӯҳи Чӯлбайиру Сувсиз[43] бурда ба поён – ба ҷарии торик ҳаво медиҳам. Гап ҳамин: агар вуҷуди маро тарк накунӣ, аз пушти ту ба Қозии Виҷдон шикоят мекунам. Бигузор, худаш қазоват кунад! Илоҳо, мегӯям, ҷони туро Оллоҳ ситонад. Илоҳо, мегӯям, ба ғазаби Худованд гирифтор шавӣ! Ин чӣ буд, ки ба сари мани бечора овардӣ?!

Ҳоло бар зидди ту якҷоя бо лашкари Интиқом чунон қасос ситонам, ки як умр ба худат омада натавонӣ. Ҳа, афтат дар гӯр, ангорат дар хок,Таъриф! Дигар ту барои ман вуҷуд надорӣ, Таъриф! Алвидоъ,Таъриф!

[43] Номи мавзеъҳо дар деҳистони Дарбанд.

# АФСОНАИ ИСКАНДАР

***(Эссе)***

Кӣ шабҳои маҳтобиро дӯст надорад? Чашми кас серӣ надорад аз тамошои моҳи шабраву ситораҳои тобон. Ситораҳои тобон ба ҷониби шумо чашмак зада нидо мекунанд, гӯё ҳамрози шумо бошанд. Ҳайратовар он аст, ки ситорае ба ситораи дигар ҳеҷ монанд нест. Ҳар яке шакле дигар, нуру зиёи дигаре дорад. Аз ин хотир, тамошои ин мӯъҷизаи фалакиву малакӣ ба кас лаззат мебахшад. Агар ҳамаи ситораҳои осмон шабеҳи якдигар мебуданд, тамошои он ба кас завқ намебахшид. Аз ин лиҳоз инсоне низ ба инсони дигар монанд нест, ё ба хулқу хӯй, ё ба сурату лиқо. Ва боз ҳар фард дар зиндагӣ мақоми худ, ҷойи хешро дорост. Агар бо рӯзноманигор, шоири халқ, нотиқи волосухан Искандари Мирзо сӯҳбат ороем, ӯ ҳатман ин нуктаро таъкид мекунад: “ – Ӯ Искандар аст, буду шудаш ҳамин. Хӯю хислати худро дорост. Ҳамин сон сохта шуда, ҳамин сон фано ёбад”.

Баъзан аз ин гапҳои ӯ кас дар ҳайрат мемонад, гоҳе дар баҳри тафаккур ғӯта мезанад.

Бисёриҳо ба шеърнависиаш, ҳикоянависиаш, очерку эссеву аризанависиаш ва ҳатто ба нотиқиаш бовар надоранд. Чаро дар бораи ӯ қазовати нобоварона мекунанд, бароям норӯшан аст. Иттифоқ афтодааст, борҳо дар сӯҳбатҳои ҳамдеҳагон, ҳамкорон ва баъзан дӯстонаш пеши ман гӯё қуръа партофта мепурсанд; оё Искандар савод дорад ё на? Ҳамон навиштаҳоро худаш менависад ё каси дигар?

Аз бозе, ки асари “Се сӯҳбати сари қабр” дар матбуот эълон шуд, ҳайрату шубҳаи кунҷковон дар атрофи фаъолияти эҷодии Искандар бештар шуданд. Бовар дорам, хондагиҳо онро бе оби дида нахондагистанд, агар дар дил зррае нисбати волидайн меҳру шафқат ва муҳаббат дошта бошанд.

Вақте ки пеши ту ин зайл суол мекунанд, як лаҳза дасту по гум мекунӣ, ё дафъатан ҷавоби мувофиқаш медиҳӣ. Банда борҳо дучори ин гуна суолҳои бебунёд шуда ва хушбахтона, дасту по нахӯрда ҷавоби муносибе додаам:

“ – Искандар соҳиби истеъдод аст. Вай гули худрӯй аст. Гумон накунед, ки диплом дар навиштан нақше мебозида бошад. Бисёр соҳибдипломонро медонам, ки навиштани аризае барояшон гаронӣ мекунад. Искандари Мирзо воқеъан ҳам ягон донишгоҳро хатм накардааст. Шояд хонандагон суол пеш оранд, ки чаро Искандар даст ба навиштан мезанад! Чунки ӯ дард дорад. Ӯ марди пурпайкару пурдард аст. Ӯ метавонад шуморо соатҳо хандонад, соатҳо гирёнад. Дар ин кор ӯ донишу маҳорати фавқулоддае дорад. Махсусан, чунин нақшофарияш ҳангоми нотиқияш дар тӯю маъракаҳо рух мезанад. Дар чунин мавридҳо касро ба завқ оварда чунон механдонад, ки аз ханда рӯдакан мешавӣ, баъзан чун дӯшизаи бадбахт гиряро ихтиёр мекунӣ.

Тӯйи хонадоршавии додараш Умедро ёд дорам. Айни тобистон меваҳо ғарқ пухтаву рехта. Садри маҷлис Шароф Карим Искандарро ба наздаш хонд. Ҳарду латифагӯӣ карданд чанде. Шароф қиссаи мероси падари Искандарро гуфта аҳли давраро хандонд. Пас садри маҷлис лаҷоми суханро ба дасти Искандар дод. Ӯ ба якборагӣ авзои хешро чун ҳунарманде, ки нақш мебозида

бошад, дигар намуда, модарашро ба ёд овард ва дафъатан “Илтиҷо” ном шеъри ба тозагӣ иншо кардаи худро бо оҳанги махсус хонд, ки банди аввалаш ин буд:

*Модаро, дар кунҷи хона зор мондам, гир хабар!*
*Дар миёни неку бад абгор мондам, гир хабар!*
*Аз ғамат дилпораю афгор мондам, гир хабар!*
*Модари бечораам, бемор мондам, гир хабар!*

Ашкҳо чун қатраҳои борон аз дидагони аҳли нишаст мерехт. Банда низ инони ихтиёрро аз даст дода будам. Чӣ мегӯед, ки давра дар як лаҳза ях баст. Ҳатто Шарофи ҳозирҷавоб ба ин суханҳои ӯ иловае накард. Ва дар ин маврид илова кардан низ ҷоиз набуд, чунки аз ин сухани волотар то ҳол ҳеҷ кас дар ин давра нагуфта буд.

Боре дар яке аз сӯҳбатҳо Искандар аз ман суол кард, ки оё “Се сӯҳбати сари қабр” ба Шумо таъсире бахшид? Ман чӣ посух додани худро надониста ба андеша фурӯ рафтам ва пасон худи ӯ афзуд:

“ – Ҳикояи Шумо “То баҳорони дигар”-ро хондам, махсусан, эпиграммаи он “Барои модари армониям, ки боре дари хонаи маро накӯфт” ба ман хеле сахт таъсир кард. Гӯё маро барқ зада бошад, чанд дақиқа ба худ наомадам ва пасон ба якборагӣ худро дошта натавониста гиря кардам. Баъди ин таъсирпазирӣ дар дил қарор додам, ки дар бораи модарам барои таскини армонҳои дил чизе хоҳам навишт. Бовар мекунед, рӯзу шабҳо дар ин бора андеша мекардам. Ҳатто дар хоб бо модарам гуфтугӯ доштам. Ба ҳамин тартиб эҷоди ин асар маро даст дод. Он замон дар рӯзномаи “Садои Сурхон” кор мекардам. Аҳволи иқтисодии рӯзнома чандон хуб набуд. Эҷодкорон дар аҳволи танг афтода буданд. Қисми

аввали онро навишта ба рӯзнома овардам. Ба Шароф Карим, ки он вақт сардабир буд, дарро аз дарун пӯшида онро хонда додам. Бо ин баҳона хеле гиря кардам. Ба Шароф писанд афтод ин асар. Дубораву себора навишта ниҳоят ба ҳаволаи Олиму Солеҳ супоридам. Чӣ мегӯед, ки ба онҳо низ писанд афтод ин навиштаҳо. Боре Олим маро ба наздаш хонда "Акои Искандар, чаро дар навиштаҳои шумо дар ягон маврид аломатҳои китобатӣ риоя карда намешавад?" гуфт. Ман бадоҳатан гуфтам : "– Додар, ман мисли ту панҷ сол дар донишгоҳ барои омӯхтани нуқтаву вергул нахонда бошам, аз мани бемаълумот боз чӣ талаб дорӣ?! Худат нуқтаю вергулҳояшро ёбу гиру дар ҷояш гузор, буду шуди ман ҳамин". Аз таҳти дил ханда кард ӯ. Боз афзудам: " – Ханда накун, додар, тезтар онро хон, гиря кун, ин асар асари ягонаи аср аст. Худо накунад, ки онро нахонда ин ҷаҳонро падруд гӯӣ". Ниҳоят, ин навиштаҳо рӯи чопро дид. Бисёриҳо онро хонда оби дида рехтанд..."

Искандар ба ҳасрат қисса мекунад, модараш писари кенҷааш – Умарро беҳад дӯст медоштааст. Умар баъди хатми мактаби миёна барои таҳсил ба шаҳри Тирмиз омад. Дар хонаи Искандар зист. Ду сол паёпай ба донишгоҳ дохил шуда натавонист. Пайваста тайёрӣ дид. Соли саввум ба факултаи риёзиёт дохил гардид. Дар рӯйхати дохилшавандагон номи худро дида аз хурсандӣ ҷониби хонаи бародаронаш тохт. Искандарро ин хабари хуш ба ҳаяҷон овард ва бародарашро ба оғӯш кашида гиря кард. Умар панҷ сол дар хонаи бародараш буду бош дошт ва соҳиби маълумот гашт. Пас аз хатми донишгоҳ бародарон ӯро хонадор карданд. Ҳоло соҳиби фарзанд аст.

Назар ба гуфтаҳои Искандар як замон оилаи онҳо

рӯзгори сахту сангинро аз сар мегузаронид. Дар оила фақат падараш кор мекард. Хурондану пӯшондани ҳашт нафар бар дӯши ӯ буд. Вай соле дар деҳаи Хӯҷабулғон кор мекард, соли дигар дар деҳаи Мачай. Аксар вақт ба ин манзилҳо пиёдаву савора рафтуо дошт. Ва хусусан рӯзҳои сармои зимистон ва гармои тобистон ба азобҳои сахте рӯ ба рӯ мешуд.

Боре падараш  барои модараш як ҷуфт калӯш меорад. Рӯзе як тоқаи он  гум мешавад. Модараш гумон мекунад, ки онро  бачаҳо ба оби ҷӯй партофта бошанд. Пойлуч ба ҷӯ даромада онро мекобад, вале пайдо намекунад. Авзояш парешону табъаш хира мегардад. Ин дам падараш аз дар медарояд. Иброҳими хурдсол ҷаста аз ҷояш хеста ин хабарро начакондаву нарезонда ба падараш мегӯяд. Падар модарро ба  бепарвоӣ  сахт айбдор мекунад. Авзои модар боз парешонтар мешавад. Аз чашмонаш ҳалқа-ҳалқа ашк мерезад. Баъди як рӯз он ҷуфти калӯши гумшударо дар таги  сияҳлойи  ҷӯй пайдо мекунанд.

Роҳи оҳан аз байни ду дара бояд мегузашт. Ба бошандагони ду ҷониб  мегӯнд, ки зудтар кӯч банданд. Ҳеҷ кас ба ин розӣ намешуд. Хонаи Искандарино дар соҳили  чапи дарё, дар назди  осиёи Қурбонназар воқеъ буд. Ҳар кас ҳар хел қазоват мекард, дониставу надониста. Ниҳоят, хонаҳои вайронмешуда аниқ шуданд. Хонаи онҳо низ дар ин  маҷмӯъ дохил буд. Искандар ин хабарро шунида ба деҳа омад. Ба ман занг зада хоҳиш кард, ки ба хонаашон ҳамроҳ равам. Бо ҷои муқарраршуда расидам. Авзои ӯ парешон, табъаш гирифта ва аз хандаву базлагӯиҳояш асаре намондааст. Ҳарду ба назди хонаи онҳо расидем.  Як гурӯҳ машғули кор буданд. Эралӣ (додараш) бо чанд нафар масолеҳи хонаи

вайроншударо дар ҷое ғун мекарданд. Ин манзара кайфияти Искандарро боз ноҷӯр сохт. Шамоли сахт вазида чангу хокро бод медод. Ба даҳлези хона наздик шудем. “– Хайрият, падару модарам ин рӯзҳоро надиданд! - бо тааcсcуф оҳ кашид ӯ. - Ҳарду як умр орзу доштанд хонаву манзили нав дошта бошанд. Ба ин мақсад дар ин манзил хона бино карданд. Беҳтарин умри мо дар инҷо гузашт...” - афсӯс мекард ӯ.

“ –Тир аз камон ҷаст, додар! Сар амон бошад, кулаҳ ноёб нест,- фармудаанд бузургон. Акнун худо ба Эралӣ қувват диҳад, - таскин медодам ӯро. Ба ҷониби ошхона тоб хӯрдем.Танӯри нонпазӣ побарҷо буд. Ғайриихтиёр ин дам чашмони ӯ ба инҷониб афтод. “– Оҳ, очаҷон, кош, бори дигар аҳволи ҷигарбандони хонавайронатро медидӣ! Очаҷон, манзилу маконат ба харобазор табдил гашт!” “– Бас, додар, танҳо хонаи шумоёнро вайрон намекунанд.” “ – Эҳ, ако, афсӯс, ки қадамҷои падару модарам нест шуд. Ин дардҳоро чӣ хел фурӯ мебарам! Дар ин манзил Умарҷонро хонадор карда тӯю тамошо кардани будем. Вовайло, он ҳама ниятҳо барбод шуданд!”

Ашкҳои дидагонашро пок карда аз себи дарахт якеро канда як даҳон газиду боз худро дошта натавониста диккак нишаст. Ӯ боз гиря мекард. Бо фаросат дарёфтам, ки кунун ҳоҷат ба дилдорӣ нест. Дуртар ӯро назорра мекардам. Боз ин дам худаш ба гап даромад: “– Эҳ, падару модари бечораам, чӣ хел бо орзуву ҳавасҳо мепарвариданд ин дарахтҳоро. Мо бошем онро сарнагун мекунем, мебуррем, месӯзем. Оҳ, афсӯс!” Ӯ ин дам сукунат ихтиёр кард. Ва боз суханашро идома дод: “ – Дар ин ҷо иншооти оламшумул барпо мекунанд, илоҷи аз он сартобӣ кардан нест. Хайр, бо азоб бошад ҳам манзил хоҳем сохт”.

Пас аз чанде барои Эралӣ дуртар аз бинои Вокзал барои хона сохтан замин ҷудо карданд. Маблағи хонаро Идораи роҳи оҳан пардохт. Дуошёна таҳрезӣ шуда буд манзили нави Эралӣ.

Баъди ин воқеа рӯзе Искандар ба телефон садо мекард маро. Мегуфт барои бародараш хонасозиро оғоз карданд, ӯ айни ҳол ба устоҳо кӯмак мекунад. Агар вақтатон танг набошад, бародари қанд, як сари қадам ба дидорбинии камина оянд, сарамон ба осмон хоҳад расид. Аз он рӯзе, ки эссеи "Хоки Ватан ёд кардам"-ро ки, доир ба воқеаҳои Афғонистон бахшида шудаву қаҳрамони ин асар бандаро "бародари қанд" гӯён муроҷиат мекард, Искандар низ баъди хондани он аз даҳонаш ин гапро намепартофт. Искандар дар даст катмон лой мешӯрид. "–Ҳа, бахайр аст, Искандарҷон?" "– Бахайрӣ аст, бародари қанд! Ана, манзили Эралибоя оғоз кардем". "– Муборак шавад, илоҳо, дар дарунаш тӯю тӯйхона шавад!" Ҳарду баробар даст бар дуо бардоштем. "– Бародарҷон, - лабонаш ба табассум моил гуфт, - мо аҳд кардем, ки то Эралибойро ба ин манзилаш накӯчонем, ба назди аҳлу аёли худ намерем. Зимистон наздик. Рӯзҳои тирамоҳ кӯтоҳ. Гапи мо якто, моро медонед, мо фидоӣ ҳастем, фидоии хешу таборҳо. Мо журналист, мо раис, гуфта тамошобин намешавем. Ба хотири арвоҳи падару модар, аз дастамон чӣ ояд кӯмак мекунем".

Воқеан ҳам Искандар ба қавлаш устувор монд. То буд шудани ин манзил пою қадами хешро аз ин ҷо наканд.

" – Ако, вақте, ки ба шаҳри Тирмиз кӯчида омадам, падарам ягон кори ноҷӯяаамро пай баранд, бо овози баланд мегуфтанд: " – Кӯр, худата ба ҳар кӯву дар на-

зан! Нафсатро лаҷом зан! Аз муаллимиат намон. Худо нокарда шармандаи ҳарду олам нашавӣ, пас афсўсу надомат суд намекунад”. Ин гапҳоро ба ёд оварда худ аз таҳти дил механдид ва ман низ аз гапҳои ў завқ мебурдам. “ – Барои чӣ хешҳо дар ҳаққи Шумо гумонҳои бад мебаранд?” - суол додам ба ў. “ – Ҳамин қадар ҷон коҳонда ба Шумо шаф-шаф гуфтаму то ҳанўз аз шафтолуи гап бехабаред,- бо тааҷҷуб ба сўям нигоҳ кард ў. - Биёед, бароятон як қиссаро нақл мекунам аз ҳаёти худам. Худо раҳматӣ модарам нақл мекарданд, ки баднафсӣ аз кўдакӣ ба ман ёр будааст. Ҳар гоҳ ки падарам ба тўю маъракаҳои деҳа раванд , бо худ қанду ширинӣ меоварданд. Ҳама барвақт хоб мекарданд, мани зирак мижа таҳ накарда роҳи падарамро мепойидам. Омадан баробар аз ҷойгаҳ хеста ба ў мечаспидам. Ҳиссаи маро медоданд. Ҳиссаи дигаронро ба модарам дода таъкид мекарданд, ки пагоҳӣ ба ҳама баробар тақсим кунад. Пагоҳӣ ман хонаро ба сарам бардошта фиғон мекардам, ки ба ман аз он қанду қурсҳо ҳиссаамро диҳанд. Бародарҷон, ҳама як ҳисса хўранд, ҳамеша банда ду ҳисса мехўрдам, аз ин муроъатҳо. Чӣ мегўед, ки баднафсии банда аз ҳамон рўзҳо инҷониб ба аҳли оилаамон маълум. Аз ин хотир қарибон ҳамин хел гумонҳои бад мебаранд, ҳол он ки он одатҳои бадамро кайҳо боз тарк кардаам. Ҳа, нахандед, бародар. Ман ун Искандар не, ҳоло бобо шудам. Наход Шумо ба бобои Искандар бовар намекунед? Ин рафторатон хуб нест!”*(Ў чанде пеш наберадор шуда ва номашро Достонҷон гузошта буд ва ҳаминро дар назар дошт. - Н.Р.)* Ў каме фикр карда боз ў суханашро идома дод:

“ – Боре баднафсиам қариб буд, ки сари сабзамро барбод диҳад. Худо нигаҳбон шуд. Арвоҳи падару мо-

дар мадад кард...” Ӯ бо нақли ин қиссаҳо ҳам ғубори дил мебаровард ва ҳам бандаро низ лаҳзае аз бору ғами дунё раҳо месохт.

Дар сухангӯӣ дар воҳаи Сурхон устодон Иззатуллоҳ Кенҷа ва Адҳам Сафаров барои худ мактабе кушоданд. Бисёр нотиқони навбаромад ба ҳарду пайравӣ мекунанд, лекин Искандари нотиқ роҳи худро дорад. Баъзан нотиқони навбаромад ба устодон чунон пайравӣ мекунанд, ки дар назди онҳо тақлиди тӯтӣ ҳам ҳеҷ аст.

Чанд сол қабл аз ин, дар тӯйи суннатии Баҳром ном ҳамдеҳаамон Искандар раиси давра будааст. Шоҳидон қисса мекунанд, ки ин шаб Искандар ҳозиронро чунон хандонд, чунон гирёнд, ки ҳанӯз ҳам ин лаҳзаҳо аз хотири мардум нарафтаву ба маҳорати сухангӯиаш аҳсант мехонанд. Воқеан ҳам, ин як маҳорат, дониш, ҷуръат ва матонатро талаб мекунад. Искандар дар ин ҷода истеъдоди модарзодӣ, ҳозирҷавобӣ, хотираи мустаҳакам ва ҷуръати шерона дорад. Аз ин лиҳоз ба қавли худаш ба мухлисон даст ба даст намерасад, дар тӯю маъракаҳо. Бисёриҳо ӯро як моҳ қабл аз тӯй огоҳ мекунандаш, чун ҳофизони номдор. Ӯ мисли нотиқони тӯтихӯй аз соҳиби маърака хоҳишу илтимос намекунад, то ӯ сарвари тӯяш бошад. Нотиқи нотакрор Адҳам Сафаров боре дар яке сӯҳбатҳо дар ҳаққи нотиқи халқӣ Искандари Мирзо чунин гуфт:

“ – Искандари Мирзо дар нотиқӣ бемислу монанд аст. Ӯ ба ду забон – тоҷикиву ӯзбекӣ тӯю маърака ва давраҳоро хотирнишин идора мекунад. Дигар нотиқони навбаромад бояд ба ҷои тақлиди беҷо аз ӯ ибрат гиранд”.

Воқеан ҳам сардорӣ, сарварӣ чун амаконаш Шариф Бобоев, Худойбердӣ Кенҷабоев дар хӯю хислати ӯ ҷӯш

мезанад. Бисёр маҳфилу маъракаи ҳамзабонон маҳз бо ибтикори ӯ ташкил меёбад.

Боз як хислати беҳтарини Искандари Мирзо меҳмоннавозии ӯст. Бонуи хона, ҳамсари бофарҳангу омӯзгори моҳир Холида - апа аз ҳамсараш як зина боло меистад гӯем, муболиға нахоҳад шуд. Шабе нест, ки меҳмоне дари хонаи ӯро накӯбад. Ӯ ҳама замон бо рӯи кушод ва бо суханҳои дилнишин онҳоро қабул мекунад. Дари хонаи ӯ ҳамеша ба рӯи дӯстон чун дили беолоишаш кушода аст. Аҳли қаламi воҳаи Сурхон: Сулаймони Хоҷаназар, Чоршанбеи Деҳнавӣ, Холбой Ҷалил, Муҳаммадҷон Раҷабӣ, Ҷаъфари Муҳаммад, Солеҳ Муҳаммадҷон, Абдулло Раҳмон, Фозили Шукурзод, Олими Панҷизода, Саидаи Синавӣ, Сурайё Норман, Турдии Ҳасрат, Хайруллоҳи Насриддин, Хусрав Саъдуллоҳ ва эҷодкорони тошкандӣ Паймону Абдулло Субҳон ва Зебо Тоҳириён дар хонаи ӯ меҳмон шуда, аз сӯҳбатҳои дилнишини ӯ баҳравар гаштаанд.

Табиати на ҳар фард ҳазлу мутоиба ва шӯхиро мепарастад. Искандар бо кадом роҳе набошад, бо ҳамсӯҳбати хеш шӯхӣ мекунад. Ҳатто ба Фозили Шукурзод, ки ба хӯю хислати ӯ ин одат бегона аст, баъзан ҳазл мекунад ва боиси малоли хотир мегардад. Ногуфта намонад, ки Искандар Фозили Шукурзодро сахт эҳтиром мекунад. Шеърҳои ӯро гаштаву баргашта хонда аз ёд мекунад. Махсусан, шеъри “Булбулони зоғгашта”-и ӯро.

Боре ҳамин Фозили шоир аз ноҳияи Сариосиё ба шаҳри Тирмиз меояд. Онҳо се нафар – Искандар, Фозил ва Шароф ба хонаи ӯ меоянд. Айни тамузи тобистон. Холида-апа зуд дар болои кати чӯбин чой тайёр мекунад. Ин лаҳза Шарофу Искандарро ба воситаи телефон ба куҷое даъват мекунанд. Ҳарду аз Фозил узру маъ-

нӣ хоста аз ҳавлӣ берун мебароянд. Мошин ба ҳаракат надаромада, Искандар дубора ба ҳавлӣ дохил мешавад ва ба Фозил мегӯяд: “Фозилҷон, мо зуд бармегардем, Шумо бемалол бошед, лекин мабодо ба янгаатон ҳазл накунед”, гӯён аз ҳавлӣ берун мешавад. Шароф аз Искандар мепурсад, ки чаро дубора ба ҳавлӣ даромад. Ӯ буди шуди гапро мегӯяд. Ҳарду баробар хандида як лаҳза мошинро нигоҳ медоранд. Ин дам Фозил бо авзои гирифта аз ҳавлӣ берун меояд. Шароф аз ханда худдорӣ карда натавониста ба ӯ мегӯяд:

“– Хафа нашавед, додар, Искандар ҳар моҳ ҳамин рӯзҳо ҷунунаш боло мегирад. Ин рӯз гирифтори ин дард аст. Шумо як ҷавони фозил, наход аз ин ҷиннӣ хафа шавед?”. Ҳарду бо зорию тавалло Фозили шӯридаро ба ҳавлӣ медароранд. Ҳанӯз ҳам аҳли қалам ин шӯхиҳои Искандарро ба ёд оварда бо завқ механданд.

Дар бораи Искандар метавон як роман навишт. Ба қавле, афсонаи Искандар поён надорад. Ин ангоштаҳо аз кору рӯзгори Искандари Мирзо қатрае аз баҳр буду бас. Худо агар мадад кунад, давоми ин қиссаро идома хоҳам бахшид.

***Нуралӣ РАҶАБ,***
*нависанда ва журналист*

**МУНДАРИЧА**

Мусаввири тафаккур ва тахайюли рангин..................3

РАНГИ ХАЁЛ

Офтоби Шаҳри Дил ....................................................12
Ҷони Оча ..................................................................42

БӮЙИ ХАЁЛ

Дарахтникоҳ.............................................................118
Шишаи номус ...........................................................123
Ҳақиқати афсона ......................................................135
Дар сӯҳбати Дурӯғ ...................................................140
Бозгашт ба асл .........................................................143
Алвидоъ, Таъриф! ....................................................146

Афсонаи Искандар ...................................................148

**Адабий-бадиий нашр**

*Искандар Мирзо*

*ОНАНГ ЎРГИЛСИН*

**Қиссалар ва ҳикоялар**

(Тожик тилида)

*ҶОНИ ОЧА*

**Қиссаҳо ва ҳикояҳо**


Муҳаррир *Б. Баротов*
Бадиий муҳаррир *А. Ақилов*
Техник муҳаррир *У. Ким*
Саҳифаловчи *Б. Усмонов*

Лиц. AI № 111. Босишга 28. 05. 2015 йилда рухсат этилди.
Бичими 84x108 $^{1}/_{32}$. Ҳажми 10,0 б. т.
Адади 1000 нусха. Шартнома № 22. Буюртма № 105/4.

«YANGI NASHR» нашриёти,
100115, Тошкент ш., Чилонзор кўчаси, 1-уй.

Оригинал макет «Bilik-Print» МЧЖ корхонасида тайёрланди.
100115, Тошкент ш., Чилонзор кўчаси, 1-уй.

«ADAD PLYUS» МЧЖ босмахонаси.
Тошкент ш., Чилонзор тумани, Бунёдкор кўчаси, 28-уй.



Нависанда, шоир ва публицисти маъруф Искандар Мирзо (Кенҷаев) дар соли 1963 дар гузари Сангчили деҳаи Дарбанд воқеъ дар ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарё таваллуд шуд. Таҳсилоти миёнаро дар мактаби деҳаи худ (№ 10) фаро гирифт. Дар солҳои 1987-1989 дар Омӯзишгоҳи омӯзгории Тирмиз таҳсил кард. Солҳои 1992 – 1999 муҳаррири бахши тоҷикии Телерадиокомпанияи вилояти Сурхондарё буд. То соли 2004 дар рӯзномаи “Садои Сурхон” чун хабарнигори махсус кор кард. Ҳамзамон дар тӯли беш аз бист сол ба донишомӯзон аз варзишу ҳунар низ таълим додааст. Шеъру достонҳо, мақолаву ҳикоя ва ҳаҷвияҳои Искандар Мирзо дар нашрияҳои тоҷикиву ӯзбекии вилоят ва маҷмӯъаҳои дастҷамъӣ ба чоп расидаанд. Маҷмӯъаи шеъри ӯ бо номи “Фариштаи сухан”(2014) дастраси мухлисон гардидааст. Алҳол ба унвони сармутахассиси Идораи умури фарҳанг ва варзиши шаҳри Тирмиз фаъолият дорад.

ISBN-978-9943-22-189-5
YANGI NASHR

ИСКАНДАР МИРЗО ◆ ҶОНИ ОЧА